# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ “МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР”

**САРМУҲАРРИР**
**ЭҲСОН САФАРЗОДА**



**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика, муҳаррири шуъба.

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** мудири шуъбаи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.



**МУАССИС:**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи матолиби нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:**

Департаменти хазинадории Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»
**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**
Барои маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»

**Котиби масъул**
**Сайрам АЛОВАТШОЕВА**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6832 нусха. Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи “Мега-принт” ба табъ расидааст.

# МУНДАРИҶА


**ХУДШИНОСӢ**

**С. ЯТИМОВ.** Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад....................................................3

**ҲАМОВОЗӢ**

**Ғ. ҒАРИБШОЕВ.** Маориф - заминаи асосии пешрафти кишвар.....................14

**ИФТИХОР**

**Х. НЕЪМАТОВА.** Меъмори сулҳи тоҷикон....................................................16

**ҶАШНВОРА**

**А. РАҲМОНЗОДА, Р. РАҲМОНӢ.** Сада дар гузашта ва имрӯз.....................18

**ОИНИ НИЁГОН**

**Р. ХУДОЁРЗОДА.** Сада мужда аз Наврӯз аст..................................................27

**РИСОЛАТ**

**Д. ШАФИЕВА.** Омӯзгор бояд ҳамеша омӯзад..................................................29

**РАВОНШИНОСӢ**

**М. ТОШПӮЛОДОВ.** Муайян намудани мизоҷи шогирдон............................31

**САНЪАТИ СУХАН**

**Б. САИДОВА, М. АКРАМОВА.** Талмеҳ дар рубоиёти Ҷалолиддини Балхӣ..........................................................................................36

**ЗАБОНОМӮЗӢ**

**З. НАЗИРЗОДА.** Хабар ва намудҳои он дар забони англисӣ..........................40

**МЕТОДИКА**

**С. МУҲАММАД.** Таъмини рушди фаъолияти зеҳнӣ ва ақлонии хонандагон дар раванди таълими физика……………………….…………..42

**ОМӮЗИШ**

**А. РИОЕВ.** Таълими проблемавӣ ва истифодаи он дар дарсҳои технология (таълими меҳнат).....................................................................47

**РИЁЗӢ**

**Р. РАҲИМОВ.** Нобаробарии Бернуллӣ ва татбиқи он....................................52

**ТАҚРИЗ**

**Н. ОХУНЗОДА.** Таҳқиқи махсусиятҳои публитсистикаи тоҷик.....................56

**ШИНОХТ**

**А. ШАРИФЗОДА.** Табиат, илм ва тафаккури техникӣ....................................60

**МУАММО**

**Ҳ. ҲОМИД.** Муаммои “Ҳандаса”.....................................................................64

## ХУДШИНОСӢ



***С. ЯТИМОВ,***
***профессор***

# ТАВОНО БУВАД, ҲАР КӢ ДОНО БУВАД

***(Андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат)***

### МУҚАДДИМА

Дар таърихи навтарини миллати тоҷик Паёми Роҳбари давлат – маҷмуи таҳлил, арзёбӣ, як навъ ҳисобот, инчунин, натиҷагирӣ аз фаъолияти ҳукумат ва дар ин асос, ироаи тасмимҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва нақшаҳои ҳаётан муҳимми мақомоти олии мамлакат мебошад.

Нуқтаи архимедӣ - такягоҳии ҳуҷҷат баҳогузории кори ҳукумат дар соҳаи иқтисод аст.

Вобаста ба ин, дар Паём, дар робита бо равандҳои бузурги ҷаҳонишавӣ таъкид мегардад: «Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд» (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе. Дониш, 2023. – С. 3)

Чунин хулоса бо далелҳои эътимодбахш тасдиқ карда мешавад: «Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт» (Ҳамон ҷо. – С. 4).

Аз муҳимтарин масъалаҳои дигаре, ки дар Паём мавриди баррасӣ қарор дода шуд, вазъи соҳаи маориф ва рушди маърифатнокӣ дар солҳои наздик ва дарозмуддат мебошад. Мавзуи баҳси мо ҳамин ҷанбаҳоро дар бар мегирад.

### ЭҲЁИ МАНЗАЛАТИ ХИРАД

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали интихоб шудан ба мақоми Сарвари давлат ба масъалаи рушди илм, мактаб ва маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд.

Давраи роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба бахти миллати тоҷик, зиёда аз чоряк асрро дар бар мегирад, замони гул – гулшукуфии асосҳои бунёдии давлати миллии тоҷикон, аз ҷумла, соҳаи мактабу маориф мебошад.

Агар ба қавли таърихнависон, асри X – замони салтанати Сомониён, давраи тиллоии тараққиёти илм, адабиёту фарҳанг ёдоварӣ шавад, замони роҳбарии Пешвои миллат дар шароит ва имконоти навин, бидуни шак, муассиртар, самараноктар ва бузургтар аз он аст. Чунин амал, бо мантиқи сухани Отто фон Бисмарк, ки ҳангоми муколамааш ба халқ гуфта буд: «Мо нисбати падарони худ беҳтар кӯшиш ва натиҷабардорӣ хоҳем кард!» ҳамоҳангӣ мекунад.

Ин дастовардҳо дар Паём возеҳ тафсир гаштаанд.

Муҳимтарин таъйиноти давлат ва давлатдорӣ таъмини амният (1) ва сиёсати иҷтимоӣ (2) мебошад. Сабаб ва натиҷаи ин ду ҷузъиёти бо ҳам дар алоқамандӣ, пайвастагӣ, вобастагӣ ва муайянкунандагибуда, дар Паём инъикос меёбад: «Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории

соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард» (Ҳамон ҷо. – С. 5).

Беҳтарин инъикоси далелнокии хулосаҳои мантиқӣ рақамҳо ҳисобида мешаванд. Исбот кардан, асоснок намудан тавассути аёният, нишон додани натиҷаҳои фаъолият бозгӯкунандаи ҳақиқат мебошанд. Дар Паём ин усул эътимодбахш баён мегардад: «Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла, дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст» (Ҳамон ҷо. – С. 5).

Аз дигар лиҳоз, далелнокии мантиқӣ он аст, ки худи ҳақиқати воқеӣ хосияти дарки мустақилро касб мекунад. Тасдиқи он ба сарфи вақт ва кӯшиши маҳз ниёз надорад. Ба забони одӣ, инфрасохтори соҳаи маориф зина ба зина, бо ташаббуси Роҳбари давлат сохта ва дар истифодаи муаллимон, наврасон, ҷавонон, падару модарон қарор дода шудааст. Яъне, ин натиҷаҳо ба ҳамагон маълуманд.

Чунин дастовардҳо дар роҳи рост, худ ба худ ба даст намеоянд.

Худи таърих ҳам дар асл падидае нест, ки аз он амал рӯяд. «Таърих ҳеҷ коре намекунад. Вай ягон хел бойигарии беохир надорад». Он «дар ягон ҷабҳа мубориза намебарад!». На «таърих», маҳз инсон, инсони воқеӣ, зинда – ана ҳамин аст, ки ҳамаи ин корҳоро анҷом медиҳад. Ҳамаи чизро дорад. «Таърих» ягон шахси алоҳида нест, ки инсон аз он ҳамчун восита барои амалӣ кардани мақсадҳои худ истифода намояд. Таърих ғайр аз фаъолияте, ки одам дар он мақсади худро амалӣ мекунад, чизи дигаре нест». (Иқтибос аз асари В.А. Малинин «Философия революционного народничества». –М.: Наука, 1972. – С. 211). Таърихсоз Инсон аст, ки ба вақту муҳит муҳтаво мебахшад. Шахсияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номи миллати тоҷик, давлати миллии тоҷиконро машҳури олам сохт. Сиёсати маорифпарварии Пешвои миллат қисмати муҳимми ин маъруфият маҳсуб мегардад.

Ҳамзамон, мантиқ ва усули сиёсати Роҳбари давлат, аз ҷумла, дар самти маърифати умумимиллӣ, ба андешаи мо, бар чор унсур асос ёфтааст – ваҳдати миллӣ (1); ҷаҳду кӯшиши хастагинопазир барои рушду тараққии миллӣ (2);ояндабинӣ (3) ва навовариву навгонӣ (4).

Ҳамагон шоҳиди онанд, ки муносибати Пешвои миллат ба соҳаи илму маориф хосияти энсиклопедӣ дорад. Бурду бохт ва тақдири имрӯзу фардои давлатро, пеш аз ҳама, дар сатҳ, сифат ва самараи фаъолияти соҳаи маориф медонад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шояд аз нодиртарин раҳбарони сиёсии олам аст, ки бо мардуми одӣ ба тарзи мустақим, рӯ ба рӯ суҳбат ва ҷаласаҳо меорояд. Бо тамоми қишрҳои аҳолӣ - оғоз аз мактабҳои ибтидоӣ, миёна, олӣ, деҳқонон, коргарон, олимон, кормандони соҳаҳои эҷодӣ, аъзои ҳукумат бо сарфи қимматарин арзиш - вақт, батафсил, тахассусмандона, бурдборона, бо дарки хусусияти шахсӣ, дараҷаи дониш ва касбияти ҳар кас муошират мекунад. Ба муҳтавои нутқи ҳар кадом таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ин восита мехоҳад, тасаввурот ва маълумоти худро оид ба ҳолу аҳвол, сатҳи маърифатнокии онон бозсанҷӣ, хулосабарорӣ ва чораҷӯӣ кунад. Ин усул ва тарзи давлатдорӣ намунаи олии ҳидояткунандаи раҳбарист.

Он нуктаро таъкид бояд кард, ки яке аз мавзуъҳои марказии муҳокимаронии Сарвари давлат, таъкид кардани нақши илм, дониш, мактаб, маориф, касбият ва тахассусмандӣ дар ҳаёти имрӯза ва ояндаи миллат мебошад.

## ҶАҲОНБИНӢ, ТАҚДИР ВА ТАЪРИХ

Бузургтарин фоҷеаҳое, ки дар тӯли асрҳо ба сари миллати тоҷик омадаанд, аз зарфияти камтарини дарки оммаи мардум дар қиболи воқеияти ҳастӣ сарчашма мегиранд. Одамон тақдири имрӯза ва фардои худро на ба қудрат, тавоноӣ, воқеият, имконоти инсонӣ, ҳолат ва вазъияти ақлонии мавҷудоти соҳибтафаккур, балки ба он тахминҳо ва ҷаҳонбиниҳое ҳавола мекунанд, ки аз доираи мавҷудоти моддӣ берунанд.

Саволе ба миён меояд, ки барои чӣ, ҳадди ақал, дар Осиёи Миёна ва умуман, Осиёи Бузурги Марказӣ, миллати тоҷик нисбат ба дигар халқияту миллатҳо майли зиёдтар ба таваккалу тақдирсолорӣ дорад? Ҳатто намояндагони аз лиҳози таҷрибаи зиндагӣ варзида ва соҳиб

маълумоти он тамоюл ба фарҳангу ҷаҳонбиние доранд, ки аз рӯи моҳият, таъйиноти сиёсӣ ва идеологӣ наметавонанд, ба ормонҳои давлатдории миллӣ созгор бошанд. Дар ин ҷода бо ҳазорҳо ҷавонони гумроҳ, ки барои ҳимояи манфиатҳои геополитикии абарқудратҳо дар хориҷи мамлакат ҷон медиҳанд, ҳамақидатии бунёдӣ ба намоиш мегузоранд. Агар он гурӯҳ (ҷавонон) хонахез ба «ҷиҳод» раванд, ин гурӯҳ (зиёиёни миллӣ – «мағзи миллат») дар ҷабҳаи саҷда пешсафанд.

Дар мушкилоти миллии фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии сиёсӣ афтодани миллати тоҷик фақат ҷойи таассуф аст. Аммо онро мебояд аз лиҳози илмӣ – таърихӣ дарк ва тавассути маърифатикунонӣ чораандешӣ кард.

Натиҷабардорӣ ва хулоса он аст, ки руҳ ва маънавиёти ғайримиллӣ натиҷаи ҳолати ғуломӣ, адами пуштибони аслӣ – ҳокимияти сиёсии миллати тоҷик дар тӯли ҳазор сол аст.

Худи муносибати ҷаҳонбинии илмӣ (муайянкунандагӣ, воқеӣ, назарияи дар таҷрибаи зиндагӣ тасдиқгардида, заминӣ) ва масъалаи ташаккули вазъи руҳӣ (сиёсӣ, идеологӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ) фақат дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ ба тарзи механикӣ, дар ҳолати бетавофутӣ, ғайримақсаднок арзи вуҷуд мекард. Вассалом.

Падидаи давлат, хосияти синфӣ, ҳизбӣ, динӣ, гурӯҳӣ, ба таври истисноӣ, фардӣ дорад. Аммо дар ҳар ҳолат аз паси ин зуҳуроти иҷтимоӣ миллате меистад. Бо ҳамин имконот миллатҳое, ки аз пуштибонии ҳокимияти сиёсӣ бархурдоранд, ба хотири субот ва давомнокии ҳамин ҳокимият ақида, ҷаҳонбинӣ ва идеяҳоеро истеҳсол ва дар ақлҳои табааи (раият, фуқаро, банда, мутеъ, фармонбардор, зердаст, хидматгор. Русско-таджикский словарь. –М.: Русский язык, 1985. – С.753) худ мекоранд ва парвариш медиҳанд, ки манфиати миллати ҳокимро ҳимоя мекунад. На ангезаи бештар аз онро.

Таҳкими ҷаҳонбинӣ ва ақидаи ғуломӣ умри низоми ғуломдориро дароз мекунад. Мутаассифона, мо дар ҳаёти рӯзмарра ин ҳолати асрҳо тамдидёфтаи фоҷеазоро мебинем. Аммо «вақте расад, ғулом дарк кунад, ки ӯ воқеан, ғулом аст, ӯ дигар ғулом нест» (А. Шопенгауэр). Моҳияти пайравӣ ва саҷдагорӣ ба фарҳанги бегонаро ҳикмат ҳамин аст. Аммо озод шудан аз ғуломии ақидатӣ ва ҷаҳонбинӣ, аз лиҳози илмӣ дарк кардани сабабҳои худи бандагӣ аст. Ин вазифаи таърихии ҳокимият, омӯзгор ва омӯзанда мебошад.

Муҳтавои ҷаҳонбинӣ ва равандҳоеро, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо тоҷикон, онро дар сатҳҳои гуногун, ба тарзи одӣ «пайравӣ ба фарҳанги бегона» меноманд, падидаи маъмулӣ - ғуломии руҳӣ ва ақидатӣ аст. Чизи дигаре нест.

Маҳз ҳамин ҳолат, ҳамин ҷаҳонбинӣ муҳтавои гуфтор ва рафторҳои ғуломонаро тавлид, ташвиқ, тарғиб, «асоснок» ва барои мутеъшавӣ ба онҳо истодагариву якравӣ мекунад. Аз ин ҷост, ки:

*Кова, ки донад задан бар сари Заҳҳок путк,*
*Кай шавадаш пойбанд кӯраву сандону дам.*

**(Хоқонӣ)**

Мутаассифона, ин ҳолат, батадриҷ, ҷомеаро ба мушкилоти ислоҳнопазир мебарад. Ва кор агар ин асту вазъ ину фикру пеша ин, шояд қавм як замон аз паҳлуи таҳлили таҷрибаи таърихи фоҷеабораш гузарад. Ба атроф нигарад. Вориди андеша гардад, то теша аз решаи хеш баргирад.

Нуқтаи ниҳоии бухрони ақидатии аввали солҳои навадум пуштибонӣ аз назарияи босмачигарӣ ва хомӯшии ризоятмандонаи «мағзи миллат» – зиёиён буд. Ҳамагӣ бо гузашти чанд моҳ, ҷомеаи тоҷик аз назария ба амалияи он – ҷиҳодгароӣ рӯ ба рӯ гашт.

Акси садои ҷаҳонбинии зиддимиллӣ дар шаклҳои гуногун имрӯз ҳамчун шабаҳ баръало ба чашм мехӯрад. Ва ба гӯшҳо мерасад.

Яъне, масъалаи ба алангаи ҷанги шаҳрвандӣ фарогирии ҷавонони солҳои шастуму ҳафтодуми асри гузашта, зери таъсири ақидаҳои муллоҳои ифротӣ мондани онҳо, ҳамчун камбуди бузурги давлат ва давлатдории он замон бояд ба инобат гирифта шавад.

Мусаллам аст, ки агар ҳар як нафар аз эҷодиёти адибону олимони классик ва муосири тоҷик дар доираи муҳтавои барномаи таълимии давр баҳравар мегашт, ҷараёни тарбия вазифаи асосии

худ – муътақидкунониро иҷро карда метавонист, назарияҳои зиддимиллӣ аз захираҳои эҳтимолии қувваҳои ҳаракатдиҳандаи худ маҳрум мегашт.

## ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ВА МАКТАБИ МИЛЛӢ

Таваҷҷуҳи фавқулодаи Пешвои миллат нисбат ба фаъолият, сифат, самараи мактаб ва маориф ҷанбаи бунёдӣ – таърихӣ дорад.

Бузургтарин олимони ҳама давру замон асос гузоштан ва ҳифз кардани сохти давлатдориро берун аз масъулияти мактаб шиори хушку холӣ ва амали бебунёд ҳисобидаанд.

Ҳанӯз дувуним ҳазор сол қабл, яке аз саромадони фалсафаи объективии олам Аристотел таъкид кардааст: «Қонунгузор мебояд ба тарбияи ҷавонон аҳамияти фавқулода диҳад. Маҳз дар давлатҳое, ки чунин муносибат нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад» (Аристотель. Политика. –М.: РИПОЛ классик, 2010. – С. 535).

Файласуфи Юнони Қадим бидуни дудилагӣ, гаштаву баргашта, хотиррасон мекунад, ки барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ, муҳтавои тарбия, умуман, сиёсати ҳукумат дар соҳаи таълиму тарбия бояд таҳти назорати қатъӣ ва корбарии давлат бошанд.

Ӯ бо дилсӯзии маҳз таъкид месозад: «Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ мувофиқат намояд. Сифатҳои ба худ хоси ҳар як сохти давлатдорӣ, асосан, барои ҳифзи ҳамон сохти давлатдорӣ хизмат мекунанд» (Ҳамон ҷо. – С. 535).

Дар идомаи сухан Аристотел таълиму тарбияро ҷанин, асос, ибтидо, сабабгори тавлид ва шаклгирии муҳтавои сохти давлатдорӣ мешуморад: «Тарбия аз оғоз бунёнгузори сохти давлатдорӣ аст» ва чун устоди бузурги одамизод хотиррасон мекунад: «Ҳама вақт сифати нек шакли хуби сохти давлатдориро таъмин менамояд» (Ҳамон ҷо. – С. 536).

Фаромӯш кардан ба фоидаи ояндасозӣ нахоҳад буд, ки як сабаб дар як ҳолат, дар як шароит ва дар як вазъ натиҷаи якхела ба бор меорад.

Фақат дар ҳар ҳолат баҳонаҳо гуногун мешаванд.

Аммо ин муҳим нест. Ба ғайр аз ин, байни сабаб (1), натиҷа (2), шароити мувофиқ (3) алоқаи ногусастанӣ вуҷуд дорад. Сабаб бошад, барои он шароит омода гардад, натиҷа ба зуҳуроти бебозгашт мубаддал мешавад.

Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистони солҳои навадум ҳодисаи осмонӣ ва ғайричашмдошт набуд. Анчари дар ҳамин сарзамин рӯидаи хосияти заҳҳокигирифта буд.

Роҳбарон ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи зиддимиллӣ дастпарварда ва маҳсули ҳамон мактабҳои аз назорати давлат ва сиёсати давлатдорӣ дурмонда буданд.

Тасдиқи чунин натиҷаи сабабӣ кашфиёт нест. Аз «умри Хизр дарозтар ва аз мулки Искандар фаротар» (таъбири Ҳофиз) аст.

Вобаста ба ин бори дигар мурочиат шавад ба китоби «Сиёсат»-и Арасту, ки мегӯяд: «Ба хотири он ки давлат, дар маҷмуъ, ҳамагӣ як мақсадро мадди назар дорад, мусаллам аст, ки барои ҳама тарбияи ягона ва якхела лозим аст. Ва ғамхориву муносибат ба чунин тарбия мебояд кори умумӣ бошад, на шахсӣ, мисли он ки дар ҳоли ҳозир ҳар касе чунин хаёл дорад ва он чизе, ки ба сари ӯ меояд» (Ҳамон ҷо. – С. 536).

Аристотел назарияи худро дар доираи категорияи «манфиат»- и давлатдорӣ, ки асоси онро амният, рушд ва тараққиёт ташкил мекунад, чунин шарҳ медиҳад: «Чизе, ки манфиати умумӣ (давлатмеҳварӣ – С. Я.) дорад, мебояд дар доираи фаъолияти дастаҷамъӣ ҳаллу фасл гардад» (Ҳамон ҷо. – С. 539).

Ба ибораи дигар, худи тарбия ҳамчун мафҳуми системавӣ амалест, ки барои ташаккули шахсият, дар асоси арзишҳои руҳӣ ва маънавию ахлоқӣ, барои таъмини манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, дар замири одамон бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ, масъулияти бузурги шаҳрвандӣ хизмат намуда, аз муҳимтарин вазифаҳои давлат маҳсуб мегардад.

Давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқӣ наметавонад ва ҳуқуқ ҳам надорад, ки дидаву дониста ва бошуурона, дар дохили ҷомеа нисбат ба падидаҳои аз лиҳози тарбия номуваффақ, ки имкон дорад дар ояндаи наздик ва дур ба сохти конститутсионӣ, суботи мамлакат хатар эҷод кунанд, бетараф бошад.

Чунин талабот фарогири ҳама қишрҳои ҷомеа аст. Он чунин масъулияти бузургро бар дӯши падару модар, мактабҳои миёнаву олӣ, масъулони соҳаи дин, хулоса, кулли ҷомеа мегузорад. Муколамаи байни одамон мебояд дар асоси арзишҳои умумибашарӣ ба мақсадҳои рушди миллӣ созгор бошад.

Оё гуфтан мумкин аст, ки ин хулосаи нав ё фавқулодда аст?

Албатта, не.

Аристотел дар ин маврид нуқтаҳои принсипиалӣ, ба андешаи мо, махсусан, муҳимро таъкид месозад, ки онҳоро ҳамчун сармашқи фаъолият ба назар нагирифтан мумкин нест: «Набояд фикр кард, ки ҳар шаҳрванд худ ба худ аст. Не, ин тавр нест. Ҳамаи шаҳрвандҳо мансуб ба давлат мебошанд. Барои он ки ҳар кадоми онҳо як ҷузъи давлат ҳастанд. Ва ғамхории ҳар кадом бояд парастории ҳамаро дар назар дошта бошад» (Ҳамон ҷо. – С. 536).

## ШАРОИТИ ВОҚЕИИ ФАЪОЛИЯТ

Паём барои ҷомеа ҳамчун сарчашмаи маълумоти аслӣ мебошад. Вақте одамон дар бораи соҳаҳои гуногуни давлатдорӣ донишҳои ҳамсон ба воқеият пайдо мекунанд, сарфаҳм рафтан ба моҳияти масъалаҳои ҳаётан муҳим, ки ҳукумати мамлакат барои ҳаллу фасли он тамоми неру ва имконоти худро сарф кардааст, осон мегардад.

Боиси эътироф, эҳтиром ва қадршиносист, ки матни Паём дар чаҳорчӯбаи талаботи илмӣ, бо назардошти таҳаввулот ва дигаргунии мавзуъ омода гардида, нуқтаҳои аслии он бо истифода аз методи муқоисавӣ – таърихӣ асоснок карда шудаанд: «Дар 31 соли Истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта, ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд». (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе. Дониш, 2023. – С. 5).

Тоҷикистон бо вуҷуди буҳрони сангини таҳмилӣ, имконоти ниҳоят маҳдуди захираҳои сӯзишворӣ ва мушкилоти геополитикӣ ба чунин дастоварди бузург ноил гардида бошад ҳам, дар арзёбӣ ва хулосабарории кори анҷомшуда, усул ва корбарии хирдамандонаи Роҳбари давлат – ҳеҷ вақт қаноат накардан ба натиҷаҳои фаъолият мушоҳида мегардад: «Бо вуҷуди ин, корҳои то имрӯз дар ин самт амалигардида ҳоло ҳам басанда нестанд» (Ҳамон ҷо. – С. 5).

Яъне, нақшаҳои бузург ҳоло дар пешанд.

Ҳукумати мамлакат мекӯшад, ба инкишофи ҳаматарафаи шахсият – бойигарии маънавӣ, покизагии ахлоқ ва инкишофи ҷисмонӣ, ки бунёди он дар шароити таҳсилоти миёна гузошта мешавад, минбаъд ҳам таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд.

## ИНСОН – МАҲСУЛИ ҶАМЪИЯТ ВА МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

Агар одам аснои ба дунё омадан мафҳум ва падидаи биологӣ бошад, мартабаи «инсон», «шахс», «шахсият» қисмат ва маҳсули ҷомеаи инсониву муҳити иҷтимоӣ аст. Тибқи хулосаи олимони маъруф «...моҳияти инсон истилоҳи мавҳум, номуайян нест, ки ба як шахс мансуб бошад. Воқеан, одам маҷмуи кулли муносибатҳои ҷамъиятӣ аст».

Одам офаридаи ҷисмонӣ, маводи олии табиат аст. Хосияти анатомифизиологӣ ва қонунмандиҳои биологиро дар худ таҷассум мекунад. Ҳамзамон бо ин, табиат дар шаклгирии муҳтавои ҷаҳонбинии сиёсӣ ва иҷтимоии инсон нақш дошта наметавонад. Аммо на танҳо забон, шеваи гуфтор, ҷаҳонбинӣ, муносибат ба олами ҳастӣ - муҳити атроф, балки аз «чорпоӣ» ба ду по истода роҳ гаштанро ҳам одам аз одам меомӯзад.

Аз тарафи дигар, набояд гумон кард, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳуроти аз инсон дур ва ҷудогонаанд. Баръакс. Худи муносибатҳои ҷамъиятӣ моҳият, мағз андар мағзи инсонро ташкил мекунанд.

Натиҷаи муносибати худи одамон дар асоси фаъолияти дастаҷамъӣ (ҳамкорӣ, муомила, муошират, табодули афкор, ҳамраъйӣ,) шакл мегирад. Маҳз дар аснои муносиботи ҷамъиятӣ ҷанбаҳои дарк (сарфаҳм рафтан, фаҳмидан)-и олами атроф (табиат, ҷамъият, давлат, тамаддун, фарҳанг, дин ва ғ.) ба вуҷуд меояд.

Ҷаҳонбиниҳо, идеяҳо, ормонҳо, нияту мақсадҳои ақидатӣ ба инсонҳо зарурати гурӯҳбандии иҷтимоиро дар ҳар шакл ҳидоят мекунанд. Асос мегузоранд.

Пас ин террористҳо, ифротгароён, худкушҳо - диишиҳо, ансоруллоҳиҳои наҳзатӣ, салафиҳо, таҳририҳо, унсурҳои зиддимиллӣ кай, дар кадом ҳолат, аз куҷо пайдо шуданд?

Надоштани дониши бунёдӣ, раҳгумиҳои зиддимиллӣ, фосилагирӣ аз ҷаҳонбинии маорифпарварона дар муҳити муайян – оила, муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо, алоқа бо шахсони ифротгаро сабаб шуд, ки садҳо ҷавон ба гурӯҳҳои террористии байналхалқӣ ҳамроҳ гашта, миллат ва давлати Тоҷикистонро дар арсаи олам бадном созанд. Ва ин ҷараён шиддат гирифта истодааст.

Дар назария ва амалияи таъмини вазъи амнияти давлат, ҳам дар дараҷаи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ, се мафҳум ҳамчун истилоҳи қолабӣ (формула) истифода мешаванд: рақиб (1); мақсад ва ниятҳои рақиб (2); қувва ва воситаҳои таъмини амнияти давлати миллӣ (3).

Таҳлилгар, масъул ва тасмимгир мизон ва таносуби ин се ченакро мебояд пайваста пайгир бошанд. Дар муддати 24 соат.

Аммо «амният» мафҳуми фардӣ, идоравӣ, соҳавӣ, махсускунонида ва маҳдуд нест. Таъмини амнияти давлат мафҳуми занҷиравӣ аст. Низоми ягонаи дар меъёрҳои конститутсионӣ муайяншуда мебошад. Он фаъолияти маҷмуи дастгоҳҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маърифатӣ, идеологӣ, фарҳангӣ ва монанди инҳоро дар бар мегирад. Дар занҷир ҳалқаи сусттарин оқибат мешиканад. Ва занҷир таъйиноти худро аз даст медиҳад.

Агар аз рӯйи назарияи воқеият ҳамчун категорияи мантиқ назар кунем – бадтарин ҳақиқат беҳтар аз беҳтарин раҳгумзаданҳост. Яъне, системаи ягонаи таъмини амнияти миллӣ, ки қисмати асосии онро мактаб ва маорифи умумӣ ташкил мекунад, дар муқобили идеологияи геополитикии ноором сохтан ва шикаст додани давлатҳои миллӣ, номутаносиб будани худро дар амал, дар таҷриба нишон дода истодааст.

Албатта, ҷанг ҳамчун истилоҳ мафҳуми сиёсӣ ифодакунандаи мақсад ва ҷараёнҳои сиёсӣ барои тағйир додани вазъ ва андозаи истифодабарии манфиатхост. Ҳамчунон, ҷанг ягона воситаест, ки сифат ва самаранокии системаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, таълимӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва идеологии як давлат дар он имтиҳон карда мешавад. Набудани ҷанг сулҳ аст. Аммо вазъи минтақа ва ҷаҳон, ки Тоҷикистон ҷузъи он аст, ниёз ба шарҳи иловагӣ надорад.

Агар вазъияти маънавӣ – идеологии насли ҷавон дар чаҳорчӯбаи мафҳумҳои баёншуда тафсир гардад, ба манфиати суботи пойдори давлатдорӣ арзёбӣ кардани он мушкил мешавад.

Фаъолияти мактаб, маориф - кӯшишҳои ташаккули ҷаҳонбинии мардум, махсусан, ҷавонон, мебояд ба он нуктае равон карда шавад, ки маҳз худи инсон, дониш, хирад, ақл ва фаросати ӯ омили хушбахтии ӯст. Халқҳои пешқадами олам, ки имрӯз мусулмонҳо пойбанд ва вобастаи онҳо ҳастанд, барои худ афсона, тасаввуроти ғайриодӣ намебофанд. Саҷда ба донишу хирад мекунанд. Ба умеди фазилат ва донишҳои заминӣ ҳастанд. Ба гуфти Абуалӣ Сино, агар ба чароғ равған ҷон бахшад, ба инсон илм.

Инсоне, ки ба илму хиради одамӣ бовар дорад ва ба он такя мекунад, барои худ ва ҷомеа муфид, ҳадди ақал, безарар аст.

## ҲОЛАТ, МУНОСИБАТ, ВАЗЪИЯТ

Тавре таъкид гардид, мактаб муҳимтарин ҳалқа дар занҷири ташаккули ҷаҳонбинии давлатдории миллӣ мебошад. Он мухтаво ва тарзи фаъолияти шуури ҷамъиятиро асос мегузорад (1), наврасон ва ҷавононро барои шинохти олам, фаъолияти амалӣ – шакли ҳастии ҷомеа ва қонунҳои амалкарди он омода месозад (2).

Аз эҳтимол дур аст, ки бакамолрасии инсон, ҳамчунин, давраро дар зарфияти синнусолӣ, бори дигар пайдо мекарда бошад. Ин масъулияти бузург дар Паём, тавассути рақамҳо дар тағйироту қиёс хотиррасон мегардад: «Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод». (Ҳамон ҷо. – С. 5).

Сиёсати Роҳбари давлат дар созмондиҳии шароити таълимӣ ин воқеиятро ҳам ба назар гирифтааст. Ва дар шумора, суръат ва сифати бунёди боргоҳҳои маърифатӣ, бидуни шак, Тоҷикистон дар минтақа аз ҷумлаи беҳтаринҳост.

Ба тарзи дигар, ҳукумат вазифаи худро барои муҳайё сохтани имконоти воқеии тарбияи насли наврас ва ҷавонон иҷро мекунад.

Аммо таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки сифати кори мактаби имрӯза, дониши хонандагон, мутаносибии маърифатнокии шогирдон бо зарфияти синну сол ва дараҷаи таҳсил, бо шароити ҳақиқие, ки барои муаллимону талабагон омода гардидааст, дар мувофиқати пурра нест.

Аслан, сухан на танҳо дар бораи донишҳои бунёдӣ дар соҳаи илмҳои дақиқ меравад. Ин масъала ниёз ба баҳси алоҳида дорад.

Мавриди назар маълумот, тасаввурот, дарки мавзуъ дар бораи маҷмуи ҷаҳонбинӣ оид ба таърихи миллат, фарҳанг, тамаддун, адабиёт, меъёрҳои грамматикии забони модарӣ, ҳуқуқ, умуман, фанҳои гуманитарӣ дар доираи барномаи мактабӣ аст. Маҳз ҳамин донистанҳо мавқеи шаҳрвандии насли наврас, ҷавононро нисбат ба мафҳумҳои Миллат, Ватан, Хештаншиносӣ ва Худшиносии миллӣ муайян месозанд. Ҷаҳонбинии ояндагони ҷомеаро ба зиндагии шоиста мутобиқ ва мувофиқ мекунонанд.

Ин камбуди ҷиддӣ, ки мавриди ишора қарор гирифт, ҳатто дар рафти таълим дар курсҳои болоии мактабҳои олӣ, ки акнун омодагии донишҷӯ ба сифати мутахассис мебояд шинохта шавад, баръало мушоҳида мегардад. Охир «мактаб қувваи бузургро мемонад, ки он тақдири халқҳо ва давлатҳоро дар асоси фанҳо ва принсипҳое, ки дар системаи таълими мактабӣ ҳамчун таҳкурсӣ таъйин шудааст, муайян мекунад» (Д.И. Менделеев. Сочинения. Т.1. – М, 1934. – С. 153).

Таваҷҷуҳ карда шавад ба ибораҳои «дар асоси фанҳо ва принсипҳо (1) (асос, қонун, усул, бунёд, шарт. Русско-таджикский словарь. – М.: Русский язык, 1985. – С. 854) дар системаи таълими мактабӣ (2)».

Принсип, аз ҷумла, дар соҳаи маориф ҳам, талаботи моддаи 1, боби 1–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Дар ҳамин асос, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ коркард ва роҳандозӣ шудаанд. Маҳз аз рӯи талаботи мазкур барномаи таълимӣ коркард ва китобҳои дарсӣ навишта мешаванд. Яъне, муҳтаво ва ҷараёни таълиму тарбия аз поин то боло, сарфи назар аз шакли моликият ва мансубияти молии инфрасохтори муассисаи таълимӣ, алоқамандии ногусастаниро бо масъалаҳои бунёдӣ ва суботи давлатдорӣ пайваст мекунад. Се ҷузъиёт - қонун (1) - барнома (2) - китоби дарсӣ (3) танзимгари муҳимми фаъолияти мактаби миллӣ мебошанд. Ба талаботи рӯзмарраи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ – маънавии давлатдории миллӣ мувофиқат доштани мантиқи таълиму тарбияро ҳамчун талаботи бунёдии манфиатҳои миллӣ тасдиқ менамояд.

Китоби дарсӣ офарандаи инсон аст.

Мутаассифона, замони истиқлол, то ба ҳол, натавонист насли нави муаллифони барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсиро ба майдони эҷоди илмӣ ворид созад. Онҳоро дар байни устодон, шогирдон, маорифпарварон, падару модарон, аҳли ҷомеа муаррифӣ кунад. Муассир ва соҳибэҳтиром гардонад. Номварӣ, шуҳрат ва манзалати муаллифони китобҳои то ибтидои солҳои навадумро барқарор намояд. Аз лиҳози илмӣ ба дилҳо бишинонад. Гузашта аз он, баъзан китобҳои дарсӣ аз рӯйи мазмун ва мундариҷа, аз маводи таълимии хурофотӣ ва бегонапарастии муллоҳои бесалоҳият (шояд баръакс) фарқ намекунанд. Баъзе олимоне ҳам, ки дар замони Шуравӣ то андозае соҳибэҳтиром буданд, бо навиштани китобҳои дарсӣ, дар замони истиқлол ҷойгоҳи худро амалан ва бори дигар дар ботлоқи фурсатҷӯёнаи ҷаҳонбинии асримиёнагӣ ва хурофотӣ нишон доданд.

Мушкил он аст, ки тасаввуроти ғайриилмӣ ва бардурӯғ ақлҳоро дар муҳосира ва сарбастагӣ нигоҳ медоранд. Суиистифодаи наврасону ҷавононро аз ҷониби унсурҳои зиддимилӣ осон мегардонанд.

Бидуни шак, ин ҳолат аз бемасъулиятии мансабдорони соҳаи илму маорифи мамлакат шаҳодат медиҳад, ки тӯли солҳо, такрор ба такрор, худро дар ҳамин мавқеъ ва дар дараҷаи ҳамин гуна муносибат нишон медиҳанд.

Аз лиҳози дигар, таълифи чунин китобҳои дарсӣ аз камбуди маънавиёт ва руҳияи миллии муаллифоне, ки ба ҳар роҳу восита чунин ҳуқуқро пайдо мекунанд, гувоҳӣ медиҳад.

Вобаста ба ин, хотирнишон бояд кард, ки инсон соҳиби ду нутқ аст: маънавӣ, хаёлӣ, дар шакли хомӯшӣ, вақте инсон дар муколама бо худаш танҳо мемонад (1). Ва берунӣ, зоҳирӣ, шифоҳӣ (2). Нутқи дохилии инсон афзалтар аз нутқи шифоҳӣ аст. Он худ ба худ, якка ба якка аст. Ҳисоботи Ақл, Адл, Инсоф ва Виҷдон дар назди худи Инсон. Ҳофиз ба ҳамин муҷодала ишора карда мегӯяд:

*Дар андаруни мани хастадил надонам кист,*
*Ки ман хамӯшаму ӯ дар фиғону дар ғавғост?*
*Аз он ба дайри муғонам азиз медоранд,*
*Ки оташе, ки намирад, ҳамеша дар дили мост.*

Маликушшуаро Баҳори Хуросонӣ (1886 – 1951) «Шоҳнома»-и Фирдавсиро беш аз сад маротиба мутолиа мекунад. Гаштаву баргашта ба шоҳкории як ҳамватани худ, ки дар замони ҳокимияти мустабиди бегонагон, ҷон дар хатар, умри азизи худро ба шаъну шони миллати тоҷику форс бахшидааст, сари таъзим фуруд меорад. Аз ҳоли ҳамватанони замони худ, ки умре ба чоплусӣ ва бегонапарастӣ машғул буданд, дилаш заҳ мекашад. Ва бе қаламу коғаз, ба дуриҳои дур менигарад. Худ ба худ, бадоҳатан ба Фирдавсӣ муроҷиат карда, мегӯяд:

*Туро сано кунаму бас, ки з-ин дағал мардум,*
*Ҳаме надонам як тан, ки мустаҳиқи саност.*
*Дареғ, ки аз паси умр хизмати ватанӣ,*
*Надид чашмам як ҷузв аз он чӣ дил мехост.*
*Зи пухтакории ағёру хомтабъии қавм,*
*Чунон бисӯхт димоғам, ки дуд аз он бархост.*

Барқасди хурофотпарастони замони худ мефармояд:

*«Шоҳнома» ҳаст беиғроқ Қуръони Аҷам,*
*Рутбаи donoи Тӯсӣ, рутбаи пайғамбарист.*

Ва андешаи худро ҷавонмардона хулоса мекунад:

*Ба сад нишон, ҳунар андеша карда Фирдавсӣ,*
*Наузиббилаҳ, пайғамбар аст, агар на Худост.*

Муҳиммияти сухани Фирдавсиро барои ҳама давру замон ва то абад бар зидди андешаи ғуломӣ таъкид месозад:

*Эй ҳакими номӣ, эй Фирдавсии сеҳрофарин,*
*Эй бар ҳар фан дар сухан чун марди як фан устод,*
*Шӯру эҳёи Ватан гар дар дили покат набуд,*
*Рафта буд аз турктозӣ ҳастии Эрон ба бод.*

Аз ин лиҳоз, вақте сухан дар бораи тарбия ва таълим меравад, маънои омӯхтан, омӯзонидан, роҳнамоӣ, сарварӣ, ғамхорӣ ва ҳимоя кардани ҳамватанро дорад. Чунин ҷараён мебояд тамоми ҳаёти инсонро фарогир бошад. Муваффақияти миллат, таъмини амният ва рушди он ба раванд ва натиҷаи ҷамъиятикунонии (милликунонии) андешаи аъзои он вобаста аст.

Дар навиштани китобҳои дарсӣ дар соҳаҳои забон ва адабиёти тоҷик, солҳост, ки вазъият ба нафъи манфиати илмӣ ҳалли худро намеёбад. Дар ин самт мақсаднокӣ, ба талаботи сохти давлатдорӣ пурра мувофиқат кунонидани мундариҷа ва муҳтавои китобҳои дарсӣ ва албатта, масъулиятнокӣ ва иродатмандии миллӣ камтар ба чашм мерасад. Аммо ҳаррӯза кӯдакону наврасон маҳз аз ҳамин мавод дарс мегиранд.

Магар дар сӣ сол категорияҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, услубӣ, таркиб ва захираи луғавии забони тоҷикӣ ниҳоятдараҷа тағйир ёфтанд? Муносибат ба мазмун ва муҳтавои эҷодиёти инсонпарваронаи адибони классикӣ таҳаввулот пайдо кард?

Дуруст. Давра ба давра дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дигаргунӣ ба амал меояд. Ин тағйирот мебояд дар асоси усулият дар ҳар соҳа инъикос ёбад.

Модоме ки дарки мутахассис, фарзияи беҳтар ва хубтар аз пешинаро пайдо карда наметавонад, магар зарурат барои шикастани он чизе, ки солҳо омода гашта, дар амалия тасдиқи илмӣ пайдо кардааст, ба талаботи ҷаҳонбинӣ, бо андак кӯшиш, мутобиқ кунондани он имкон дорад, нобуд кардани чунин ганҷина ба мақсад мувофиқ аст?

Бошад имрӯз олиме, ки дар сатҳи китобҳои дарсии барои мактаби миёна навиштаи донишмандони маъруф – устод Айнӣ, Абдурауфи Фитрат, Сайид Ризо Ализода, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим, Ҳамид Бақозода, Ҳилол Каримов, Холиқ Мирзозода, Шарифҷон Ҳусейнзода, Додоҷон Тоҷиев, Абдусалом Деҳотӣ, Воҳид Асрорӣ, Маҳмадуллоҳ Лутфуллоев, Носирҷон Маъсумӣ, Юрий Бобоев ва бисёр дигарон аз нигоҳи назариявӣ, методологӣ, далелнокии таърихӣ, муносибати системавӣ, сохторӣ, функсионалӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, мантиқӣ, дар асоси ҷаҳонбинии пешқадам ва созанда асар офарида тавонад? Дар сурати ҷавоби мусбат, мақолаву асарҳои онон бояд намуна бошанд.

Ба андешаи инҷониб, зарур аст, ки китобҳои дарсии нобиғаҳои маъруфро ҳамчун асос, бунёд ба ҳисоб гирифта, бо онҳо «шогирдӣ ва ҳаммуаллифӣ» кард.

Китоби дарсӣ навиштан дар илми тоҷик, анъанаи беш аз садсола дорад. Дар ин ҷода бояд чунон саҳм гузошт, ки мисли муаллифони номдори пешин «ангушт газидане ба ёрон монад» (Абусаиди Абдулхайр, асри XI), на таассуфу афсӯс.

Маҳз мутобиқкунонии манфиатҳои ҳар шахс ба манфиатҳои умумимиллӣ эҳсоси бузурги ҳамраъйии ватанпарваронаро эҷод мекунад. Мардумони содаро аз ҳолати бешууронаи пойбандӣ ба он зуҳуроте, ки ба манфиати миллат ва Ватани ӯ нестанд, бозмедорад, берун меорад.

## МАНФИАТИ МИЛЛӢ ВА МАОРИФИ ДИНӢ

Вақте сухан дар бораи манфиатҳои миллӣ меравад, бидуни шак, таъмини амнияти миллӣ аз лиҳози сиёсӣ – ҳудудӣ, рушди посухгӯ ба ниёзҳои иҷтимоӣ, ҳифзи фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, сатҳу сифати маънавиёт ва ҷаҳонбинии миллии мувофиқ ба таъмини давлатдории миллӣ, пешбинӣ, сари вақт ошкор ва хунсо кардани таҳдидҳои ба амнияти миллӣ хатарзо дар назар дошта мешавад.

Дар ҳар сурат таъмини амният ва инкишофи давлат бидуни хосияти меҳварӣ пайдо кардани ҷаҳонбинии миллӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Намунаҳои он дар ноороммиҳои баъзе кишварҳои минтақа тасдиқи ин гуфтаҳост.

Албатта, фарҳанг зинаи аввали расидан ба манзалати тамаддунии миллат аст. Ва ҷузъи таркибии он маҳсуб мегардад.

Фақат беҳтарин, устувортарин, машҳуртарин намунаҳои фарҳангӣ метавонанд вориди манзалати тамаддунӣ гарданд.

Ҳангоми омӯзиши гузаштаи халқу миллатҳо мафҳумҳои антропологӣ ва таърихӣ мутаносибан истифода мешаванд. Антропология дараҷаи ҷараёни мутобиқ гардидани халқҳоро ба шароити муайяни муҳити табиӣ ва маданӣ меомӯзад. Таърих бошад, доира ва мавзуи васеи таҳқиқот дорад. Миллатҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки аз чаҳорчӯбаи мутобиқшавии одӣ ба табиату ҷамъият пештар рафтаанд.

Тоҷикон миллати худкифо ва соҳибтамаддун ҳастанд. Ҳанӯз ду ҳазор сол қабл, ба ҳоли халқе, ки «зи шири шутур хӯрдану сусмор, тахти каёнӣ орзу кардан»-ашро хандида, бо ғурур ба истеҳзо кашидаанд.

Мавзуи омӯзиши таърих халқҳоеанд, ки соҳиби орзуву ормон ва нақшаҳоиояндасоз мебошанд. Ва амалӣ кардани онҳо фарҳангу хиради ин мардумонро боз ҳам сайқал мебахшад. Зиндагии инсонро ба беҳбудӣ ва сулҳу оромӣ раҳнамун мекунад.

Умуман, тасаввурот ва нияту мақсадҳое, ки метавонанд як чизи идеалиро ба фоидаи пешрафти ҳаёти воқеӣ амалӣ гардонанд, барои таърих муҳим мебошанд.

Ормонҳое, ки амният ва рушду тараққии миллатро дар шароити рақобатҳои глобалӣ таъмин месозанд, обрӯву манзалати онро дар минтақа ва ҷаҳон таъмин менамоянд, метавонанд як шакли эътиқод ва боварӣ гарданд.

Дар бисёре аз динҳои миллӣ мақсадгузорӣ барои пешрафти миллат ва кӯшиши амалӣ кардани он як чизи одӣ, муқаррарӣ мисли нафаскашӣ, гардиши хун ва табодули моддаҳо дар организми инсон аст.

Ҳамзамон бо ин, ба роҳибон ва муридон тавсия дода мешавад, ки таҳлилгар бошанд. Омӯзанд, муайян созанд, ки чӣ чизе дар тӯли таърих сабаби пешравӣ ва ё баръакс, боиси қафомонии миллати онҳо дар рақобат бо намояндагони халқҳо ва дину оинҳои дигар шудааст? Тавсеаи илму маърифат дар эътиқодоти ин динҳои миллӣ муайянкунандаи дараҷаи наздикшавии диндорон ба эътиқодоти Османӣ ҳисобида мешавад.

Аз ин рӯ, мо наметавонем ба андешаи баъзе олимон, ки рушду тараққӣ, ҷаҳонбинии давлати миллиро зухуроти мухтор ва эътиқодоти диниро ҷудо аз он мешуморанд, розӣ шавем.

Истиқлоли давлати миллӣ мафҳуми муқаддас аст. Тамоми шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар давлати мустақил ҳуқуқи ҳузур доранд. Аммо онҳо бояд дар доираи эътироф ва дастгирии манфиатҳои миллӣ ҳамчун мафҳуми мустақили этникӣ – фарҳангӣ, ҳудудию сиёсӣ, шинохт ва ҳифзи арзишҳои аслии тамаддуни миллӣ, эҳсоси дурусти таҳдиду хатарҳои дохилию хориҷӣ ба ин ниҳодҳову арзишҳо, таъмини шароити воқеии нигоҳдорӣ ва рушди пояҳои тамаддунӣ амал кунанд.

Бояд ба инобат гирифт, ки давлати миллӣ ҳамчун организми зинда дар фазо, ҳама вақт таъйиноти гузаштан аз монеаҳоеро дорад. Чунин мушкилот ҳам дар дохил ва ҳам дар арсаи байналхалқӣ бешуурона ва аксари вақт бошуурона барои ин ниҳод эҷод мешаванд. Идеяҳои устувори давлатии миллӣ ва субъектҳои пешбарандандаи он бояд ҳаммароми ин муассисаи умумимиллӣ - давлат бошанд.

Ходимони дин, ба шарофати Истиқлоли давлатӣ, оромиву осудагӣ, имкони риояи кулли рукнҳои таъйиншудаи ибодатиро доранд. Аз беҳтарин шароит ва имконоти василавӣ бархӯрдоранд. Зарур аст, ки онҳо дар сафи пеши тарғибгарони манфиатҳои миллӣ – ҳамчун омили муҳимми шаклгирии ҷаҳонбинии миллӣ бошанд. Дар ин роҳ масъулияти бузурги ватандорӣ эҳсос намоянд. Хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро дар саргаҳи имондорӣ гузоранд. Бо ягон баҳона, шиор, назария ва ҷаҳонбинӣ, зери шубҳа мондани манфиатҳои миллӣ - амнияти миллӣ ва рушди давлатдорӣ аз ҷаҳолат беш нест.

Ҳодисаҳои атроф - дар минтақа ва ҷаҳон, хусусан, дар панҷ соли ахир, бори дигар ҳақиқатеро исбот кард: миллатҳои зирак динро пеш оварда, намояндагони миллатҳои хурду бузургро сарҷамъ ва дар якҷоягӣ ҳокимияти сиёсиро ғасб мекунанд. Чун ба мақсад расиданд, дар тақсими ҳокимият на аз рӯйи мазҳаб, тариқату шариат, балки аз диди манфиатҳои этникӣ ва миллӣ амал мекунанд.

Содагии мазҳабӣ, қавмӣ, этникӣ, миллӣ ва ҳизбӣ набояд ба ҳазорсолаҳо идома ёбад. Умқи фикррронӣ ва тавони арзёбӣ дар илму дониш аст:

*Киро дар ҷаҳон ҳаст ҳушу хирад,*
*Куҷо ӯ фиреби замона хӯрад.*

**(Фирдавсӣ)**

## ХУЛОСА

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷати таърихӣ ва ҳидояткунанда барои рушди миллат дар самтҳои ҳаётан муҳимми мамлакат мебошад.

Дар он камолоти инсонӣ, ташаккули ҷаҳонбинии бар пояҳои таърихи миллат ва давлатдории миллӣ бунёдгардида, худшиносӣ ва меҳандӯстӣ, бозпаснигарӣ ва ояндабинӣ бо содабаёнӣ ва ифодаҳои рӯшану фасеҳ ифода гардидаанд.

Паём, ки мисли ҳамешагӣ, бо суханҳои озоду муколамавӣ сайқал ёфтааст, сарчашмаи бузурги омӯзиш ва баҳрабардорӣ аз мактаби давлатдории Пешвои ҷовидмақоми тоҷикон аст.

Дар ин ҳуҷҷати роҳнамо, мавқеъ ва манзалати инсон, маданият ва маърифати ӯ тавассути мактабу маориф – хамирмояи ҷавҳари одамӣ дар шоҳроҳи андешаи миллӣ ва бунёди давлати миллӣ дар ҷойи аввал меистад.

Дар мамлакат шароити воқеӣ барои рушди маорифи миллӣ, асосан, омода шудааст. Аммо омили инсонӣ, масъулияти мудирият дар соҳаи мафкурасозӣ ҷавобгӯи талаботи замон нест.

Натиҷаҳои фоҷеабори адами тафаккури миллӣ дар ҷаҳонбинии теъдоди ҳангуфти ҷавонон, пайвастани онҳо ба созмонҳои ифротиву зиддимиллӣ камбуди ниҳоят ҷиддӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии ҷомеаи тоҷик – оила, мактаб, донишгоҳ, корхонаҳо ва муҳит зуҳур меёбад.

Кори Вазорати маориф, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи ҷавонон, муассисаҳои марбути тадқиқоти илмии Академияи миллии илмҳо, Маркази тадқиқоти стратегӣ, Маркази исломшиносӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бояд ба шароити «мубориза барои ҳаёт» посухгӯ, баробарвазн ба вазъ буда, фаъолияти онон на ба ҳисоботдиҳӣ, балки ба натиҷагирӣ равона гардад.

Мебояд таъсиррасонӣ ба ҷаҳонбинии насли наврас, ҷавонон, қишрҳои гуногуни аҳолӣ, на танҳо мувофиқ ва мутаносиб ба таҳдиди душман, балки пурзӯртар аз он бошад.

Таълим ва тарбия – муътақидгардонӣ ба ҷаҳонбинии миллӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллист. Вагарна сарфи беҳудаи вақт аст.

Дар маҷмуи ақидаҳои олам, ки миллатро ба истиқлол, ваҳдат, субот, оромӣ ва осудагӣ ҳидоят мекунанд ва рушди мамлакатро таъмин месозанд, идеяи давлати миллӣ, албатта, дар ҷойи аввал мебошад. Ин нуктаи ҳаётан муҳим дар таълимоти Пешвои миллат нақши муайянкунандагӣ дорад.

Консепсияи давлати миллӣ – маҷмуи ҷаҳонбинӣ ва амалҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки дар асоси арзишҳои миллӣ – таърихӣ ва умумибашарӣ бунёд ёфтаанд. Ин таҷрибаи дар амал тасдиқгардидаи миллатҳои пешқадами дунё, собиқаи ҳадди ақал чорсадсола дорад.

Ворид гаштан ба татбиқи консепсияи тарбияи ҷаҳонбинии миллӣ, худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ аз муҳимтарин вазифаҳои ҷомеа, аз ҷумла, ходимони дин мебошад.

Дар ин раванд олимоне, ки ба навиштани китобҳои дарсӣ ҷалб карда мешаванд, бояд на танҳо донишманди соҳибтаҷриба, дар байни аҳли илм эътирофгардида, ҳамзамон, боҷасорат, худогоҳ, хештаншинос, ватанпараст, соҳибтакбири худшиносии миллат, руҳбахш, вассофи руҳи тоҷикият, хирадситой, масъул, афзояндаи ғурур ва ифтихори миллӣ бошанд.

Китоб дар ҳар шакле - назмӣ, насрӣ, илмӣ руҳ, тинат, сифати шахсият ва муаррифгари табиати муаллиф аст. Аз дидгоҳи масъулиятшиносонаи Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ (1868-1917), ки дар ҳаққи Аблқосими Фирдавсӣ гуфтааст, нависандаи китоб офаридгори қаҳрамонҳо ва созандаи руҳи инсонҳост:

*Гар намезад сухан суханвари Тус,*
*Куҷо будӣ Кайқубоду Кайковус?*

Агар мардум, аъзои ҷомеа дар муқобили эҳсосот ва андешаҳои бегонапарастӣ, хурофотзадагӣ ҳувияти миллӣ пайдо накунад, ба таърихи гузаштаи хеш, эътиқод ва эҳтироми фавқулодда нагузорад, маҳз бар давлатдории миллӣ афзалият набахшад, оқибат бозичаи дасти бегонагон хоҳад гашт.

Тоҷикон дар тӯли таърих зиёда аз 13 маротиба (Модҳо, Ҳахоманишиҳо, Портҳо, Кӯшониён, Сосониён, Ҳайтолиён, Тоҳириён, Сафориён, Сомониён, Ғуриён, Куртҳои Ҳирот, Сарбадорҳо, Музаффариён) давлатдорӣ кардаанд. Он дар маҷмуъ, беш аз 2236 солро дар бар мегирад. Шикасти ин салтанатҳои бузургу хурд бо хатои мардум, аъён ва ашрофи худи миллати мо сурат гирифтааст. Иллати аслии сукути онҳоро ҷаҳолат ташкил медод.

Давлатдории охирони мо низ метавонист ба вартаи нестӣ ва ин дафъа ба садсолаҳои номаълум ба фано равад. Миллати тоҷикро бори дигар ба ғуломӣ кашад. Онро ҳам сабаб қатъан ҷаҳолат мебуд.

Аммо бо талошҳои ҷоннисоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ин давлат барқарор ва пойдор шуд. Акнун даҳсолаи чоруми он оғоз ёфт. Донишу маърифат асоси пойдории давлати навин эълон гардид.

Ҳамин тариқ, ҷавҳари Паёми Пешвои миллат дар соҳаи маориф аз тарбияи инсони худогоҳ, соҳибхирад, эҷёкунандаи фарҳанг ва ифтихори миллӣ, мардони пуркору накукор, мубориз у фидокори Ватани мо – Тоҷикистони азиз иборат аст.

**_Бознашр аз маҷаллаи «Илм ва ҷомеа»,_**
**_№ 1 (31), соли 2023_**

## ҲАМОВОЗӢ



***Ғарибшо ҒАРИБШОЕВ,***
***мудири кафедраи идоракунии маориф ва илмҳои гуманитарии ФДҶТИБКСМ дар ВМКБ., номзади илми фалсафа, дотсент***

# МАОРИФ - ЗАМИНАИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ КИШВАР

***“...Ман, ба омӯзгорони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон эҳтироми бениҳоят дорам, ки дар шароити сангини кӯҳистон, ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, барои тарбияи насли наврас содиқонаву софдилона заҳмат мекашанд, хеле миннатдорам».***

***(Эмомалӣ Раҳмон, соли 1993, шаҳри Хоруғ)***



Ҷаҳони муосири пуртазод ба низоми муносибату алоқаҳои ҷамъиятӣ халал ворид намуда, дар маҷмуъ, раванди зиндагии мардумро пур аз мушкилоти гуногун гардонидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз доираи ин муносибату алоқаҳои байналмилалӣ берун намонда, ногузир ба таъсироти манфии ин мушкилоти глобалӣ рӯ ба рӯ аст. Илова бар ин, дар ҷумҳурӣ низ мушкилоти хоси соҳавӣ кам нест, ки монеаи ҷиддӣ дар ҳадафмандона ва ба пуррагӣ ба анҷом расонидани нақшаву барномаҳо ва стратегияҳо мебошанд.

Бояд эътироф намоем, ки дар ҳар як соҳаи ҳаёти ҷомеа мушкилиҳои хоси он соҳа ҷой доранд, ки вобаста ба талаботи муосир аз нигоҳи нав бояд таҳлилу баррасӣ шуда, баҳри ҳалли онҳо нақшаҳои воқеӣ таҳия ва ба иҷро расонда шаванд. Аз таҳлили Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ”Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” (23.12.2022) низ бармеояд, ки дар ҳалли мушкилот ва ислоҳи камбудиҳо ҳар як сохтори давлатӣ, масъулин ва иҷрокунандагон бояд фаъолиятҳои судманд ба анҷом расонанд. Вобаста ба ин, аз роҳбарону нафарони масъул риояи принсипҳои вазифавӣ ва касбӣ, интизом, шаффофияту тобеият ва иҷрои босифати вазифаҳо, истифодабарӣ ва тақсими самараноки захираҳои мавҷуда, босифати баланд ташкил намудани хизматрасониҳо, ҷорӣ намудани имтиёзҳои қонунӣ ва додани кафолату сабукиҳо ба мардум, ворид намудани технологияи инноватсионӣ дар фаъолиятҳо, фароҳам овардани шароиту имконот барои фаъолгардонии кормандон, дастгирии ташаббусҳои созандаи ҳар як шаҳрванд ва ғайра, ки моҳиятан, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро ифода мекунанд, талаб карда мешавад. Воқеан, аз риояи ин принсипҳо, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа амалҳои созанда ва тағйирпазирии мазмуни кори шаҳрвандон ҳосил мегардад, ки ин раванди пешрафти ҷомеаро вусъат мебахшад.

Дар сархати сиёсати давлатӣ мунтазам аз ҳадафи олӣ - “таъмин намудани зиндагии арзанда барои шаҳрвандон” таъкид мешавад, ки ин ҳадаф аз тарафи аҳли илму маориф ба иҷро расонидани вазифаҳои стратегии зеринро металабад:

- ✓ боз ҳам таҳким бахшидани заминаи моддӣ - илмӣ ва техникии соҳаҳои илму маорифи миллӣ;
- ✓ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба роҳ мондани усулҳои нави омӯзиш бо воридсозии технологияи пешрафтаи ҷаҳонӣ;
- ✓ ба воя расонидани насли муосири олимону омӯзгорони эҷодкор ва ихтироъкорон;
- ✓ интихоби касбу тахассусҳои замонавӣ;
- ✓ таъсиси маркази технологӣ-иттилоотии зидди хатарҳои глобалӣ;
- ✓ “таълимро ба талаботи замон ҷавобгӯ бояд намуд”, то ки натиҷааш “кашфиёту ихтироот”-ро ба бор орад;
- ✓ гузариш ба ҳукумати электронӣ ва таҳсилоти рақамӣ, таъсиси паркҳои технологӣ, истифодаи технологияи ҷадид дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт;
- ✓ “усулҳои инноватсионии раванди таълим бо истифодаи технологияи муосир” баҳри “пайванд додани илм бо истеҳсолот”;
- ✓ ба “рушд бахшидани илмҳои муҳандисӣ ва технологӣ” диққати хоса равона кардан;
- ✓ тарбия намудани наврасону ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, арҷгузорӣ ба таърихи ниёгон ва дастовардҳои истиқлол, пешгирӣ аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгарову тундрав.

Бе мактабу омӯзгор пешрафт номумкин буда, дар сатҳи сиёсати ҷомеа, таваҷҷуҳи масъулин ба ин касби пуршараф бояд мунтазам ва зиёд бошад. Омӯзгор инсонсоз буда, бо донишу ҷаҳонбинӣ ва некиву покиаш тухми илму адаб ва ақлу фазилатро ба донишандӯз медиҳад, дар ташаккулу камолоти шахс нақши муассир мебозад. Омӯзгорон аз рӯйи рисолати таърихӣ омӯзанда, мушкилнописанд, масъулиятпазир, тарғибгари ҳақиқати зиндагӣ, муборизи роҳи ростиву адолат, некуӣ ва ҷавонмардӣ мебошанд. Баҳри расидан ба мартабаи волои касбӣ доиман заҳмат мекашанд.

Аз ин лиҳоз, арзандаи эҳтирому эътирофи ҳамешагӣ бояд бошанд. Беэҳтиромӣ ба муаллим, ин баробар ба мазмуни бе таълиму тарбия будан, дар ҷаҳолату нодонӣ қарор доштан, напазируфтану эҳтиром накардан, арзишманд нашуморидани забон, таърихи фарҳанг ва надоштани эҳсоси ватандории шахсро дорад. Дар Паём низ барҳақ таъкид шудааст, ки “дар шароити нав эҳтиром ба мактабу муаллим бояд боло равад”, чунки бе онҳо “шахс, мардум, миллат дар маърифати паст” қарор мегиранд ва “нодонӣ ва ҷаҳолат” заминаи “ноорoмӣ ва мавҷуд будани хатарҳо” мегардад.

“Сулҳу ваҳдат низ бо ҳидояти омӯзгор” ба даст омада, ба хотири “рушди неруи инсонӣ” ва “боло бурдани саводу маърифати аҳолӣ”, соҳаи илму маориф бояд “сармоягузорӣ шавад ва ба омӯзгору хонанда шароити бештару беҳтар фароҳам гардад”.

Ҳамин тариқ, ҳар як шаҳрванди кишвар вобаста ба шуғл, касбу кор ва дигар ҳадафҳои бахрабардорӣ аз зиндагӣ, метавонад нақшаи фаъолияташро ба таври фардӣ ё гурӯҳӣ, бо гурӯҳи муассисаву идора ё дар доираи низоми соҳавӣ таҳия намуда, онро ҳамчун иқдомоти созанда амалӣ намояд.

**ИФТИХОР**

***Хосият НЕЪМАТОВА,***
***узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон***



# МЕЪМОРИ СУЛҲИ ТОҶИКОН



Таърих оинаи давлату давлатдории ҳар як миллату халқият аст. Таърихи давлатдории тоҷикон дар тӯли ҳазорсолаҳо бо саҳифаҳои рангини худ хазинаи тамаддуни ҷаҳониро боз ҳам рангинтару ҷолибтар гардонидааст. Миллати тамаддунсозу тамаддунофари тоҷик дар дарозои таърих борҳо бо талошу муборизаҳо истиқлол ба даст овардааст, аммо ҳеҷ гоҳ истиқлоли фарҳангии хешро аз даст надодааст.

Истиқлоли фарҳангии халқи тоҷик бо доштани фарзандони шуҷою ғаюр, донишманду забондон, ҷавонмардони асилу ватандор ва озодандеш побарҷо мондааст.

Аз ин ҷост, ки вожаи «истиқлол» барои ҳар як инсони комил, соҳибзабон ва соҳибватан муқаддас аст. Ин вожаи азизу муътабар, яъне, соҳибистиқлолӣ озод будан дар ҳама соҳаҳо - иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг ва иҷтимоиёт мебошад.

Истиқлол соҳиб будан ба сарзамини поки аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба хоку об, кӯҳу даштҳо, манзараҳои биҳиштосо ва ҳифз намудану муқаддас нигоҳ доштани марзу буми Тоҷикистон аст.

Ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ вақт фаромӯш набояд кард, ки барои ба даст овардани истиқлоли воқеӣ ҳазорон родмардони ватандӯсту озодандеш ва ватанхоҳ ҷони худро аз даст додаанд ва орзуҳои озодандеши худро ба хок бурдаанд.

Миллати сарбаланди мо дар ҳама давру замон дар замири фарзандони худ руҳияи хештаншиносию худогоҳӣ, ростиву накукорӣ, таҳаммулпазириро тарбия намуда, нангу номуси ватандориро ҷавҳари зиндагии онҳо қарор додаанд.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Ватани азизи мо – Тоҷикистон гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид ва хисороти зиёди маънавию моддиро ба кишвар ворид кард. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ тамоми соҳаҳо дар ҳолати рукуд қарор гирифтанд.

Аксари мардум ба фардои неки кишвар умед надоштанд ва эҳтимоли аз харитаи сиёсии ҷаҳон нопадид гардидани давлате ба номи Тоҷикистон вуҷуд дошт. Шахсоне, ки мардумро ба чунин рӯзи сахту сангин расонида буданд, мамлакатро тарк карданд.

Хушбахтона, ба бахти мардуми тоҷик шахсияти фидоӣ, фарзонафарзанди миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимоми давлатро ба даст гирифтанд ва хуршеди саодат ба рӯи мардуми тоҷик хандид.

Дуои модарону хоҳарон, мӯйсафедону барҷомондагон мустаҷоб шуд ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарзамини Тоҷикистонро аз пора-пора шудан ва мардумро аз оворагиву сарсонӣ раҳо

карданд... Сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон барқарор шуд ва ба таъбири шоири хушкалому номвар Лоиқ Шералӣ:

*Раҳми Парвардигори мо омад,*
*Нури ҳақ бар диёри мо омад.*
*Ҷанги бунёдсӯзӣ мо бигзашт,*
*Сулҳи бунёдкорӣ мо омад...*
*Ҷанги девонавори мо бигзашт,*
*Сулҳи деринтизори мо омад.*

Сулҳу ваҳдат ва зиндагии шоиста барои миллати тоҷик бо меҳнати шабонарӯзӣ ва хиради волои Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст.

Бо ибтикор ва шуҷоату иродати Пешвои миллат, дар маҷмуъ, 8 музокироти сулҳу оштӣ хориҷ баргузор гардид, ки дар ташкилу созмон додани онҳо Сарвари давлат саҳми арзанда гузоштанд ва сулҳи тоҷиконро таъмин карданд.

Ҳамин тавр, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва «Созишномаи умуми истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид ва заминаи асосиро ба сулҳу ваҳдати комил ва пешрафту шукуфоии кишвар гузошт.

Маҳз аз баракати сулҳу оштии миллӣ тавонистем якпорчагии Тоҷикистонро нигоҳ дорем ва мамлакатамонро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоем.

*Зиҳӣ эй Пешво, марди накӯкор,*
*Зиҳӣ эй Пешво, марди фидокор.*
*Бароям эй азиз, дар дида ҷойӣ,*
*Барои тоҷикон доди Худоӣ.*

Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванд ба Президенти кишвар муҳаббат ва садоқати хос дорад. Пешвои миллат низ дар ҳама сафарҳояшон ба шаҳру ноҳияҳо ва суханрониҳо самимона муҳаббати бепоён доштанашонро ба хурду бузург ва сарзамини Тоҷикистон сидқан иброз менамоянд.

Ниҳоли сулҳе, ки бо дастгирии халқи Тоҷикистон ва заҳмату талошҳои шабонарӯзии Пешвои миллат шинонида шуд, самара дод ва раванди бунёдкориҳо дар мамлакат вусъат ёфт.

Сулҳу ваҳдати миллӣ ҷавҳари асосии истиқлолро ташкил мекунад. Бинобар ин, вазифадорем, ки ба таърихи миллати худ бо ифтихор назар намуда, аз он барои худ дарси ватандорӣ омӯхта, барои ҳифзи дастовардҳои давлати соҳибистиқлоламон содиқона хизмат намоем.

Мо халқи бофарҳангу сарбаланд ва созандаем ва Пешвои миллат дорем, ки на танҳо шуҷоату мардонагӣ ва хиради волову сулҳофариашонро мардуми Тоҷикистон, балки ҷаҳониён эътироф мекунанд.

Мо бо Пешвои миллат ифтихор дорем, зеро ӯ кафили амнияту субот ва хушбахтии мост.

## БУНЁДИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

Соли 2022 дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 199 бинои муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои 44910 ҷойи нишаст дар як баст бо маблағи умумии 617 млн. 691 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шуд, ки аз ин 300 млн. 810 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ мебошад.

**ШУМОРАИ ИНШООТИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРӢ, КИ СОЛИ 2022 СОХТА БА ИСТИФОДА ДОДА ШУДААСТ.**

| № р/н | Вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | Шумора | Миқдори синфхона | Ҷойи нишаст |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ВМКБ | 4 | 40 | 886 |
| 2 | Вилояти Хатлон | 91 | 627 | 15 071 |
| 3 | Вилояти Суғд | 36 | 454 | 11 261 |
| 5 | Шаҳри Душанбе | 9 | 313 | 7530 |
| 4 | НТҶ | 59 | 422 | 10162 |
| | **Ҳамагӣ:** | **199** | **1856** | **44910** |

**<u>ҶАШНВОРА</u>**

***Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,***
***академики Академияи миллии***
***илмҳои Тоҷикистон,***
***Равшан РАҲМОНӢ,***
***профессори ДМТ***

# САДА ДАР ГУЗАШТА ВА ИМРӮЗ




Боиси сарфарозист, ки маҳз тавассути асарҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои шоистаашон расму оинҳои неки ниёгон, ки барои рушди тамаддуни башарӣ хидмат намуданд, аз нав эҳё гардиданд ва аз тарафи аҳли ҷомеа ба хубӣ пазируфта шуданд. Дар байни онҳо ҷой ва мақоми ҷашнҳои миллию мардумӣ – Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада хосса мебошанд.

Ҷашни Сада чанд сол аст, ки дар тамоми гӯшаву канори кишварамон таҷлил мегардад. Бахусус, дар солҳои 2017 - 2022 дар Боғи Ирам ва Боғи дӯстии халқҳои шаҳри Душанбе аз тарафи давлат ҷашни Сада бошукӯҳ баргузор шуд. Мардум дар гирди оташи Сада рақсу бозӣ намуданд, ҳунарҳои мардумии худро пешкаш карданд, омодагии худро ба кишту кор нишон доданд. Ба ин васила, ба истиқболи Наврӯз равон шудани худро ба тамоми ҷомеа намоиш доданд.

**<u>Истилоҳи Сада</u>**. Оид ба истилоҳи «сада» назарҳои гуногун мавҷуд бошанд ҳам, онҳо ба ҳамдигар умумият дошта, қадимияти ин ҷашнро тасдиқ менамоянд. Дар «Ғиёс-ул-луғот» оид ба ҷашни Сада чунин шарҳ омадааст: «Сада дар форсӣ номи ҷашне аз ҷашнҳои муғон, ки ба рӯзи даҳуми моҳи баҳман бошад; ва ба зам ва ташдиди дол (яъне, судда) дар арабӣ ба маънии остона ва ба маънии гireҳ монанди чизе, ки дар рӯдаҳо ё дар рагҳо дарояд ва роҳи онро банд намояд (аз «Бурҳон» ва «Латоиф» ва «Суроҳ» ва «Рашидӣ» ва ғайри онҳо); ва дар «Сироҷ» навишта, ки сада (ба фатҳатайн) даҳуми рӯзи баҳман; чун дар ин рӯз адади фарзандони Одам, ки Каюмарс иборат аз он аст, ба адади сад расида, лиҳозо рӯзи ҷашн муқаррар шуда; ва лафзи сад дар асл бо сини маҳмала аст, ки ҳоло ба сод машҳур шуда» [ниг.: Муҳаммад Ғиёсуддин 1987, с. 417].

Дар бораи Сада дар Луғатномаи Деххудо, ки он дар асоси фарҳангҳои пешин таълиф шудааст, чунин омадааст: «Сада. Аз сад+а, бадал аз фатҳаи охир (пасаванди нисбат). Луғатан ба маънии мансуб ба шумораи сад. Дар бораи иллати интисоби ин ҷашн ба шумораи мазбур гуфтаҳои бисёр овардаанд… Номи рӯзи даҳуми баҳманмоҳ аст ва дар ин рӯз форсиён ид кунанд ва ҷашн созанду оташи бисёр афрӯзанд ва мулук ва салотини эшон мурғон ва ҷонварони

саҳроиро гирифта, дастаҳои гиёҳ бар пои эшон баста дар он гиёҳ зананд то дар ҳаво бипаранд ва дар саҳро бираванд ва ҳамчунин, оташ дар кӯҳу саҳро зананд» [Деҳхудо 1373, с. 11920].

Дар аксари луғатномаҳо ҳамин маънии болоро овардаанд, аммо устурашинос Меҳрдоди Баҳор, ки худ авестошинос низ ҳаст, ба таври мантиқӣ дар асоси «Авесто», вожаи садаро ба таври зерин маънидод намудааст: «Вожаи авестоии саза (saδā), ки исми муаннас аст, ба маънои зуҳур, ошкорой ва пайдой аст. Ин вожа аз решаи санд (sand) ба маънои ба назар расидан муштақ гаштааст. Ба яқин дар канори вожаи муаннаси сазо (saδā) вожаи музаккари саза (saδa) ҳам метавонистааст вуҷуд дошта бошад. Дар забонҳои эронии миёнаи ғарбӣ алоқаи бисёре вуҷуд дорад, ки исм ва сифатро бо афзудани пасванди ак (ak), ки худ бозмондаи ака (aka) дар Эрони бостон аст, ба кор баранд. Бад-ин рӯй вожаи саза (saδa) дар Эрони бостон метавонист ба сурати сазак (saδak) ё садак (sadak) дар форсии миёна вуҷуд ёбад, ки талаффузи ҷадидтари он дар форсии миёна сазаг (saδаг) ё садаг (sadag) буда ва ҳамин ду талаффуз дар форсӣ ба сурати «саза» ё «сада» дида мешавад. Вуҷуди вожаи муарраби «сазақ» дар арабӣ ва таркибҳои «барсазақ» ва «навсазақ», ки номи панҷумин рӯзи баҳман аст ва дар он рӯз ба истиқболи ҷашни Сада меравand ҳадси моро дар бораи вожаи сазаг (saδag) ё садаг (sadag) тайид мекунад ва мерасонад, ки чунин вожаҳое дар забонҳои эронии миёнаи ғарбӣ вуҷуд доштааст. Бинобар ин, муҳтамилан вожаи сада, на бо вожаи сад, балки бо решаи санд (sand) маънои «зоҳир шудан» марбут аст ва маънои он «зуҳур, ошкорой, пайдой» аст» [Баҳор 1376, с. 241].

Меҳрдоди Баҳор дар яке аз мусоҳибаҳои худ низ нисбати вожаи сада назари худро баён намуда, ҳамон гуфтаи пешинашро тақвият дода, чунин гуфтааст: «Тавҷеҳи он бо адади «сад» иштиқоқи омиёна аст, чунон, ки панҷоҳ рӯз ва панҷоҳ шаб монда ба Наврӯзро сада фарз кардаанд. Ба гумони ман сада аз решаи санди (sand) авестой аст ба маънии «зоҳир шудан» аст» [Баҳор 1381, с. 354].

Ин назари мантиқии М. Баҳор, ки устурашинос ва донандаи забонҳои бостонӣ аст, дуруст аст. Тибқи фармудаи эшон мафҳуми Сада, асосан, ба тақвими пешиниён алоқаманд буда, он наздик шудан ба Наврӯз ва аз зимистони бузург гузаштанро ифода менамояд. Тибқи гуфтаи ӯ Сада ба рамзҳои оташ, Хуршед ва рӯшноиву торикӣ иртибот буданро дар худ таҷҷалӣ менамояд ва он хоси эътиқодоти одамони пешин буда, дар он ормонҳои ибтидоии гузаштагон ниҳон мебошад. Тибқи гуфтаҳои мантиқии М. Баҳор Сада ин он ҷашне аст, ки Хуршед пас аз чил рӯзи зимистон ба таври пурра зоҳир мешавад. Маҳз аз ҳамин зоҳиршавии чилрӯза, тибқи оинҳои бостонӣ, ниёгони мо хушҳол мешуданд ва онро ҷашн мегирифтанд. Чунки пас аз он Хуршед бештар зоҳир мешуду заминро гармтар мекарду одамон ба кишту кор, ба баҳор, ба Наврӯз надиктар мешуданд.

**<u>Оташ ва ҷашни Сада</u>**. Таърихи нишонаҳои пайдоиши ҷашни Сада, ки марбут ба Хуршед ва тимсоли он оташ мебашад, хело қадимӣ буда, ба замони пеш аз ориёӣ ва ҳатто аз он ҳам дуртар мерасад. Доир ба арзи ҳастӣ намудани он аввалин ахбор дар фарҳанги гуфторӣ (шифоҳӣ), устураҳои мансух ишора рафта ва тавассути ин ду сарчашма ба осори хаттӣ роҳ ёфтааст. Хеле муҳим аст, ки боварҳо ва нишонаҳои эътиқод ба Хуршеду оташ, ки сабабгори аслии ба вуҷуд омадани ҷашни Сада мебошад, то имрӯз дар байни мардумони гуногуни олам ба назар мерасад.

Бо пайдо шудани оташ ва муқаддас гардидани он мардуми пешин барои худ ҷашни Садаро интихоб карданд. Ин аз як тараф, ифодагари рамзи Хуршед ва муқаддас донистани оташ мебошад, аз тарафи дигар, ба зиндагии инсон ва робитаи ӯ бо табиат вобастагии ногусастанӣ дорад. Баъдҳо маҳз пайдо шудани «ҷашни оташ» ва ҳамчун рамзи Хуршед донистани он «ҷашни Сада» дар миёни мардум густариш пайдо кард.

Бо гузашти замон хуршед ва оташ ба бунёди ҷашни Сада асос гузошт ва боиси он гардид, ки одамони қадим ба ин муқаддасот эътиқод пайдо намоянд ва онҳоро ситоиш созанд. Агар Хуршед бо нури гармии худ ва фурӯзонии хеш ба зиндагии одамон гармӣ ворид карда бошад, пас оташу

рӯшноӣ барои мунаввар сохтани қалби онҳо ва идомаи зиндагиашон асос гузошта, баъдҳо онҳо ба ду ҷавҳари муқаддас табдил ёфтаанд, ки дар устураҳо ҷанбаи парастишӣ пайдо кардаанд ва пасонтар аз ҷониби муъбадон ситоиш ва ниёиш ёфтаанд. Ба таври дигар, пас аз садсолаҳо, оташ намои Ҳурмузд маҳсуб ёфта, дар оини зардуштӣ ҷойгоҳи хос дошт ва бо усулҳои мухталиф парастиш мегардид.

Дар баробари ин, ниёгони пешини мо рӯйи худро ба сӯйи оташ намуда, дастони худро ба сӯйи Хуршед мебурданд ва барои беҳбудии рӯзгори хеш аз оташу Хуршед мадад металабиданд. Ҳадаф аз ин ниёиш расидан ба Наврӯз ва омадани соли хуб барои кишту кор буд, ки дар давраи ибтидоӣ мақом ва ҷойгоҳи хос дошт. Ҳамин боварҳо буд, ки дар замонҳои хеле дури пеш аз мелод қавмҳои гуногуни одамӣ барои рӯзгори худ устураҳо меофариданд ва хушҳоливу зиндагии баъдиашонро бо ин ҷашну маросим пайванд менамуданд, ки ҷашни Сада яке аз онҳост.

Дар бораи пайдоиши ҷашни Сада назарҳо гуногун мебошанд. Баъзе муҳаққиқон ва донишмандон онро ҷашни замони ориёӣ мепиндоранд ва иддаи дигар падидории онро пеш аз даврони ориёиҳо медонанд. Бале, ҷашни Сада марбут ба замони пеш аз ориёиҳо аст. Ин ҷашн, тибқи устураҳо, дар замони шоҳони асотирии пешдодиён, ки таърихи тахминан 6-7 ҳазор доранд, баргузор мешудааст. Мисоли барҷастаи ин ҳамон устураи «Бунёд ниҳодани ҷашни Сада» аз «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ аст. Метавон ба таври мантиқӣ тахмин зад, ки устураи мазкур аз замони Пешдодиён то рӯзгори Фирдавсӣ ҳамчун эътиқоди мардум ба Хуршед ва рамзи он ба оташ, дар байни омма баён мешудааст. Пасон Фирдавсӣ онро ба назм даровардааст.

Вале ба ҳар сурат пайдоиши ҷашни Сада ва устураҳои марбут ба он ба масъалаи ҷамъ шудани рӯшноӣ ва оташ вобаста мебошад ва аз таҳаввули ташаккули қавмҳои ориёӣ дарак медиҳанд, ки онҳо ин ҷашнро аз пешиниён гирифтанд ва баъдиҳо онро то рӯзгори мо расониданд. Агар аз ин нуқтаи назар ба ҷашни Сада наздик шавем, нахуст аз ҳама моҳияти мақулаҳои **хуршед, рӯшноӣ ва оташ** пеши назар меоянд, ки ҳар кадомаш ба ҳаёти инсон ва табиат вобастагии зич доранд. Ба ҳамагон маълум аст, ки маҳз ба воситаи рӯшноии Хуршед тамоми мавҷудоти олам зинда аст ва ҳаракат мекунад.

Дар ин бора Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар навиштаҳои худ ишораи ҷолибе доранд, ки чунин аст: «Дар миёни қувваҳои сершумори бадӣ, дар дашту ҷангалҳои Осиёи Марказӣ, ки ҷони инсонро дар азоб ва ба таҳлука меандохт, бахусус, хушкӣ ва торикӣ бисёр зиёновар буданд. Онҳо дарёфта буданд, ки бар зидди неруҳои номбаршудаи бадӣ, озар ё оташ ва раъду барқ муассир буданд. Бар зидди торикӣ бошад, Хуршед чун унсури тавоно муқаддас дониста мешуд. Нисбати ҳамин аст, ки Хуршед дар миёни нажоди қавмҳои зиёди олами бостон ситоиш ва парастиш шудааст» [Раҳмонов 2006, с. 263].

Ҳамин хусусиятро инсонҳои замони бостон эътироф намуда, аз гармии Хуршед баҳра мебурданд ва алоҳида онро ниёиш карда, пасон рӯшноӣ ва оташро ба он нисбат дода, ин унсурҳои табииро кашф карданд ва ба онҳо эътиқод оварда, ба парастишашон оғоз намуданд, ки баъдҳо муҷиби пайдо шудани ҷашни Сада гардидааст.

Агар аз ин нуктаи назар ба ҷашни Сада наздик шавем, нахуст аз ҳама, ба назари мо Хуршед ҷилвагар мешавад. Чунки бидуни Хуршед ҳаёт вуҷуд надорад. Маҳз ба воситаи рӯшноии он тамоми мавҷудоти олами зинда дар ҳаракат аст.

Донишманди машҳури англис Ҷеймс Ҷорҷ Фрэзер (1854-1941) дар бахшҳои ҷудогонаи яке аз китобҳои машҳури худ таҳти унвони «Шохаи тиллоӣ» ба таври муфассал дар бораи эҳтироми мардум ба оташ ва ҷашни оташ дар кишварҳои аврупоӣ ва дигар мамлакатҳо сухан мегӯяд. Дар баробари ин, чӣ гуна бо рӯзгори мардум пайванд будани оташро шарҳ дода, ҷойгоҳи муҳим доштани онро дар ҳаёти моддию маънавии одамон равшан месозад. Зимнан чун намоди ҷашнӣ ба кор рафтани оташро низ таъкид намуда, ишора бар он менамояд, ки оташ ин як навъ инъикоси рамзии Хуршед аз ҷониби одамон дар рӯи замин аст [ниг.: Фрэзер 2001, с. 312-378].

Аз баррасии муфассали ин донишманд маълум мешавад, ки ҷашни Сада низ баробари оташ ба доираи эътиқоди одамони қадим ҳамроҳ буда, ба Хуршед рабти бевосита дорад.

Дар фарҳанги суннатии ниёгони мо муборизаи равшанӣ ва торикӣ ҳамчун ҷавҳари маънавӣ нақши калидӣ доранд, ки он ба ҷашни Сада низ алоқаманд мебошад. Дар доираи ташаккули ҳамин унсурҳои ба ҳам зид гузаштагони мо, аз ҷумла, қавмҳои ориёӣ ду фасли сол доштанд, ки ин ҳамон муборизаи Ҳурмузду Аҳриман ва муборизаи равшанӣ бо торикиро ба ёд меорад. Якеро тобистони (ҳама [hama]) бузург меномиданд, ки он ҳафт моҳро дар бар мегирифт ва аз оғози фарвардин (баробари 21-уми моҳи март) шурӯъ шуда, то охири моҳи меҳр (баробари 22 октябр) идома меёфт. Дуюмиро зимистони (зайана [zayana]) бузург мегуфтанд, ки аз аввали моҳи обон (баробари 22-23 октябр) сар мешуд ва то поёни моҳи исфандро (баробари 21-22 март) дар бар гирифта, 150 рӯз идома меёфт.

Ба гуфти бархе аз пажуҳандагон, ҳамин ки аз зимистони бузург (22 октябр то 30 январ) сад рӯз мегузашт, мардум ҷашни оташ, яъне, Садаро барпо менамуданд. Онҳо бовар доштанд, ки лаҳзаҳои сармои ҷонкоҳ гузаштаасту нармию гармӣ вориди рӯзгори мардум шудааст. Аз гузаштани сармои шадид, ки неруи аҳриманӣ аст, хушҳолӣ карда, аз дашту саҳро ҳезум, бутта, хошок ҷамъ оварда, хирмани бузург месохтанд. Баробари расидани торикӣ он хирмани ҳезуму хасу хошокро оташ мезаданд, ки аз ин оташ ҳама ҷо фурӯзон мегашт ва дар гирди он рақсу бозию хушҳолӣ менамуданд. Дар он рӯзгорони қадим ниёгони ориёиҳо бар он бовар буданд, ки ин гулхан ҳамчун неруи Ҳурмузд бозмондаҳои сарморо, ки марбути Аҳриман аст, нобуд месозад [ниг.: Разӣ 1371].

Ҷашни Садаро дар даҳумин рӯзи моҳи баҳман (баробари 29-30 январ) баргузор мекарданд, ки аз зимистон сад рӯз (обон, озар, дай ва даҳ рӯзи баҳман) мегузашт. Ба ақидаи ориёиҳои қадим сармо ба авҷи баланди худ мерасид ва баъдан ҳаво тадриҷан ба самти беҳбудӣ, нармӣ ва гармӣ мерафт. Аз ин рӯ, барои он ки ба кишту кори онҳо зараре нарасад ва чорвоҳояшон аз сардӣ эмину нигаҳдорӣ гардад, оташро ҳамчун рамзи Ҳурмузд меафрӯхтанд, то дар он қувваҳои бадӣ сӯзанду нобуд гарданд.

Доир ба таърихи пайдоиши ҷашни Сада назарҳои дигар низ мавҷуданд, ки барои равшан шудани мақсад аз онҳо ёдовар шудан аз манфиат холӣ намебошад.

Абурайҳон Берунӣ дар «Аттафҳим» доир ба ин ҷашн чунин ишора намудааст: «Сада чист? Обонрӯз аст аз баҳманмоҳ. Ва он даҳум рӯз бувад. Ва андар шабаш, ки миёни рӯзи даҳум аст ва миёни рӯзи ёздаҳум оташҳо зананд ба гавзу [чормағз] бодом ва гирд бар гирди он шароб худанд ва лаҳву [бозӣ] шодӣ кунанд. Ва низ гурӯҳе аз он бигузаранд, то ба сӯзонидани ҷонварон. Ва аммо сабаби номаш чунон аст, ки аз ӯ то Наврӯз панҷоҳ рӯз аст ва панҷоҳ шаб...» [Берунӣ 1973, с. 145].

Аз рӯйи ин маълумоти таърихӣ равшан мешавад, ки ин ҷашн дар миёни мардум аз замонҳои қадим маҳбубият доштааст ва ба он гузаштагони мо эҳтироми хосса менамудаанд.

Тавре ки ишорат гардид, доир ба таърихи ҷашни Сада Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» бо баёни устураи ҷолиби даврони Пешдодиён қадимияти онро тасдиқ кардааст ва арзиши онро барои мардуми эронитабор муҳим донистааст. Шоир устураи Ҳушангро ба достони худ ворид карда, ба он ҷанбаи таърихию бадеӣ бахшидааст ва марбути замони бостон будани ин ҷашн ишора кардааст.

*Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,*
*Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр.*

[Фирдавсӣ 1987, с. 54].

Дар рисолаи «Назария ва сайри таърихии устурасозии форсӣ-тоҷикӣ» [ниг.: Раҳмонов 1999, с. 105-106] доир ба таърихи пайдоиши ҷашни Сада ва устураи Ҳушанг маълумот дода, таъкид шудааст, ки як омили падид омадани «оташ» дар тафаккури асотирии мардуми эронитабор аз

таассуроти одамони ибтидоӣ ба табиат сарчашма мегирад ва қисме аз онҳо дар аввал ҷанбаи парастишӣ гирифта, бо гузашти замонҳо ва иваз гардидани тафаккури эҷодию зеҳнӣ ба таркиби оину ҷашнҳои миллӣ (ба мисли ҷашни Сада ва Меҳргон ва амсоли онҳо) ворид шуда, ба маросим табдил меёбанд.

Дар ҳақиқат, устураи Ҳушанг ва пайдоиши ҷашни Сада баъдҳо хусусияти милливу маросимӣ гирифта, ба қатори дигар ҷашнҳои мардумӣ ворид шуд ва дар миёни мардуми эронитабор, аз ҷумла, тоҷикон мақому манзалати хос пайдо намуд, ки аксари шоирони пешин ва сарчашмаҳои таърихӣ аз тарзи баргузорӣ ва арҷ гузоштани он аз ҷониби шоҳон ва аҳолӣ ахбори зиёде ба ёдгор мондаанд.

**Устураҳо дар бораи Сада**. Барои он ки хонандагони гиромӣ асли матлабро дарк намоянд, чанде аз устураҳои машҳурро ёдовар мешавем, ки дар онҳо аз ҷашни Сада ёдовар шудаанд.

– Яке аз устураҳои машҳур «Адади фарзандони Одам» аст, ки оид ба таърихи ҷашни Сада ишорат рафтааст: «Мегӯянд Каюмарс, яъне, Одам, ки нахустин инсон буд, сад фарзанд дошт. Панҷоҳ нафари онҳо аз ҷинси зан ва панҷоҳи дигар аз ҷинси мард. Замоне ки онҳо ба балоғат расиданд, он рӯзро ҷашн гирифтанд ва ҳамаи онҳоро соҳиби хонаву ҷой карданд. Сипас, шоҳ фармуд, ки оташи бисёр афрӯзанд ва ҷашн гиранд. Аз ин рӯ, он ҷашнро Сада меноманд». Ба ин устура дар «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот», «Луғатномаи Деҳудо» ва манобеи дигар низ ишорат шудааст.

– Дар «Шоҳнома» устураи кашфи оташ аз ҷониби Ҳушанг ва бунёди ҷашни Сада оварда шудааст, ки дар боло ёдовар шудем.

– «Ба сад расидани фарзандони Машӣ ва Машёна». Тибқи ишорати баъзе сарчашмаҳо ҷамъи фарзандони Машӣ ва Машёна ба сад мерасад. Дар рӯйи замин теъдоди инсон ба сад мерасад ва онро ҷашн мегиранд ва Сада ном мениҳанд.

– Садаро ёдбуди пирӯзии Таҳмосб бар Афросиёб низ медонанд.

– Чун бо гузашти сад рӯз аз зимистони бузург, сармо ба поёни авҷи худ мерасад ва пасон суст мешавад, ба шодии ин сустӣ, ниёкони мо ҷашни Садаро барпо медоштанд.

– Мегӯянд, ки аз ҷашни Сада то Наврӯз панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб дар пеш аст, ки маҷмуан теъдоди он шабу рӯз сад мешавад. Ба ин сабаб ҷашни Садаро панҷоҳ рӯз то ба Наврӯз мондан ҷашн мегирифтанд.

– Аз рӯзи Сада то рӯзи гирдоварии ғалла дар навоҳеи ҷанубии Эрон як сад рӯз фосила аст, ки ба ин сабаб ин ҷашнро Сада номидаанд.

Пажуҳандагон ин устураҳоро аз назар гузаронида андешаҳои худро баён намудаанд. Чунин устураҳо ва ривоятҳо дар бораи ин ё он воқеа ва ҳодисаи замони бостон, то рӯзгори мо дар шаклҳои мухталиф расидаанд. Ҳамаи ин устураҳоро баъдҳо, дар бораи Сада, ховаршиноси машҳур Артур Кристенсен, Ҳошим Разӣ, Меҳрдоди Баҳор ва дигарон мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Аммо А. Кристенсен дар доираи таъкиди олимони шинохта, ба мисли В. Манҳардт, Э. Вестермарк, Е. Монгк, Ҷ. Фрэзер ва дигарон доир ба масъалаи ҷашни оташ ва муқаддас донистани он изҳори назар менамояд. Ба гуфти эшон, дар бораи ҷашни оташ дар байни пажуҳандагон ду ақида вуҷуд дошта, ки баҳси онон солҳо идома ёфтааст. Яке ин буд, ки оташ тамоми неруи зиёноварро бо афсуну ҷоду месӯзонад ва дигаре ин ки неруи бештар ба хуршед мебахшад, яъне, оташ тақлиде аз хуршед аст. Баъдҳо Ҷ. Фрэзер бо далелҳои илмӣ собит менамояд, ки оташ на танҳо тақлиде аз хуршед будааст, балки мардум ба вай эҳтиром доштаанд.

А. Кристенсен вориди ин баҳсҳо шуда, ишора бар он менамояд, ки он ба кишварҳои аврупоӣ, ки дар он ҷо сармо бештар аст, дуруст аст. Вале барои сарзаминҳое ба мисли Эрон, ки обу ҳавои муносиб ва тобистонҳои гарм доранд, ҳосили замин, пеш аз ҳама, ба хуршед ва борон вобаста аст. Дар ин кишвар эҳсоси камбуди хуршед нест. Аз ин рӯ, дар ин кишвар неруи поксозии оташ эҳтимолан танҳо ангезаи ҷашни оташ аст. Ба гуфти В. Манҳардт оташ василаи

поксозии ибтидоӣ ва аз ин ҷиҳат муассиртар аз об аст. Ба ин васила, ҷашни Сада чанд ҳафта пеш аз расидани баҳору Наврӯз аст, ки мардуми эронитабор ба ин муносибат дар кӯҳҳо, марғзорҳо оташ меафрӯзанд, то мазореъ ва чарогоҳҳоро барои тобистон пок созанд. Рӯиши фаровони гиёҳҳо ва беҳрӯзии одамиён ва ҳайвонотро таъмин намоянд. А. Кристенсен ба таври муфассал ҷашнҳои оташеро, ки дар Эрони бостон будааст ва то имрӯз нишонаҳои он дар байни мардум аст, мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин натиҷа мерасад, ки ҷашнҳои гуногун вуҷуд дошта, яке ба дигар пайванд будааст [ниг.: Кристенсен 1377, с. 212-225].

**<u>Сада – ҷашни чиллаи хуршед</u>**. Аммо дар ин ҷо боз ба андешаи устурашиноси номдор Меҳрдоди Баҳор бармегардем, ки эшон ба таври мушаххас назари худро гуфтааст. Ба гуфти эшон, ҷашни Сада марбути зардуштиён нест, балки пеш аз онҳост. Вале онҳо ҳоло Садаро таҷлил менамоянд. Пас аз муддате дини зардуштӣ ҷашни Меҳргон ва Наврӯзро мепазирад, вале иди Садаро, ки чун ҷодуӣ менигоштанд, вориди дин накарда буданд [ниг.: Баҳор 1381, с. 353].

Тавре ки дар аввал ёдовар шудем, **ҷашни Сада ин вобаста ба чиллаи хуршед аст**. Барои дуруст баён намудани матлаб ба як нуктаи дигар низ равшанӣ бояд андохт. Ин он аст, ки баъзеҳо хуршед ва Меҳрро яке медонанд, ки ин тавр ҳам нест. Меҳр ё Митро (ба авестоӣ «Мисра», паҳлавӣ «Митр») маънои зиёд дорад. Аз ҷумла, аҳд, паймон, муҳаббат, хуршед, ҳафтумин моҳи сол, рӯзи шонздаҳуми ҳар моҳи шамсӣ ва ғ. Меҳр эзади паймону фурӯғ дар Эрони Бостон буд ва ӯро эзади меҳру дӯстию аҳду паймон ва мазҳари фурӯғу рӯшноӣ мепиндоштанд. Ба ақидаи Ёҳақӣ, «Меҳр эзадест, дорои ҳазор чашм ва ду ҳазор гӯш ва даҳ ҳазор посбон…» [ниг.: Ёҳақӣ 2014, с. 319].

Дар солҳои охир пажуҳандагон бидуни андеша шаби ялдоро (шаби чилларо, 21-22 декабр), ки дарозтарин шаб аст, таваллуди Меҳр медонанд. Аз иттилои боло маълум шуд, ки Меҳр маъниҳои зиёд дорад. **Пас фаромӯш набояд кард, ки шаби чилла ё ялдо ин таваллуди фақат хуршед аст**. Калиди дақиқ намудани ҷашни Сада низ дар ҳамин ҷост. Яъне, **шаби ялдо ин шаби таваллуди хуршед аст**, на Меҳр. М. Баҳор дар ин бора гуфтааст: «Ҷашни Садаро нигоҳ кунед, ки дар даҳуми баҳман (30 январ) аст. **Хуршед бино ба эътиқодоти куҳан шаби дайҷури (торики) ваҳшатнок, поёни озармоҳ ва аввали дай (21-22 декабр), байни поиз ва зимистон, баландтарин шаби сол аст, ки ин шаби зоида шудани хуршед аст. Дар ин дарозтарин шаб, хуршед саранҷом зоида мешавад. Хуршеде, ки дар поёни поиз мурда буд, дар зимистон бача аст, дар баҳор навҷавон аст, дар авҷи тобистон дар авҷи қудрат аст. Дар поиз пир мешавад, дар поёни поиз мемирад ва хуршеде, ки дубора аз аввали дай меояд як хуршеди тоза аст, як навзод аст**…» (таъкид аз мост – А. Р., Р. Р.) [Баҳор 1381, с. 304].

Ба гуфти Меҳрдоди Баҳор **ҷашни Сада ин ҷашни чиллаи Хуршед аст**, ки ин ба ҳақиқат наздик аст. Яъне, мардуми замони бостон чиллаи Хуршеди навзодро пас аз чил рӯз ҷашн мегирифтанд, ки он ҳам ба сардии зимистон таъсир мерасонад ва ҳам ба расидани фасли гармо, баҳору Наврӯз мусоидат менамояд.

Меҳрдоди Баҳор - донишманди устурашиноси дақиқназар, дар асоси мутолиаи устураҳои ҷашнҳои оташи кишварҳои гуногуни олам ва осори устурашиносон ба чунин натиҷа расидааст, ки **Сада ин дар воқеъ ҷашни чиллаи хуршед аст**. Маҳз тавассути гулхани оташ, ки намоди хуршед аст, аз гузаштаҳои дур то имрӯз ниёгони мо ин бузургтарин ва нодиртарин падидаи табииро бо эътиқод, афсуну ҷоду ҷашн мегирифтанд. Ин «кӯдаки хурдсоли чилрӯзаро», ки номаш хуршед аст, бо оташи Сада гарм мекарданд. М. Баҳор ин нуктаро ба таври зерин шарҳ додааст: «Бо ин **оташбозиҳо, ки дарвоқеъ, ҷодуи гарм шудани хуршед аст, ин бачаро ташвиқ ба рушд ва гарм шудан мекунем**, ба ӯ энержӣ ва ёрӣ медиҳем, ки қавитар бишавад. Дар **маросими марбут ба таваллуд то чиҳил рӯз бачаро маъмулан дар хона нигоҳ медоранд ва ба касе нишон намедиҳанд. Дар рӯзи чиҳилум аст, ки бачаро дигар ба ҳама нишон медиҳанд, аз хона берун мебаранд. Мо дар чиҳилум, аз аввали даймоҳ яъне, даҳуми баҳман (30 январ)**

**ҷашни Сада мегирем. Дарвоқеъ, Хуршед дар ин рӯз чиҳилрӯза шуда**. Дар осори қадим, ба думи парандаҳо ҷорӯи (ҷорӯби) кӯчаке мебастанд ва думи парандаҳоро оташ мезаданд ва ба ҳаво парвоз медоданд. Гӯё ҳазорҳо Хуршед дар осмон мепарид дар шаб. Кӯҳаи оташ дуруст мекарданд, ба гирдаш мерақсиданд. Ин кӯҳаи оташ намоди Хуршед аст. Ин парандаҳое, ки дар фазо ҳастанд, хуршедаконе дар фазо ҳастанд, ки дарвоқеъ, ҷодуи оташ будааст. Ҷодуи гарм кардани Хуршед ба муносибати чиҳилумин рӯзи таваллуди Хуршед. Хуршед мазҳари баракат барои инсон аст. Ҳаёти мо ба Хуршед вобаста аст. Пас куллияи ҷашнҳои хуршедӣ масъалаи баракатбахшро ба наҳве ба худаш дорад» [Баҳор 1381, с. 305].

Ҷашни Сада дар тӯли таърих ташаккул ёфта, ба таълимоти мазҳабиву миллӣ пайванд гардида, байни халқ маҳбубият касб карда будааст. Дар замони Сомониён ин ҷашн роиҷ буда, пасон дар замони Ғазнавиён низ машҳур будааст. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ низ ин ҷашнро бошукӯҳу шаҳомати хос таҷлил менамудааст. Доир ба он Абулфазли Байҳақӣ чунин маълумот овардааст: «Ва рӯзи чаҳоршанбе ҳафтдаҳуми (моҳи) сафар пас аз бор хилвате кард, амир бо вазир ва соҳибдевонони рисолат ва авлиё ва ҳашам ва Хоҷа Ҳусайни Микоил низ он ҷо буд ва рой заданд дар маънии ҳаракат ва қарор гирифт, бадон ки сӯи Марв рафта оянд ва бар ин боз пароганданд. Ва Хоҷа Ҳусайни Вакил шуғл бисохт ва бистуми ин моҳ сӯи Марв бирафт, то мисол диҳад, улуфот ба тамомӣ сохтан чунонки ҳеч бенавое набошад, чун раияти Мансур он ҷо расад. Ва пас аз рафтани ӯ то се рӯз амир фармуд то сарои парда бар роҳи Марв бизаданд бар се фарсангии лашкаргоҳ. Ва Сада наздик буд, уштурони султониро ва аз он ҳамаи лашкар ба саҳро бурданд ва газ кашидан гирифтанд, то Сада карда оянд ва пас аз он ҳаракат карда оянд. Ва газ меоварданд ва дар саҳрое, ки ҷӯйи оби бузург буд, бар он шараф (баландӣ, муртафеъ) меафганданд, то ба болои қалъае баромад. Ва чаҳортоқҳо бисохтанд аз ҷӯби сахт баланд ва онро ба газ биёганданд. Ва гази дигар ки сахт бисёр буд, болои кӯҳе баромад бузург. Ва аллаи (уқоби) бисёр ва кабӯтар ва он чӣ расм аст, аз дороти ин шаб ба даст карданд» [ниг.: Байҳақӣ 1388, с. 437-438].

Тибқи ишоратҳои Байҳақӣ, дар он рӯзгорон ҷашни Сада аз ҷониби ҳукумати замон бошукӯҳ баргузор мешудааст. Аз ҷумла, Байҳақӣ дар ин бора чунин гуфтааст: «Ва Сада фароз омад, нахуст шаб амир бар он лаби ҷӯйи об, ки шароъйе зада буданд, биншаст ва надимон ва мутрибон биёмаданд ва оташ ба ҳезум заданд – ва пас аз он шунидам, ки қариби даҳ фарсанг фурӯғи он оташ бидида буданд – ва кабӯтарони нафтандуд бигзоштанд ва дадгон ба қорондуд ва оташ зада давидан гирифтанд ва чунон Садае буд, ки дигар он чунон надидам ва он ба хуррамӣ ба поён омад» [Байҳақӣ 1388, с. 438].

Аз ин ишораҳо маълум аст, ки ин ҷашнро мардум бо тарзҳои гуногун таҷлил намуда, шоҳон низ ба он ҳамроҳ шуда, дар базмгоҳҳо ва макони баргузории ҷашни Сада иштирок карда, шодию хурсандӣ мекардаанд ва ба ҳамдигар таманнои хушҳоливу хушсолиро орзу менамудаанд.

Хушбахтона, Сада дар ашъори шоирони садаи ёздаҳ зиёд тавсиф шудааст. Онҳо Садаро ситоиш намуда, дар бораи ин ҷашн ва арзиши он назари хешро ифода намудаанд. Аз ҳама муҳим дар адабиёти асри ёздаҳ ҷашни Сада, махсусан, дар шеър, ба сифати талмеҳ корбурд шуда, ҳамчун ҷузъи устураи мансух ҳифз гаштааст, ки аз бузургии ин ҷашн ва қадимияти он далолат мекунад. Чунончи Фаррухӣ мегӯяд:

*Равшанӣ дар осмон з-ин оташи ҷашни Садаст,*
*К-аз сарои хоҷа бо гардун ҳаме ҳамсар шавад.*

Ба ин маънӣ дар байти дигар аз Сада ҳамчун талмеҳи мансух истифода карда, чӣ гуна дар шаб оташ афрӯхтан ва тавассути он аз ҳама кирдорҳои зишт тоза шуданро ёд намуда, тавассути хотираи таърихӣ аз ин ҷашни ниёкон ёд мекунад ва мегӯяд:

*Шаби Сада аст яке оташи баландафрӯз,*
*Ҳақ аст мар садаро бар ту ҳақ он бигзор.*

Дар ин бора Манучеҳрӣ низ изҳори назар карда, ба тариқи руҷӯъ аз ҷашни Сада ёдвар мегардад ва хеле самимона аз омадани ҷашни Сада дарак медиҳад:

*Омад ай саид аҳрори шаб ҷашни Сада,*
*Шаби ҷашни Садаро ҳурмат бисёр бувад.*

Манучеҳрӣ дар назди амир ҷашни Садаро ситоиш намуда, «ойини Каюмарс ва Сифандиёр» гуфтааст:

*Ҷашни Сада амиро расми кибор бошад,*
*Ин ойини Каюмарс ва Сифандиёр бошад.*

Ҳамин тавр, дар бораи ҷашни Сада дар осори Фирдавсӣ, Байҳақӣ, Гардезӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Унсурӣ, сарчашмаҳои арабӣ, Абулқосими Мубаррадӣ (дар змони Маликшоҳи Салчуқӣ ба арабӣ шеър менавишт), Хайём, Тақизода, Муин, Мулло Музаффари Гунободӣ ва дигарон то замони мо иттилоот расидааст. Ҳамчунин, Сада на танҳо дар осори адибони классик, балки ҳоло дар ашъори шоирони муосири тоҷику форс низ ситоиш шудааст.

Хуб мешуд, ки дар вақти таҷлили ҷашни Сада суннатҳои ин ҷашни мардумӣ бештар талқин гарданд, ки қисме аз онҳо ба замони мо низ мувофиқ аст. Аз ҷумла, мардум метавонанд дар ҳамин рӯз, ба хотири ҷашни Сада бо ҳам биёянд, базм ороянд, хурсандӣ карда, дар боғҳои истироҳатӣ чорабиниҳои фарҳангӣ ташкил намоянд. Инчунин, намоиши фурӯши ниҳолу дарахтон ва гулу гулбутаҳоро боз ҳам бештар ташкил карда, мардумро ба дарахтшиносӣ ва гулшиносӣ даъват созанд. Ба калонсолон, пиронсолон, ятимону барҷомондагон кумак расонида, ба аёдати беморон бароянд ва онҳоро дилбардорӣ кунанд. Дастархони хоксоронаи идона оро дода, дар он меваҷот гузоранд ва шукрона аз сулҳу субот намоянд. Ба хонаи ҳамсоягони худ ба қадри имкон ҳадя фиристанд. Агар он ниҳол ва ё дарахт бошад, боз беҳтар. Дар назди ҳавлӣ ва хонаҳои худ дарахту гул шинонанд, ба тоза кардани дарахтон машғул шаванд, боғҳои худро тоза намоянд, рамзан гулхан гиронда, ҳамаи кудуратҳо, ифлосиҳо ва партовҳоро сӯзонанд ва ҷӯю заҳбурҳоро тоза карда, дар қади роҳҳо дарахт шинонад. Бо ҳамдигар бо меҳр салом диҳанд, хурдсолон ва наврасонро ба меҳнат кардан ҷалб намоянд, аз ҳавлӣ ва хонаҳо чизҳои нодаркор, партовҳоро берун карда, ба тоза кардани онҳо машғул шаванд. Бегоҳ либоси тоза ба бар карда, зиёфати хонаводагӣ ва ё **суфраи ҷашни Садаро** оро диҳанд. Хуб мешуд, ки дар ин суфра падару модар, хоҳару бародар, хешу таборони наздик ба ҳам ҷамъ оянд, дар бобі дӯстию рафоқат, одаму одамгарӣ, хайру саховат, эҳтироми якдигар суҳбат ороста, зиёфат хурда, хурсандӣ ва базму бозӣ намоянд. Якдигарро табрик карданро фаромӯш накунанд. Аз меваҳои барои зимистон нигоҳдошта, ширинӣ ва шарбат тайёр карда, дар хони идона гузоранд.

Метавон ёдовар шуд, ки имрӯзҳо дар кишварҳои гуногуни олам, дар он шаҳрҳое, ки тоҷикон ва форисазбонон, курдҳо, паштунҳо, баллуҷҳо ва дигар мардуми эронитабор зиндагонӣ менамоянд, Садаро ҷашн мегиранд. Дар тарабхонаҳо ба ифтихори ҷашни Сада базми ҷамшедӣ барпо менамоянд.

Вобаста ба ин, Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми таҷлили ҷашни Меҳргон таъкид намуда буданд: «Ҷашн танҳо ба хотири ҷашн нест ва таҷлили ҳар санаи муҳим дар зиндагӣ бояд моро ба андеша ва хулосабарорӣ барои оянда таҳрик созад».

Ҳоло аз баракати Истиқлоли кишвари азизамон ҷашни Сада эҳё гардид. Акнун шукӯҳи бостонии он сол то сол барқарор мегардад. Дар оянда баробари фурӯ рафтани офтоб гулхани азиме афрӯхта хоҳад шуд. Дар гирди ин гулхан **корвони шодмонии Сада** барпо хоҳад гашт. Доирадастон, карнайнавозон, сурнайнавозон, ҳунармандон, масхарабозон, дорбозон, аскиячиҳо, раққосон, аспакбозҳо, паҳлавонон, ҳар касе, ки ҳунаре барои намоиш додан дорад, ҳунарнамоӣ хоҳанд кард.

Дар ҷашни Сада низ созҳои миллӣ, навъҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ, маҳорати пазандагони моҳир, навъҳои таомҳои суннатӣ, порчаҳои атласу адрасбофӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, қолинбофӣ, заргарӣ, либосҳои миллии зимистонӣ, намоиши расму оинҳои мардумӣ, рақсу

сурудҳо ба маърази тамошо гузошта мешаванд. То бо ин шодмонию хурсандӣ зимистони сарди афсунгарро гусел намуда, барои бештар ҷаҳонро мунаввар намудани Хуршеди баҳорофар, омодагии кишту кор ва ояндаи дурахшони рӯзгор мадад намоем.

Умед аст, ки дар гирди ҷашни Сада арӯсакҳое чун рамзи Хуршеди тобон таҳия мегардад; рамзи бобои деҳқон, ки интизори баҳору Наврӯз аст, намоиш дода мешавад; ҳангоми ҷашни Сада ҳамчун рамзи зимистони сарду ҷодугар тимсоли пиразани аҷуза сохта, бо чеҳраи масхараомези хандадор барои тамошобинон пешкаш мегардад.

Садаро бояд чунин пешвоз гирифт, ки мардум гӯё ҳама ба истиқболи Хуршеди оламтоб меравaнд. Тибқи суннати ниёгон даст ба Хуршед бурда ниёиш карда, дар ин рӯзҳои сарди ҷодуовар, аз ин оташи гарми наврӯзовар барои беҳбуд шудани рӯзгори ояндаи бахтовар мададгор бишаванд.

Умед дорем, ки ҷашни Сада низ ба сифати як ҷашни миллию мардумӣ на танҳо барои дилхушиву зиёфат баргузор мешавад, балки мададгори кишоварзон шуда, барои рушди боғдориву токпарварӣ, гулкорию гулпарварӣ, чорводорию зироаткорӣ ва дар маҷмуъ, ободкорӣ мусоидат менамояд ва минбаъд боз ҳам густариш меёбад. Дар ҳақиқат, ҷашни Сада ба мисли ҷашни Наврӯзу Меҳргон ҷашни ободкорӣ ва кишоварзон мебошад, ки тамоми қишрҳои ҷомеа аз он дастгирӣ намуда, анъанаҳои онро риоя карда, аз баргузориаш изҳори шодмонӣ мекунанд.

Ҳамчунин, бо умеду орзуҳои нек ёдовар мешавем, ки минбаъд суннатҳои ин ҷашн ба таври васеъ омӯхта шуда, таҷлили он дар саросари мамлакат ба ҳукми анъана медароояд ва тамоми сокинони кишвар онро дар руҳияи баланди арҷгузорӣ ба мероси маънавии халқ таҷлил менамоянд. Ин тадбир имкон медиҳад, ки боз ҳам ҳувияти миллӣ қавитар гардад ва насли имрӯза аз анъанаҳои ниёкони худ бештар бархурдор шаванд.

Ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «***Аз ин рӯ, зарур аст, ки дастовардҳои маънавию моддии мардуми шарифи мо ба феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гарданд ва нақши тамаддунсози миллати тоҷикро минбаъд низ боло баранд***».

Яъне, Вазорати фарҳанг, Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ пас аз баррасии муфассал бояд барои ворид намудани Сада ба феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО талош намоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. *Авесто. Гузориш ва пажуҳиши Ҷ. Дӯстхоҳ / Баргардон: Д. Муаззам. - Душанбе: Қонуният. - 2001.*
2. *Баҳор Меҳрдод. Ҷусторе чанд дар фарҳанги Эрон: - Теҳрон: Интишороти фикррӯз. - 1376.*
3. *Баҳор М. Аз устура то таърих. - Теҳрон: Нашри Чашма. - 1381.*
4. *Байҳақӣ Муҳаммад Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ / Муқаддима, тасҳеҳ, таълиқот, тавзеҳот ва феҳрастҳо: Муҳаммад Ҷаъфар Ёҳақӣ, Меҳдии Саййидӣ. - Ҷ.1. - Теҳрон: Сухан. - 1388.*
5. *Берунӣ А. Аттафҳим. - Душанбе: Ирфон. - 1973.*
6. *Берунӣ А. Осорулбоқия. - Душанбе: Ирфон. - 1990.*
7. *Деҳхудо. Луғтанома. – Теҳрон. - 1373.*
8. *Ёҳақӣ М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ / Таҳия ва шарҳу тавзеҳот ва талҳиқоти Р. Ваҳҳоб. Душанбе, 2014.*
9. *Кристенсен А. Нахустин инсон ва нахустин шаҳриёр. – Теҳрон. - 1377.*
10. *Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. - Душанбе: Адиб. - 1987.*
11. *Разӣ Ҳ. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Эрони бостон. – Теҳрон. - 1371.*
12. *Раҳмонов А. Назария ва сайри таърихии устурасозии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе. - 1999.*
13. *Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе. - 2006.*
14. *Фирдавсӣ А. Шоҳнома. - Душанбе. - 1987.*

## ОИНИ НИЁГОН



***Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,***
***номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори***
***Донишгоҳи давлатии Бохтар***
***ба номи Носири Хусрав***

# САДА МУЖДА АЗ НАВРӮЗ АСТ



Ҷашни Сада яке аз қадимтарин идҳои ниёгонамон ба шумор рафта, дар баробари Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон дар фарҳангу тамаддун ва таърихи халқи тоҷик мақому манзалати хосса дорад. Ниёгонамон, ки аз азал некхоҳу некандеш ва неккирдор буданд, бо ҷашн гирифтани Сада хислатҳои инсондӯстӣ ва адолатпарварӣ, некию накукориро низ дар миёни мардум тарғибу ташвиқ мекарданд.

Бояд ёдовар шуд, ки аксари идҳои қадимаи мо бо кайҳону табиат алоқамандии ногусастанӣ доранд. Ҷашн гирифтану донистани чунин идҳо дар муайян намудани вақти шабу рӯз, фаслҳои сол ва мавсими корҳои кишоварзӣ мусоидат хоҳанд кард. Аз ҷумла, таҷлили Сада низ бо чунин суннатҳои неки худ аз дигар ҷашнҳои миллиамон фарқ мекунад.

Дар хусуси таърихи пайдоиши ҷашни Сада дар миёни олимон ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад, ки ҳар кадоми онҳо дорои ҳикмат мебошанд.

Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволаш бунёдгузори ҷашни Садаро ба шоҳ Ҳушанги пешдодӣ нисбат медиҳад. Тибқи гуфтаи ӯ шоҳ Ҳушанг (писари Сиёмак) бо ҷамъе аз ёрони худ, ки 100 нафарро ташкил медодаанд, барои шикор ба кӯҳи Истахр мераванд ва дар сари роҳ бо мори азимҷуссае вомехӯранд. Ҳушанг чолокӣ нишон дода, ба хотири эминии худу ёронаш сангеро ба сӯйи мор ҳавола медиҳад, аммо санг ба санги дигаре бархӯрда оташаке падид меорад. Ҳамон оташак ба аланга мубаддал шуда, мор ва хасу хошоки атрофи онро низ сӯхта нобуд мегардонад. Ҳушангу ёронаш аз падидоии оташ хурсандӣ карда, Кирдигори покро дуруд мегӯянд ва ин рӯзро ҳамчун рӯзи муборaку хуҷаста донистa, пирӯзии некӣ бар бадиро бо номи Сада ҷашн мегиранд:

*Яке ҷашн кард он шабу бода х(в)ард,*
*Сада номи он ҷашни фархунда кард.*
*Зи Ҳушанг монд ин Сада ёдгор,*
*Басе бод чун ӯ дигар шаҳриёр,*
*К-аз обод кардан ҷаҳон шод кард,*
*Ҷаҳоне ба некӣ аз ӯ ёд кард.*

Аз гуфтаи Ҳаким Фирдавсӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Сада дар замони Ҳушанги пешдодӣ ба вуҷуд омада, бархӯрди қувваҳои некию бадӣ дар симои Ҳушангу мор таҷассум ёфтааст ва пайдоиши оташро ҳамчун ҳадяи Яздонӣ, ғалабаи рӯшноӣ бар торикӣ бояд донист.

Чизи муҳимме, ки аз ин ривоят бармеояд, ин пайдоиши оташ, яъне, нури Аҳуроӣ барои саркӯбии торикӣ ва тантанаи рӯшноӣ мебошад. Оташ ҳамчун рамзи ҳастию саодатмандӣ ба шумор рафта, иртиботи ҷирмҳои осмонию заминӣ низ ба нуру рӯшноӣ вобаставу алоқамандӣ доранд. Аз ин ҷост, ки дар ҷашнҳои Сада ва Наврӯз халқҳои тоҷику форс ҳамчун суннати дерина оташафрӯзӣ мекунанд. Оташафрӯзӣ дар таълимоти динҳои меҳрпарастӣ ва зардуштӣ аз амалҳои неку савоб ба шумор мерафт. Ниёгонамон ҳастии дунёро ба чор унсури табиат: об, хоку боду оташ вобаста медонистанд.

Калимаи «сада»-ро дар забони форсии қадим «садок» ва дар форсии миёна «садаг» талаффуз мекардаанд, ки маънои пайдо шуданро дорад. Агар маънои «сада» дар забонҳои қадимаи форсӣ-тоҷикӣ маънои пайдо шудан, тулуъ карданро дошта бошад, пас кашфи оташро ҳамчун рамзи ҳаёт ва осудагӣ фаҳмидан низ мумкин аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки шаби дарозтарини солро шаби ялдо меноманд, ки он ба шаби 22-юми декабри солшумории мелодӣ рост меояд. Калимаи ялдо аз забони суриёнӣ гирифта шуда, маънои зодан ва тавлид шуданро мефаҳмонад ва дар фарҳангҳои форсӣ-тоҷикӣ ба маънои шаби дарозтарини сол ва шаби бисёр сиёҳу торик шарҳ дода шудааст. Абурайҳон Берунӣ дар китобҳои «Ат-Тафҳим» ва «Осор-ул-боқия»-и худ ибораи «шаби ялдо»-ро ба маъноҳои «шаби зодан» ва «Навидрӯз» низ маънидод кардааст.

Абурайҳон Берунӣ, инчунин, бунёдгузори ин ҷашнро ба Фаридуни пешдодӣ низ нисбат медиҳад.

Ибни Балхӣ дар китоби «Форснома»-и худ ибтидои ин ҷашнро ба Луҳрост ва писараш Гуштосп вобаста медонад. Манучеҳрию Унсурӣ низ дар шеърҳои худ пайдоиши ҷашни Садаро ба Исфандиёр нисбат додаанд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки пайдоиши ҷашни Садаро ба Ҳушанг, Фаридун, Исфандиёр, Гуштосп, Ардашери Бобакон ва дигарон иртибот медиҳанд.

Бо вуҷуди ин ҳама ривоятҳои мухталиф Абурайҳон Берунӣ дар китоби «Ат-тафҳим»-и худ Сада ном гирифтани ин ҷашнро ба он маъно медонад, ки форсиёни қадим 50 шабу 50 рӯз пеш аз Наврӯз онро ҷашн мегирифтанд. Онҳо рӯз ва шабро алоҳида ҳисоб мекарданд. Аз ин рӯ, истилоҳи «сада» баргирифта аз адади 100 мебошад, ки ҷамъи 50 шабу 50 рӯз мебошад.

Ардашери Озаргушасп дар китоби «Маросими мазҳабӣ ва одоби зардуштиён» низ гуфтаҳои болоро тақвият бахшида, аз ҷумла овардааст: «Сада аз вожаи сад омадааст ва ҳамон тавр ки ҳафта ба маънои ҳафт рӯз ва чилла ба маънои чиҳил рӯз, даҳа ба маънои даҳу панҷа ба маънои панҷ рӯз аст. Ва ҳамчунин, ангуштони дасту пойро панҷа мегӯянд ва ҳазора ба маънои ҳазор сол аст, сада ҳам ба маънои сад рӯз аст».

Дар бораи баргузории вақти таҷлили Сада аксарияти маъхазҳои таърихӣ ва муаррихон як вақтро таъкид намудаанд. Бино ба таъкиди аксарияти маъхазҳои таърихӣ ҷашни Сада дар рӯзи 10-уми баҳманмоҳ қайд карда мешавад, ки он ба рӯзи 30-юми моҳи январ рост меояд. Ба навиштаи Абурайҳон Берунӣ аз рӯзи 10-уми баҳманмоҳ то Наврӯз 50 шабонарӯз боқӣ мемонад.

Ниёгони мо ҷашни Садаро ба хотири 40-рӯзагии Офтоб, яъне, 10-уми баҳманмоҳ (анҷоми чиллаи калон) қайд мекарданд. Ин ҷашн ба хотири он буд, ки ба Офтоби чилрӯза осеб нарасад ва бештар ба ҳаёт нуру гармӣ ато кунад.

Дар асотири қадимаи ниёгони мо чунин фаҳмише вуҷуд дошт, ки гӯё дар миёни моҳҳои дай ва баҳман (декабру январ) қувваҳои аҳриманӣ хурӯҷ карда, сармои зиёдеро тавлид мекунанд. Офтобро аз рӯзи таваллуд (1-уми даймоҳ – 21 декабр) гӯё дар ғоре пинҳон менамоянд, то аз неруҳои аҳриманӣ эмин бимонад ва дар чилрӯзагӣ зоҳир мешавад, яъне, тулӯъ мекунад. Дар ин рӯз гулхан афрӯхта мешуд, то ба ин васила, ба гармии Офтоб гармӣ зам намуда, ба ӯ қувваи дубора бахшанд, то минбаъд мағлуб нашавад. Офтоб чун оташ ҳанӯз қабл аз дини зардуштия низ мавриди эҳтироми гузаштагони мо қарор дошт. Ҷашни Сада оғози чиллаи хурд буда, дарак аз Наврӯзи хуҷастапай медиҳад. Тавре ки Фаррухии Систонӣ мегӯяд:

*Сада омад, ки туро мужда диҳад аз Наврӯз,*
*Мужда бипзиру бидеҳ хилъату кораш ба тироз.*

**РИСОЛАТ**

***Дилоро ШАФИЕВА,***
***омӯзгори мактаби №23,***
***ш.Душанбе***

# ОМӮЗГОР БОЯД ҲАМЕША ОМӮЗАД



Донишмандон гуфтаанд, ки дониши инсон аз ду роҳ – таҷрибаи зиндагӣ ва омӯзиши бардавом ба вуҷуд меояд. Агар ҳар ду якҷо ва дар амал татбиқ гардад, он гоҳ шахс муваффақ мешавад. Ҳанӯз 1100 сол пеш устод Рӯдакӣ гуфта буд:

*Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*

Ҳамин аст, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мактабу маориф ва табияи насли наврас таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат (23 декабри соли 2022) таъкид намуданд: «*Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад*».

Ҳамзамон, Пешвои миллат нисбат ба омӯзгор ва ин пешаи пуршараф зикр намуданд: «*Омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем*». Бинбар ин, мо – омӯзгорон низ касби худро бояд дӯст дорем, мунтазам омӯзем ва донишу ҷаҳонбинии хешро вусъат бахшем, аз навгониҳои таълим огоҳ бошем.

Воқеан, ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст, ки «**бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад**» гуфтаанд. Аз ин рӯ, вазифадорем, ки барои «**бунёди миллати мутамаддин**» саҳми босазо гузорем.

30 сол боз аст, ки ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ дарс медиҳам. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки муаллимони ботаҷриба сол то сол кам мегарданд ва дар мактабҳо бештар омӯзгорони ҷавон фаъолият доранд. Баъзе аз онҳо, бо сабаби дониши нокифоя завқу шавқи дарсдиҳӣ надоранд ва машғулиятҳоро якрангу дилгиркунанда мегузаронанд. Маълум мешавад, ки қисме аз омӯзгорони ҷавон дониши комил надоранд, камтаҷриба ҳастанд ва хонандагонро идора карда наметавонанд.

Мусаллам аст, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба рафтор ва муносибати махсус ниёз доранд. Онҳоро ҳамчун фарзанди хеш дӯст бояд дошт. Дар баробари ин, онҳоро мунтазам назорат бояд кард ва бо волидайни онҳо ҳамкориро қавӣ ба роҳ монд.

Ҳолатҳое мешавад, ки моҳҳои аввали дар синфи якум таҳсил кардан муддате баъзе хонандагон гиря мекунанд, ки мактаб писандаш нест; баъзе аз синф баромада берун рафтан мехоҳад; баъзе ҳар саволе, ки дар зеҳнаш омад, мепурсад ва ғайра. Чунки хонандаи хурдсол масъулият ва вазифаи мактабро дуруст дарк накардааст. Барои дарки дуруст дар синфҳои ибтидоӣ кор бояд кард.

Омӯзгори ҷавонро зарур аст, ки ҳанӯз дар давраи донишгоҳ таҳсил карданаш дар ин замина фаъолиятро тақвият бахшида, дар бораи рафтору кирдори кӯдакон аз дарсҳои педагогика ва психология маълумоти саҳеҳ ба даст биёрад. Баъди ба фаъолият оғоз кардан дар мактаб китобҳои дарсии педагогика ва психологияро пайваста мутолиа намояд. Ҳар амале, ки аз ҷониби талабагон анҷом дода мешавад, воқеъбинона ва дуруст баҳогузорӣ кунад.

Агар омӯзгор ба таври мунтазам наомӯзад, аз навгониҳои таълиму тарбия бехабар бошад, бо хонандагон, бахусус, синфҳои ибтидоӣ, кор кардан барояш мушкил мешавад. Дигар ин ки, омӯзгор, пеш аз ҳама, касби худро сидқан дӯст дорад, бо чеҳраи шоду хурсанд ва рафтори шоистааш ба равони кӯдак таъсири мусбат расонад.

Гоҳе ба шабакаи интернет ворид мешавам, дар бораи фаъолияти омӯзгорони кишварҳои хориҷӣ маълумот ба даст меорам. Дарк мекунам, ки онҳо ба касб ва масъулияти хеш ҷиддӣ муносибат мекунанд. Перомуни рафтор ва хислати хонандагон мушоҳидаву назарҳои худро менависанд, бо падару модари онҳо машварат мекунанд ва роҳи дурусти тарбиятро мушаххас мекунанд.

Ҳар сол дар синфи якум ду-се духтару писари шӯх ё бараъакс, чанд хурдсоли тамоман орому ботамкин меоянд. Бисёр дидаам, ки бачаҳо ҳамдигарро масхара мекунанд, гапи бемаънии аз хона ё кӯча ёд гирфтаи худро дар синф такрор мекунанд. Баъзан ба назар мерасад, ки писарак ё духтарак ҳамаҷониба солим аст, вале навиштану хонданро зуд ёд намегирад. Ин ҳама ба инкишофи низоми асаби кӯдак вобаста буда, барои ислоҳи камбудиҳо омӯзгор дар ҳамбастагии падару модар метавонад мушкилотро зуд ҳал кунад.

Солҳои охир дар ҳафтономаи «Омӯзгор», маҷаллаҳои «Маърифати омӯзгор» ва «Маорифи Тоҷикистон» дар атрофи масъалаҳои таълиму тарбия мақолаҳои хубу хонданӣ чоп мешаванд, вале на ҳамаи омӯзгорон онҳоро меомӯзанд ва дар раванди дарсҳо самаранок истифода мекунанд. Бинобар ин, мо, омӯзгорон, ҳамвора захмат кашем, то хонандагон бомаърифат шаванд ва кишварамон боз ҳам рушд кунад. Пешвои миллат бамаврид таъкид кардаанд: «*Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад*».

Пешвои миллат дуруст қайд кардаанд, ки «**бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад**». Аз ин рӯ, мо, омӯзгорон, бояд сидқан кор кунем, мунтазам омӯзем, хонандагонро дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намоем ва бахри шукуфоии бештари кишварамон талош варзем.

**РАВОНШИНОСӢ**



***Муҳаммадраҳим ТОШПӮЛОДОВ,***
***равоншиноси литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе***

# МУАЙЯН НАМУДАНИ МИЗОҶИ ШОГИРДОН



Дар психология бори нахуст олими Юнони қадим Гиппократ (Буқрот) чор намуди мизоҷро муайян мекунад. Мизоҷҳои холерикӣ, сангвиникӣ, флегматикӣ ва меланхоликӣ. Физиологҳои машҳури рус И. П. Павлов ва И. М. Сеченов асосҳои физиологии мизоҷро аз ҷиҳати илмӣ омӯхта, типҳои фаъолияти олии асабро кор карда баромаданд.

**Хусусиятҳои фардии инсон, ки заминаи психологии ӯро ташкил медиҳанд ва зимни он хусусиятҳои дигари шахс имконияти сабзиш пайдо мекунад, мизоҷ ном дорад.**

**Мизоҷи холерик**

Маънои холерик **зарда** (захра) буда, аз калимаи юнонии **“холе”** гирифта шудааст. Ҳиссиёти намояндагони ин мизоҷ устувор ва дарозмуддат набуда, аз як ҳолат ба ҳолати дигари эмотсионалӣ тез мегузаранд.

Холерикҳо одамони тез, чолок, зӯранд, имою ишорат ва нутқашон равшан буда, ташкилотчӣ, ташаббускор, **саросема**, серҳаракат мебошанд.

**Мизоҷи холерикӣ** – мизоҷе, ки асоси он типи зӯрӣ дар мувозинат набудааст ва дар фаъолияти олии асаб **ҳаяҷон, бесабру қарор, рафторҳои бемулоҳиза, тез баҷӯшу хурӯш омадан, яъне, асабонӣ шудан** бартарӣ дорад.

**Мизоҷи сангвиник**

Маънои мизоҷи сангвиникӣ **хун** буда, аз калимаи лотинӣ **“сангвиюс”** гирифта шудааст. Намояндагони ин намуди мизоҷ одамони тез, ташаббускор, ташкилотчӣ, чолок, ҳиссиёташон ивазшаванда, дорои имою ишорати бой, нутқашон бурро ва пурмазмун аст. **Дар онҳо кибру ғурур ва бепарвоӣ мушоҳида мешавад.**

**Мизоҷи сангвиникӣ** – мизоҷе, ки асоси он типи зӯр, дар мувозинатбуда ва серҳаракати фаъолияти олии асаб мебошад.

**Мизоҷи флегматик**

Маънои флегматик **луоб** буда, аз калимаи **“флегма”** гирифта шудааст. Ба одамони дорои мизоҷи флегматикӣ хусусияти сустӣ, баробарвазнӣ, ҳиссиёташон устувор ва сустпайдошаванда хос аст. Онҳо аз як ҳолат ба ҳолати дигари психикӣ бо тезӣ намегузаранд.

Кӯдакони флегматик тартиботро дӯст медоранд, ботамкину мулоҳизакоранд. Онҳо ҳавобаландӣ, худнамоӣ намекунанд ва **чандон ташаббускор ҳам нестанд, камҳаракат, танбал, ғайри фаъол мебошанд.**

Мизоҷи флегматикӣ – мизоҷе, ки асоси он типи зӯр, дар мувозинатбуда ва сусти фаъолияти олии асаб мебошад.

**Мизоҷи меланхолик**

Маънои меланхолик **зардаи** (заҳра) **сиёҳ** буда, аз калимаи юнонӣ **“мелайна холе”** гирифта шудааст. Ҳиссиёташон устувор, чуқур, оҳиста пайдошаванда ва дарозмуддат аст.

Бачаҳои мизоҷи меланхоликӣ ором ва хоксор буда, тез хиҷолат мекашанд. Онҳоро бо осонӣ хурсанд ё хафа кардан мумкин нест. **Хафагиашон дер давом мекунад, танқидро касаливор аз сар мегузаронанд. Ҳассосу зудбовару содадиланд. Корро тез сар намекунанд ва ё ба бозӣ бо тезӣ дохил намешаванд, беҳолу бемадоранд.** Дар шароити ором сермаҳсул кор мекунанд.

Мизоҷи меланхоликӣ – мизоҷе, ки типи сусти фаъолияти олии асаб асоси он мебошад.

Зери мафҳуми мизоҷ ҳамон хусусияти махсуси психикиеро дар назар доранд, ки инкишофи фаъолияти одамро муайян мекунад ва дар фаъолияти гуногун новобаста аз мазмун, мақсад ва мароми шахс якзайл зоҳир мешаваду дар ҷараёни ҳаёт қариб бетағйир мемонад.

Мо дар ҳамкорӣ бо роҳбарони синф тибқи методикаи Александр Белов дар синфҳои 9а ва 9б тест гузаронидем. Методикаи мазкур аз чор гурӯҳи саволномаҳо, ки ҳар яке шарҳдиҳандаи ягон намуди мизоҷи шахс мебошанд, иборат аст. Озмудашаванда мулоҳизаҳои додашударо, ки ба ӯ тааллуқ дорад, бо ҷавоби “**ҳа**” ё **“+”** тасдиқ ва мулоҳизаҳои ба ӯ таалluқ надоштаро бо ҷавоби “**не**” ё “-” инкор мекунад.

**Синфи 9а**

| **Т/р** | **Ному насаб** | **Холе-рик %** | **Санг-виник %** | **Флег-матик %** | **Мелан-холик %** | **Мизоҷ** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Муҳаммадҷони Д. | 35 | 50 | **55%** | 15 | флегматик | |
| 2. | Ваҳобов Ш. | 15 | **95%** | 40 | 15 | сангвиник | |
| 3. | Матхалов С. | **40%** | 30 | 30 | 20 | холерик | |
| 4. | Мирвайсзода А. | 70 | **75%** | 30 | 20 | сангвиник | |
| 5. | Орзуева М. | 25 | 45 | **65%** | 35 | флегматик | |
| 6. | Абдураҳмонзода Н. | 35 | 60 | **70%** | 15 | флегматик | |
| 7. | Абдулҳамидзода З. | 35 | 60 | **70%** | 20 | флегматик | |
| 8. | Бобоназарова М. | **60%** | 50 | 45 | 40 | холерик | |
| 9. | Каримов С. | 25 | **90%** | 65 | 25 | сангвиник | |
| 10. | Мирзоев У. | 35 | **60%** | 50 | 40 | сангвиник | |
| 11. | Абдусаидова Х. | 50 | **70%** | 65 | 25 | сангвиник | |
| 12. | Нозияни М. | 25 | **55%** | 45 | 30 | сангвиник | |
| 13. | Олимзода М. | 30 | 35 | **60%** | 45 | флегматик | |
| 14. | Ҳасанов М. | 35 | 50 | **65%** | 40 | флегматик | |
| 15. | Қосимова А. | 30 | 50 | **60%** | 20 | флегматик | |
| 16. | Ҷовидони Ҷ. | 20 | 65 | **80%** | 35 | флегматик | |
| 17. | Бобоев Ҳ. | 45 | 55 | **75%** | 40 | флегматик | |
| 18. | Дилдораи Э. | 40 | **60%** | 30 | 35 | сангвиник | |
| 19. | Азизмуродова Н. | 45 | 55 | **60%** | 20 | флегматик | |
| 20. | Бобохонов А. | 35 | 45 | **65%** | 20 | флегматик | |
| 21. | Шоинов А. | 35 | 60 | **65%** | 15 | флегматик | |
| 22. | Аминов Ш. | 35 | 65% | 55 | 15 | сангвиник | |
| 23. | Рамазони Ш. | 30 | 60 | **65%** | 25 | флегматик | |
| 24. | Қурбонова Ф. | 35 | 55 | **60%** | 25 | флегматик | |
| 25. | Таманно Д. | 35 | **95%** | 40 | 40 | сангвиник | |
| 26. | Ҷӯраева А. | 25 | 35 | **55%** | 40 | флегматик | |
| 27. | Ҷумаева Н. | **65%** | 50 | 45 | 25 | холерик | |
| 28. | Раҷабова М. | 10 | **80%** | 65 | 45 | сангвиник | |
| 29. | Ҳақназарова М. | 40 | 65 | **75%** | 25 | флегматик | |
| | | | | | | | |

Холерик 3,10,3%; сангвиник 10, 34,5%; флегматик 16, 55,2%; меланхолик 0.

**Синфи 9б**

| Т/р | Ному насаб | Хо-лерик % | Санг-виник % | Флег-матик% | Мелан-холик % | Мизоҷ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Чориев А. | 25% | 60% | **70%** | 15% | флегматика | |
| 2. | Дӯстова С. | 15 | **40%** | 30 | 15 | сангвиник | |
| **3.** | Идиева М. | 65 | **85%** | 70 | 25 | сангвиник | |
| 4. | Куканов А. | **60%** | 50 | 50 | 50 | холерик | |
| 5. | Меҳровари Х. | 45 | **65%** | 50 | 50 | сангвиник | |
| 6. | Толибов М. | 45 | **60%** | 50 | 55 | сангвиник | |
| 7. | Абдуллоева О. | 55 | **85%** | 70 | 25 | сангвиник | |
| 8. | Раҳимзода Ҳ. | 20 | 50 | **60%** | 50 | флегматик | |
| 9. | Абдуллозода Б. | 15 | 40 | **60%** | 15 | флегматик | |
| 10. | Абдулҳадова Я. | **35%** | 30 | 15 | 20 | холерик | |
| 11. | Хоҷаев А. | 40 | 45 | **65%** | 30 | флегматик | |
| 12. | Қодирӣ В. | 25 | 75 | **80%** | 35 | флегматик | |
| 13. | Ҳайдарова С. | 50 | 45 | 25 | **80%** | меланхолик | |
| 14. | Исоқов Ҷ. | 30 | 35 | **45%** | 25 | флегматика | |
| 15. | Қаландарова Ш. | 40 | **70%** | 55 | 50 | сангвиник | |
| 16. | Умаркулов Ҷ. | 25 | 60 | **65%** | 20 | флегматик | |
| 17. | Асадуллоев И. | 35 | 60 | **65%** | 10 | флегматик | |
| 18. | Расулов С. | 40 | 30 | **50%** | 0 | флегматик | |
| 19. | Шарифамоҳи Ф. | 35 | 40 | 35 | **55%** | меланхолик | |
| 20. | Каримов А. | 35 | 45 | **65%** | 35 | флегматик | |
| 21. | Фариштаи Н. | 25 | 65 | 60 | **70%** | меланхолик | |
| 22. | Абдуллозода Н. | 35 | **65%** | 60 | 20 | сангвиник | |
| 23. | Амиршоева Н. | 65 | 60 | **80%** | 40 | флегматик | |
| 24. | Назарова Н. | 35 | 40 | 25 | **50%** | меланхолик | |
| 25. | Исҳоқӣ О. | 55 | **90%** | 75 | 55 | флегматик | |
| 26. | Шокирова С. | 35 | 60 | **70%** | 55 | флегматик | |
| 27. | Шехов М. | 40 | 40 | 35 | **45%** | меланхолик | |
| 28. | Урунбоев Б. | **75%** | 35 | 55 | 15 | холерик | |
| 29. | Фавзияи Х. | 25 | 40 | **65%** | 40 | флегматик | |
| 30. | Аҳмадҷонзода М. | 20 | 45 | **70%** | 25 | флегматик | |

Холерик 3, 10,0%; сангвиник 7, 23,3%; флегматик 15, 50,0%; меланхолик 5, 16,7%.

Натиҷаи мизоҷи ду синф, дар маҷмуъ, чунин аст: холерик 6, сангвиник 17, флегматик 31, меланхолик 5.

Тибқи методикаи А. Белов агар натиҷаҳои бадастомадаи анкета аз 40% баланд бошад, ин нишонаи мустаҳкамӣ ва устувории мизоҷи додашуда мебошад.

Омӯзгор, роҳбари синф бояд барои бартараф намудани хислатҳои манфии шогирдон корҳои муайяни тарбиявиро ба сомон расонанд, то ки хонанда аз одати манфӣ парҳез намояд.

Аз ин рӯ, ба хонандагони мизоҷи **холерик** хислатҳои босабру тоқат будан, таҳаммулпазир буданро тарбия намудан лозим.

Ба онҳо фаҳмондан лозим аст, ки “Ҳарчӣ тез барояд, дер напояд”. Коре, ки бо саросемагӣ оғоз меёбад ва бо бесабрӣ анҷом меёбад, нопурраю номукаммал, пур аз хатою ғалат мебошад. Ҳангоми ба дарс ҷавоб додан, дар вақти иҷрои вазифаи хонагӣ андеша намоянд, ба сабру таҳаммул бошанд, ба иҷрои корҳо ба саросемагӣ роҳ надиҳанд, коре, ки бо камоли шиддат анҷом меёбад, оқибат пушаймонӣ пеш оварад. Бо мақсаде, ки хонанда зарари шитобкориро дуруст дарк намояд, нақли ҳикояти зеринро ба маврид меҳисобем.

*Овардаанд, ки дар вилояти Кашмир подшоҳе буд. Одилшоҳ ном дошт ва одилу хайрхоҳи халқ буд. Ин подшоҳ рӯзе ба шикор баромад. Иттифоқан аз пайи сайде тохт ва ба ҷое расид, ки роҳи баргаштанро гум кард. Ба домани кӯҳи бузург ва баланде расид, ки сар ба фалаки лоҷувардӣ кашида буд. Ҳаво ниҳоят гарм буд. Одилшоҳ ба ниҳояти ташнагӣ мерасад. Ногоҳ дид, ки аз болои кӯҳ қатраи об ба мисли чашма чакида истодааст. Одилшоҳ ҷоми заррин аз таркаш бароварда то замоне пури об шавад, зери он дошт. Чун хост, ки он обро нӯши ҷон кунад ва оташи ташнагиро фурӯ нишонад, боз боли худро ба он ҷом зада, обро ба тамомӣ ба замин рехт.* ***Одилшоҳ дар ғазаб шуда, он бозро дар гирди сар гардонида, чунон ба замин зад, ки боз ҳалок шуд.*** *Чун ташнагӣ бағоят ғалаба намуда буд, ӯро таҳаммули он набуд, ҷом аз қатраҳо пур шавад. Аз асп фуруд омада қадам ба домани он кӯҳ ниҳод, то худро ба сари чашма расонад. Чун ба камари кӯҳ расид, бар сари чашма аждаҳоеро дид, ки кушта ва заҳри он равон гашта, дар он чашма мерехтааст.*

*Одилшоҳ чун ин ҳолат бидид, наърае зад ва беҳуш шуд.* ***Чун ба ҳоли худ омад, ташнагӣ бар вай фаромӯш гашта, бар куштани боз таассуф мехӯрд, аз шитобкорию саросемагиаш пушаймон шуду зор-зор мегирист.***

Ба намояндагони мизоҷи **сангвиник** хислатҳои хоксорӣ, фурӯтаниро бедор кардан шарт аст.

Дар ин бобат нақли ҳикояти **Қозизодаи Систон ва Мавлоно Ҷомӣ** бамавкеъ аст.

*Қозии Систонро писаре буд бағоят зарифу хуштабъ. Қозизода ҳаргиз ба Ҳирот наёмада буд. Ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ дар тасаввури ӯ шахсе, ки ҷомаҳои нафиси ба такаллуф мисли суфу матои пашмини сурх ё кабуд, ки ашрофони замон мепӯшанд, мепӯшида бошад ва дастори гиреҳбаста дар ғояти бузургӣ дар сар ниҳода бошад.* ***Вале мавлоно Ҷомӣ дар тобистону зимистон қабо (ҷома)-и пурпунба мепӯшид ва фӯтаи ҳаммолӣ дар миён баста ва сарҳои фӯта овезон ва тоқияи хоҷаубайдӣ бар сар ва дасторе хурде ба гирди вай печида ва асои ҷавдона, ки як ваҷаб аз сар баланд бар даст дошт.***

*Қозизода ба дари хонаи Ҷомӣ омад, дар вақте ки ҳеҷ кас набуд, дар долон, бар сари суфа пойҳо овезон нишаст. Мавлавӣ аз хона берун омад. Қозизода фикр кард, ки ин аз ҷумлаи хизматгорони Ҳазрати Ҷомист, барнахост ва таъзим нокарда пурсид, ки ҳазрати Мулло дар хона ҳаст? Мавлавӣ фармуд, ки то ин замон дар хона буд ва табассуме кард. Қозизода гуфт:*

*Дар мулозимати ин навъ азизон чӣ гуна мардум мебошанд, ки ҷавоби “на” дар баробар мегӯянд ва бе тақриб механданд.*

*Баъд аз лаҳзае Қозизода гуфт:*

*Эй маҳбут (ҳайрон), чӣ шавад, ки равӣ ба махдумӣ арз дорӣ, ки писари қозии Систон мақсади ҳамсуҳбат шудан дорад.* ***Ҳазрати Мавлавӣ хандон шуд****. Қозизода дар аъроз шуда гуфт:*

*Ин хандаи шумо чӣ бало зебанда аст. Иттифоқо дар ин ҳол акобир ва аолӣ аз аҳолии Хуросон ба мулозамати ҳазрати махдумӣ омаданд. Чун аз сари кӯча пайдо шуданд, ҳама аз аспон пиёда шуда таъзим намуда вориди меҳмонхона гаштанд. Қозизода дар ҳайрат шуда, андеша намуд, ки Мавлоно Ҷомиро чӣ дастгоҳе ва чӣ азамату ҷоҳе, мардум ба камтарин хизматгораш ин миқдор таъзим менамоянд.*

*Қозизода низ вориди меҳмонхона гашту дар паҳлуи Амир Атоуллоҳ нишаста, оҳиста гуфт, ҳазрати Мавлавиро касе хабар накарда, ки муходим омадаанд?*

*Амир Атоуллоҳ гуфт :*

*Махдум, шумо магар аз ин шаҳр нестед?* ***Ҳазрати Мавлавӣ ин аст, ки дар кафшгоҳ нишаста.***

*Ҳазрати Мавлавӣ чун ба такаллум даромад, Қозизода аз ҷой бархеста берун давид. Ҳазрати махдумӣ фармуд, ки Қозизодаро пеши ман оред. Ӯ зорӣ мекард, ки аз гуноҳам даргузаред.*

*Чун ӯро ов788данд Мавлавӣ* ***таъзиму такрим намуда, аз суханҳои ӯ хушҳол гардиданашонро изҳор намуд****.*

Дар ниҳоди хонандагони мизоҷи **флегматик** зиндадилӣ, ташаббускорӣ, фаъолиятмандиро ривоҷ додан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар ин маврид оид ба сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври мушаххас мисолҳо оварда, ба шогирдон фаҳмонидан лозим аст, ки ҳамаи ин ободию пешравиҳои ҷумҳуриамон натиҷаи **ибтикору ташаббусу фаъолиятмандии** Сарвари давлатамон мебошад. Агар инсон ҷидду ҷаҳд накунад, саъю кӯшиш ба харҷ надиҳад, пешравӣ дар хонишу кору фаъолияти ӯ ба амал намеояд ва тараққиёти ҷомеа ва давлат ба назар нахоҳад расид.

Ба хонандагони гурӯҳи мизоҷи **меланхолик** хислатҳои серҳаракатӣ, бедорфикрӣ, фаъолнокӣ, қавиirодагӣ, шуҷоатнокиро парваридан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин маврид

ҳикояти Абдулвосеи Ҷабалиро аз асари “Бадоеъ-ул-вақоеъ”–и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ баён намудан ба мақсад мувофиқ аст.

*Миёни Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва Ҳасани Маймандӣ муддатҳо мунозира ва муҷодила буд: Султон Маҳмуд мегуфт, ки қобилият ва истеъдод дар одам зотӣ аст, ба саъй ва кӯшиши мураббӣ ҳосил намешавад. Ҳасани Маймандӣ мегуфт, ки ҳарчанд одамӣ ноқобил ва бесалоҳият бошад ҳам, ба тарбияти мураббӣ ва саъю кӯшишаш ӯ шахси бемислу монанд мегардад.*

*Рӯзе ин ҳар ду мунозиракунанда ба расми шикор баромада, аз лашкар ҷудо монданд ва гузарашон ба домани кӯҳе афтод. Султон Маҳмуд дид, ки шахсе бар қуллаи кӯҳе бар шохи дарахте нишаста поёнии шохро мебурад, Ҳасани Маймандиро гуфт:*

*Назар бар сари ин дарахт андозу ин шахсро мушоҳида кун ва инсоф бидеҳ, ки тарбият дар ин шахс чӣ асар дошта бошад.*

*Ҳасан гуфт:*

*Бо вуҷуди ин, агар тарбия ёбад, аз нодирони олам мегардад.*

*Султон Маҳмуд дар эъроз шуд ва гуфт:*

*Ту ин мардро тарбия кун, то бубинам чӣ мекунӣ.*

*Ҳасан ба он шахс фарёд кард ва гуфт:*

*Ин шохро мабур ва фуруд ой!*

*Фуруд омад. Ҳасан пурсид:*

*-Чӣ ном дорӣ?*

*-Маро Абдулвосеи Ҷабалӣ мегӯянд, марди кӯҳистониам, пуштаи ҳезуме ба шаҳр мебарам ва мефурӯшам, авқот (вақт) мегузаронам.*

*Он дам навкарони Ҳасан омада расиданд, Ҳасан фармуд ӯро ба аспе савор карданд ва ба хонаи худ бурд. Вай ба ҷамъе аз шуаро ва фузало, ки дар мулозимати ӯ буданд, супурд ва гуфт:*

*-Миёни ману Султон моҷароест, агар ба инояти (ёрии) шумо ҷониби ман қувват гираду роҷеъ шавад, ҳамаатон соҳиби молу сарват хоҳед шуд. Мебояд, ки ба ин шахс асло насрӣ сухан нагӯед ва ба якдигар ҳар чӣ гӯед, мебояд, манзум ва мавзун бошад.*

*Муддате тарбиятро бо ин услуб гузарониданд. Рӯзе ба сайри саҳро рафта буданд, ба канори пунбазоре расиданд, ки уштуре истода буд. Абдулвосеъ гуфт:*

***Уштуро, каҷгардано, донам чӣ хоҳӣ кардано,***

***Гардан намудӣ кач, магар пунба бихоҳӣ кандано?***

*Ҷамъи шоирон, ки онро шуниданд, хушҳол шуданд ва пеши Ҳасан омаданду воқеаро ба тафсил гуфтанд. Ҳасан он ҷамоатро инъоми бисёр кард ва фармуд, ки он байтро бо хати ҷалӣ (равшан) бар девори гармхонаи ҳаммом навиштанд, дар ҷое, ки Султон рӯй ба он ҷониб менишинад. Чун Султон ба ҳаммом даромад ва ба ҷои худ нишаст, сартарошро фармуд сарашро тарошад. Дар вақте ки мӯйҳои зери ришу мӯйлабашро метарошид, чашми Султон ба он байт афтод. Хонд, ки:*

***“Уштуро, каҷгардано, донам чӣ хоҳӣ кардано”.*** *Чун сартарош шунид, ки Султон гуфт:*

***“Донам чӣ хоҳӣ кардано”-*** *дасташ биларзид ва теғ аз дасти вай биафтод.*

*Султон гуфт:*

*-Рост гӯй, чаро дасти ту ларзон шуд ва теғ аз дасти ту афтод?*

*Гуфт:*

*-Ба ҷон зинҳор, ҳол ин аст, умарои Султон ба иттифоқ бо бародари Султон ёр шудаанд ва маро аз роҳ бурда гуфтанд, ки “агар сари Султонро мебурӣ, сари туро дар тарбият аз кайвон дармегузаронем”. Ман, ки қасди ин кор кардам, Султон гуфтанд, ки* ***“донам чӣ хоҳӣ кардано”,*** *ман хаёл кардам, ки Султон бохабар шуда, ин суханро гуфт.*

*Султон Худойро шукри бисёр кард ва пурсид:*

*Ин байти кист, ки нигаҳдори ҷони ман шуд ва сабаби амну амони ман гардид? Ҳасани Маймандӣ, ки ҳузур дошт, ба зону даромад ва гуфт:*

*-Шоҳо, ин байти ҳамон кас аст, ки бар шох нишаста поёни шохро мебурид.*

*Султон Маҳмуд Абдулвосеъро дар тарбия кашид.*

*Кори ӯ ба ҷое расид, ки дар мадҳи Султон қасидаи “Чор дар чор” гуфт, ки ҳазрати Мавлавӣ Ҷомӣ дар “Баҳористон” гуфтааст.*

*Аз он вақте ки он қасидаро Абдулвосеи Ҷабалӣ гуфтааст, ҳеҷ кас аз уҳдаи ҷавоби ӯ берун наёмадааст.*

Ҳамин тариқ, равоншиносони муассисаҳои таълимӣ маҳз тавассути тарбия метавонанд камбудиҳои мизоҷро дар хонандагон бартараф намоянд.

**САНЪАТИ СУХАН**

***Барно САИДОВА,***
***номзади илмҳои филологӣ***
***Моҳрухсор АКРАМОВА,***
***номзади илмҳои педагогӣ***

# ТАЛМЕҲ ДАР РУБОИЁТИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ



Ҷалолиддини Балхӣ яке аз мутафаккирон ва шоирони бузургест, ки дар осораш дар баробари дигар навъҳои адабӣ рубоӣ ҷойгоҳи муносиб дорад. Ҷалолиддини Балхӣ рубоиёташро дар перояи нозуки лафзу маънӣ ифода кардааст.

Каломи мавзунро санъатҳои бадеӣ оро медиҳанд ва ин аст, ки адибон дар ашъори худ аз унсурҳои маънисоз истифода мекунанд. Маҳорати суханварии шоирон дар офаридани маъниҳои тозаву бикр бо истифода аз воситаҳои бадеият мебошад.

Санъатҳои бадеӣ имкон додааст, ки дар рубоиёти Ҷалолиддини Балхӣ мавзуъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ишқу муҳаббати табиӣ ва панду ахлоқ басо возеҳу дилкаш таҷассум ёбанд. Яке аз хусусиятҳои асосии осори адабӣ бадеият аст. Воситаҳои тасвири бадеӣ ҷузъи муҳими асари бадеӣ буда, омили дилчасп, муассиру ҷозиб зоҳир гардидани мақсад ва ғояи асари бадеӣ мегардад.

Истифодаи санъатҳои бадеӣ маҳорати суханварӣ ва ҳунари тасвир дар рубоиёти Ҷ. Балхӣ дорои равиши хос аст. Яке аз рукнҳои асосии ашъори классикӣ, аз ҷумла, навъҳои адабӣ дар адабиёти форсу тоҷик моҳирона истифода намудани бадеият мебошад. Бадеият муҳимтарин хусусияти хоси осори манзуму мансури қаламкашони классикии мост. Онҳо барои тасвири бадеии воқеаву ҳодисаҳо ва олами зоҳириву ботинии қаҳрамонон аз санъатҳои лафзиву маънавӣ фаровон истифода менамоянд. Муҳаққиқ Тӯрақул Зеҳнӣ дар бораи арзиши санъатҳои бадеӣ менависад: «Воситаҳои тасвироти бадеӣ ҳамин гуна ҷузъи муҳимми асари бадеӣ мебошад, ки адиб онҳоро барои истифода кардани ғояи асосии худ истифода менамояд. Таъсири эмотсионалии асари бадеӣ аз бисёр ҷиҳатҳо ба воситаҳои тасвир вобаста аст, воситаҳои тасвир барои дилчаспу форам ва муассиру ҷозибадор тазовур кардани мақсад ва ғояи асар омили муҳиме мебошад» [2, 3].

«Ба воситаи санъатҳои бадеӣ «калом мухайял ва тасвирӣ шавад ва аз сурати мустақиму якбуъдӣ ба сурати ғайримустақиму чандбуъдӣ дароянд, яъне, аз забони одӣ фосила бигирад» [7, 14].

Ҳангоме ки поэтикаи осори манзуму мансурро таҳқиқ мекунем, маълум мегардад, ки пажуҳишгарон дар асарҳои «Тарҷумон-ул-балоға»-и Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ул-сеҳр-фи дақоиқ-ул-шеър»-и Рашиди Ватвот, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ, «Эъҷози Хусравонӣ»-и Хусрави

Деҳлавӣ, «Маҷмаъ-ус-саноеъ»-и Низомиддини Аҳмад ибни Муҳаммад Солеҳи Сиддиқи Ҳусайнӣ, «Насиҳатнома»-и Кайковус, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин, «Ҳафт қулзум»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Шеър-ул-аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ, «Шеъру адаби форсӣ»-и Зайнулобиддини Мӯътаман, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоулло Ҳусайнӣ, «Сабкшиносӣ»-и Баҳор, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Бадоеъ-ул-афкор»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Персидско-таджиксакая классическая поэтика X-XV вв.»-и Мусулмонқулов Р., «Сабки Хуросонӣ дар шеъри форсӣ»-и Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷӯб, «Каломи бадеъ»-и Х. Шарифов, «Назмшиносӣ»-и Х. Шарифов ва У. Тоиров, «Каломи манзум»-и У. Тоиров ва диг., «Шеъри Рӯдакӣ ва муаммои таҳлили каломи манзум»-и А.Сатторзода, «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ»-и Р. Ҳодизода дар хусуси қоидаву қонуниятҳои каломи манзум ва санъатҳои бадеӣ баҳс намудаанд.

Санъатҳои бадеиро дар гузашта илми бадеъ гуфтаанд, ки он дар қатори маъонӣ ва баён яке аз ҷузъҳои сегонаи илми балоғат маҳсуб меёбад. Санъатҳои бадеӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ. Санъатҳои маънавӣ аслан дар назар гирифтани маънои калима, ибора ва ҷумлаҳост, аммо санъатҳои лафзӣ дар асоси шакли калимаву иборахо сохта мешаванд.

«Санъатҳои маънавӣ – санъатҳое, ки ба калимаҳо тобишҳои гуногуни маънавӣ медиҳанд, мазмуни маънавии шеърро чуқуртар ва рехтатар мекунанд. Ба санъатҳои маънавӣ ташбеҳ, истиора, талмеҳ, муболиға, мутобиқа, муқобила ва ғайра дохил мешаванд» [5, 97].

Доир ба робитаи санъатҳои маънавӣ бо лафзӣ Т. Зеҳнӣ хеле равшан таҳқиқ намуда, чунин қайд кардааст: «Ҳарчанд ки саноеи лафзӣ зебоии лафз ва саноеи маънавӣ муҷиби ҳусни маънӣ мегарданд, мумкин аст, ки маънӣ ба таъсири ҳусни лафз некутар ва дилчасптар шавад ва дар навбати худ шакл бо таъсири ҳусни маънӣ то ҳадде зебой, раънои касб намояд» [2, 49]. Санъатҳои лафзӣ танҳо ба хотири «шаклпарастӣ ва суханбозиҳои бемазмун» истифода намешаванд, балки матнро аз лиҳози шакл ҷолибу муассир мегардонад. Дар баробари ин, онҳо баҳри мукаммал сохтани лафзу маънии каломи бадеъ мусоидат мекунанд.

Санъатҳои бадеӣ дар алоҳидагӣ дар офариниши маъниҳои баланди шоирона саҳми босазо доранд. Бинобар ин, як қатор санъатҳое ҳастанд, ки дар тасвир нақши барҷаста доранд, талмеҳ аз ҷумлаи ин гуна санъатҳост, ки ба маҳорати қаламкашӣ ва ҷаҳонбинии илмиву бадеии шоир вобаста аст.

Корбурди санъати талмеҳ дар шеъри классикии форсу тоҷик собиқаи дерина дорад. Ин навъи санъати бадеӣ дар каломи манзум зиёдтар ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, ба номҳои шахсиятҳои барҷаста ва осори онҳо ишора намуда, шоир бо истифода аз ин санъати бадеӣ дар эҷоди рубоӣ фикри худро таҳким мебахшад.

Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук ба сӯи чизест. Дар адабиёти бадеӣ ишора ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву ривоятҳо, санъати талмеҳ номида мешавад [2].

Дар «Луғати мухтасари адабиётшиносӣ» омадааст, ки «талмеҳ яке аз воситаҳои тасвир, яъне, санъати маънавист, ки нависанда ба он восита ба ягон воқеаи машҳур ва одамони номӣ ишора карда, маънию мазмуни амиқеро баён мекунад» [8].

Талмеҳ он аст, ки алфози андак бар маънии бисёр далолат кунад ва ламҳ ҷастани барқ бошад ва ламҳа (лаҳза, дам) як назар бувад. Ва чун шоир чунон созад, ки алфози андаки ӯ бар маънии бисёр далолат кунад, онро талмеҳ хонанд. Ва аҳли нақд гуфтаанд: «Балоғати лафз некуст бо сиҳати маънӣ ва фасоҳат покизагии сухан аст ва душворӣ» («Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, 301).

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» овардааст, ки талмеҳ иборат аст аз ишорат кардан дар мазмуни калом ба қиссаи машҳур ё масале машҳур.

Донишманд Аълохон Афсаҳов перомуни гурӯҳбандиҳои санъати мазкур чунин менависад: «Талмеҳҳои адабиёти классикии тоҷикро аз нигоҳи пайдоиш ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) қиссаву ривоятҳо ва шахсони асотирӣ, монанди: Рустам, Кова, Сӯҳроб, Ҳотам, Юсуф, Ҷоми Ҷам, Симурғ, Гурдофарид ва ғайра.

2) тасаввури гузаштагон дар бораи пайдоиш, сохти кайҳону сайёраҳо, монанди гови Замину моҳӣ (гӯё замин дар шохи гов асту гов бар рӯи моҳӣ), Баҳром (ситораи Ҷанговарон), Зуҳра (мутрибаи фалак) ва ғайра…

4) рӯйдодҳо ва шахсони таърихӣ, чун Зардушт, оли Сомон, Ҳасану Ҳусайн ва ғайра.

5) воқеаҳои фарҳангӣ, аҳли илму адаб ва осори онҳо: Авесто, «Занд», «Аржанг», Монӣ, Фирдавс, Ибни Сино, «Шифо» ва ғайра.

6) қаҳрамони асарҳои адабӣ, монанди Лайлӣ, Маҷнун, Фарҳод, Ширин, Баҳроми Гур, Искандар, Хусрав ва ғайра.

7) маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои асотирӣ ва ё таърихӣ он ҷо рӯй додаанд, мисли Албурзкӯҳ, кӯҳи Бесутун, Қоф, Карбало, Уҳуд, Тури Сино, Садди Сикандар ва ғайра» [1, 166].

Ҳамзамон, дар адабиёти бадеӣ ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва дигарҳо ишора намуданро талмеҳ мехонанд. Бо истифода аз ин санъати маънавӣ муаллиф зимни тасвири ҳодисаву воқеаҳо кӯшиш менамояд, ки дар лаҳзаҳои бисёр мушкилу мубрам вораста гардонидани онҳоро тавассути шахсиятҳои асотирӣ ба амал пайвандад.

Яъне, талмеҳ санъати маънавиест, ки бо ишора ба чизе дар тасвироти рангину ҷаззоби шоирона мақоми назаррас дорад. Ҷалолиддини Балхӣ – шоири нозукбину рангинбаён тасвир ва маъниофариҳои барҷастаро дар шеъри худ хеле дақиққоронаву моҳирона корбурд кардааст.

Талмеҳ дар ашъори Ҷалолиддини Балхӣ мавқеи намоёнро касб намуда, махсусан, дар рубоиёташ ин навъи санъат зиёд ба мушоҳида мерасад:

Дар бораи Симурғ чунин навиштааст:
*Гӯянд маро: «Чанд бихандӣ зи газоф?!*
*Корат ҳама ишрат асту гуфтат ҳама лоф».*
*Эй хасм чу анкабут сафро мебоф,*
*Симурғ тарабнок шиносад кӯҳи Қоф [9,167].*

Дар баъзе аз рубоиёти Ҷалолиддини Балхӣ бо истифода аз санъати талмеҳ ғаму ғусса ва афсӯсу надомат ба табиати оташини қаҳрамони лирикии шоир алоқаманд афтодааст (Ноҳид, Зуҳал, Кайвон, Зуҳра):

*Боз омаду он зулфи ба хам боз овард,*
*В-он шӯру шару зулму ситам боз овард.*
*Он моҳ, ки Зуҳраро алам кард нагун,*
*По дор, ки он таблу алам боз овард* [9, 30].

***

*Маҳро чӣ тароавату Зуҳалро чӣ маҳол,*
*Бо талъати офтобат андар офоқ?! [9,167].*

Талмеҳ дар офариниши образҳои шоирона дар ашъори шоир нақши барҷаста ва назаррас дорад. Шоир тавонистааст бо истифода аз ин санъати маънавӣ фикри худро равшану рангин ба хонанда пешкаш намояд.

Шоир ҳусну ҷамоли ёр, нозу карашма, шеваи гуфтори ёрро бо истифода аз санъати талмеҳ моҳирона ба қалам додааст. Ин тасвир хеле ҷаззоб ва ба маврид омада, мазмуни рубоиро хеле баланду дилчасп намудааст:

*Аз лутфи ту санги хора ҷонона шавад,*
*Он лаҳза, ки шеваҳот мастона шавад.*
*Занҷири ду зулфи ту чу зоҳир гардад,*
*Луқмони Ҳаким низ девона шавад* [9, 39].

Дар рубоиёти шоир санъати талмеҳ хеле зиёд ба назар мерасад, ки шоир ба ин восита ақидаи хешро дар ифодаи маънӣ бо ишора аз воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо пурра ва равшан ифода намудааст.

Ҷалолиддини Балхӣ дар роҳи пурпечутоби ишқ хуни ҷигар хӯрданашро дар рубоиёт зикр кардааст. Ба Маҷнун талмеҳан ишора карда мегӯяд:

*Аввал, ки рухам зарду дилам пурхун буд,*
*Ҳамхирқаву ҳамрози дилам Маҷнун буд* [9, 126].

Яке аз образҳои дӯстдоштаи Ҷалолиддини Балхӣ ин Фарҳоди ситамкаш ва меҳнатдӯст мебошад, ки ӯро бо як ҳусни таваҷҷуҳ ва эҳтироми зиёд ба забон гирифта, ҳамчун таҷассуми садоқату вафодорӣ дар муҳаббат медонад.

Инчунин, сифатҳои образи Хусраву Ширинро чунин ба қалам додааст:

*Эй кӯронро ба лутф, раҳбин карда,*
*Эй гарбронро пешрави дин карда.*
*Дарвешонро ба мулк Хусрав карда,*
*Эй Хусравро бибурда Ширин карда* [9, 243].

Роҷеъ ба маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои асотирӣ ва ё таърихӣ он ҷо рӯй додаанд, чунин ишора намудааст:

*Меҳмони ту нест ду се рӯз газоф,*
*Хуни ту гирифтааст аз Қоф ба Қоф.*
*Гар фитна шавад касе, маор аст маор,*
*Бар шамъ кунад ҳамеша парвона тавоф [9, 166].*

Мувофиқи гурӯҳбандии талмеҳоти адабиёти классикии тоҷик гуфта метавонем, ки дар рубоиёти Ҷалолиддини Балхӣ бештар ишқу муҳаббат тараннум кардааст ва бисёр масъалаҳои дигари зиндагиро дар заминаи он баён намудааст. Шоир бо истифодаи қиссаву ривоятҳо, шахсони асотирӣ, рӯйдодҳо, шахсони таърихӣ, қаҳрамони асарҳои адабӣ ва мавқеъҳои ҷуғрофӣ ҳадафу мақсадашро дар рубоиёташ возеҳу муассир ба хонанда пешкаш кардааст.

Мавқеи санъати талмеҳ дар рубоиёти Ҷалолуддини Балхӣ ба таври васеъ мушоҳида шуда, бо истифодаи ин санъат зебоии табиати диёрашро, ҳасби ҳоли худ ва ба таври барҷаста масъалаи ишқу муҳаббати покро нисбат ба маъшуқа тасвир намудааст.

Хулоса, корбурди санъати талмеҳ дар тасвир ва маънисозии рубоиёти Ҷалолиддини Балхӣ мавқеи намоён дорад. Шоир ба ин восита фикри худро тақвият дода, равшану возеҳ пешкаши хонанда намудааст, ки ба ташаккули сифатҳои иродавии шахс нақши муассир мегузоранд.

Ҳамчунин, истифодаи санъати талмеҳ дар банду басти як қатор тасвироти воқеӣ, ки шоир онро наметавонист бе парда пешкаши хонанда намояд, саҳми муносиб гузоштааст. Умуман, талмеҳоти ашъори шоир қимати маърифатию тарбиявӣ ва аҳамияти калони таърихиро ба худ касб кардааст.

## АДАБИЁТ:


1. *Афсаҳов А. Талмеҳ // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ. 3. – Душанбе. - 2004.*
2. *Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, - 1967.*
3. *Шарҳи рубоиёти Ҷомӣ. – Кобул. - 1964.*
4. *Ҳодизода Р., Шукуров М. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон. - 1964.*
5. *Ҷомӣ А. Осор Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди 8. - Душанбе: Адиб. - 1990.*
6. *Сирус Ш. Нигоҳи тоза ба бадеъ. – Теҳрон: Фирдавс. - 1372.*
7. *Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. (Бо сарсухан тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов). – Душанбе: Ирфон. - 1974.*
8. *Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф. – 1992.*
9. *Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ. (Мураттиб Усмон Назир). – Душанбе: Деваштич. - 2007.*

**ЗАБОНОМӮЗӢ**



***Зоиршоҳ НАЗИРЗОДА,***
***омӯзгори забони англисии***
***мактаби № 41, ноҳияи Вахш***

# ХАБАР ВА НАМУДҲОИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ




Хабар сараъзои дуюми ҷумла буда, амал, ҳолат ва хусусияти шахс ё ашёро мефаҳмонад, ки бо мубтадо ифода ёфтааст. Он аз ҷиҳати грамматикӣ бо мубтадо алоқаманд аст [2, 274].

Маъмулан хабар феълҳои тасрифшавандаро дар бар мегирад, ки метавонанд замон, сиға, тарз, намуд ва баъзан шахсу шумораро ифода намоянд. Мо ду намуди хабарро мувофиқи сохтор ва маъно фарқ менамоем: хабари сода ва хабари таркибӣ. Хабари сода бо феълҳои тасрифшаванда дар шакли сода ё таркибӣ ифода меёбад. Он дар умум амалро нишон медиҳад, гарчанде ки баъзан вай ҳолатеро, ки ҳамчун амал омадааст, мефаҳмонад [2, 275].

I have relatives in Moscow. She has some English books. She has some books on the table. He is in the park [1, 78].

Як намуди хабари махсус мавҷуд аст, ки бо таркибҳои to get rid, to take care, to pay attention, to lose sight, to have a wash, to give a push ва ғайраҳо ифода мегарданд: When we clear the forest we get rid of such inconveniences. I went to bathroom and had a good wash for it had been a dusty journey.

Мо ду намуди хабари содаи иборавиро фарқ мекунем [2,275].

1) Бо таркибҳои зерин: to have a smoke, to have a swim, to have a run to give a laugh, to give a push, to take a look, to make a move ва ғайраҳо. He had a smoke. He gave a push. He gave a start. Hehad a wash.

2) Бо таркибҳои зерин: to get rid, to get hold, to make use, to take care, to lose sight, to make fun, to pay attention, to make up one‘s mind, to change one‘s mind to take part ва ғайраҳо.

Қисмати дуюми ин таркибҳо дар бисёр ҳолатҳо, ки исми маъниანд, бе артикл истифода мешаванд.

You were making fun of mother now. I will get in touch with you.

Чуноне ки аз сохтораш маълум аст, хабари таркибӣ аз ду қисм иборат аст: а) феъли тасришаванда, б) баъзе аз ҳиссаҳои нутқ, ба монанди исм, ҷонишин, сифат, вербалҳо (сифати феълӣ, герундия, масдар) ва ғайраҳо. Қисмати дуюм қисми ҷудонашавандаи хабар мебошад. Қисми якуми категорияҳои феъл шахс, шумора, замон, намуд, сиға ва тарзро ифода мекунад, инчунин, маънои лексикии хоси худро дорад. Хабари таркибӣ номӣ ва феълӣ мешавад. Хабари таркибии номӣ ҳолат ё хусусияти шахс ё ашёро нишон медиҳад, ки бо мубтадо ифода ёфтааст (He is tired, The book is interesting), ё гурӯҳи одамон ва ашёҳоро, ки ба ин шахс ё ашё тааллуқ доштанро мефаҳмонад (She is a student). Хабари таркибии номӣ феъли часпак ва предикативро дар бар мегирад. Феъли часпак категорияҳои феъл: шахс, шумора, замон, намуд, сиға ва баъзан тарзро ифода мекунад. Ҳамаи феҳҳои часпак қисман маънои худро гум мекунанд. Як феъли часпак маънои аслии худро тамоман гум мекунад ва ин феъли to be аст, ки танҳо вазифаи грамматикӣ дошта, бо предикативе, ки бо ҳамаи ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад, ҳамроҳ мешавад This is a picture of London. I am a student. They are workers.

Мутобиқи маънои феъли тасрифшаванда хабари таркибии феълӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: хабари таркибии феълии модалӣ ва хабари таркибии феълии намудӣ. Хабари таркибии феълӣ

амалеро нишон медиҳад, ки бо феълҳои тасрифнашаванда ифода ёфтааст, ки ҳамчун эҳтимолият, имконнопазирӣ, лозимият, зарурат, хоҳиш ва ғайра ҳисобида мешавад. Ин маъноҳо аз рӯи таркиби якуми хабар ифода меёбад. Хабари таркибии феълӣ метавонад таркибҳои зеринро дар бар гирад: феъли модалӣ ва масдар. Ба ин қисм феълҳои can, may, must, should, would, ought, dare, need дохил мешаванд, ки бо масдар муталлиқанд: You can prove everything and nothing. His aunt would not give him the photograph.

Ифодаи to be+масдар, to have+масдар. The loudspeaker operation was to take place in C.Company sector. I have to work for my living.

Феълҳое, ки маънои модалӣ ва масдар ё герундия доранд. Ин қисмат феълҳои to hope, to expect, to intend, to attempt, to try, to endeavour, to long, to wish, to want, to desire ва ғайраро дар бар мегирад. Масалан: He wanted to throw himself into whirlpoolof Paris. We intend going to Swizerland and climbing Mount Blanc

Ифодаҳои модалӣ ва масдар. Онҳо бо феълҳои модалӣ ҳаммаъноанд ё маънои модалӣ доранд. Таркибҳо ва ифодаҳо, ба монанди to be able to, yo be obliged, to be bound, to be willing, to be anxious, to be capable, to be going масдарро дорост: Baring had been obliged to forego making friends. I am going to leave Paris. We are most anxious to cooperate.

Феълҳо ва ифодаҳое, ки хабари ҷумла маҳсуб меёбанд ва Subjective Infinitive Construction (Nominative-with-the-Infinitive Construction)-ро дар бар мегиранд. Ин калимаҳо ва ифодаҳо муносибати гӯяндаро ба шахс ё ашё, ки бо мубтадо ифода ёфтааст, нишон медиҳад: A ship- the Vestris-is reported to be arriving at Joppa. About 4,000 port workers are believed to be on strike. Naturally all this had some chilling discouraging effect on him, but he appeared not to hold it against her. Never mind who told me. I happen to know his car was seen here yesterday afternoon. Just at this moment you seem to be having difficulty with your left hand. Хабари таркибии феълии намудӣ оғоз, такрор, давомнокӣ ё қатъияти амалро мефаҳмонад, ки бо феълҳои тасрифнашаванда ифода гардидаст. Он феълҳо, ба монанди to begin, to start, to commence, to fall, to set about, to go on, to keep on, to proceed, to continue, to stop, to give up, to finish, to cease, to come ва масдар ё герундияро дар бар мегирад. Инчунин, ба ин хабар would ва used+масдар мутааллиқанд, ки такрори амалро дар гузашта нишон медиҳад: Elaine this ill-advised behaviuor of yours is beginning to have result. That view had come to give him feeling of ease and happiness. His bones ceased to ache. Shi had stopped asking Yatest about the time. Meanwhile armored infantry continued to feel its way in a northerly direction. I kept glancing at the through the rest of the play. I used to write poetry myself when I was his age. I lived with a man once who used to make me mad that way. He would loll on the sofa and watch me doing things by the hour [2, 285].

Бояд зикр кард, ки дар забони англисӣ хабар дуюмин сараъзои ҷумла буда, намудҳои худро дорад. Ҳар як аъзои ҷумла вазифаи худро дорад. Дар забони англисӣ ду сараъзо вуҷуд дорад: мубтадо (subject) ва хабар (predicate). Агар мубтадо ашё ва шахсро ифода кунад, аммо хабар ҳолат ва хусусияти шахс ё ашёро мефаҳмонад, ки бо мубтадо ифода ёфтааст: She works at a factory (she-мубтадо, works-хабари сода). He is reading (he-мубтадо, works-хабари сода). I am student (I-мубтадо, am a student-хабар, таркибии номӣ). He may return soon (he-мубтадо, may return-хабар, таркибии феълӣ). I have to to work or my living (I-мубтадо, have to to work-хабар, таркибии феълии модалӣ). She had stopped asking Yates about the time (she-мубтадо, had stopped asking-хабар, таркибии феълии намудӣ).

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни хабар ва намудҳои он дар забони англисӣ, бо истифода аз маводи илмӣ, ки метавонад ҳамчун ташвиқу тарғиб ба рушди илми ҷомеаи имрӯза хидмат расонад, оварда шудааст.

**АДАБИЁТ:**

*1. Аракин, В.Д. Практический курс английского языка. 1 курс: Учеб. для студентов вузов / [В.Д. Аракин и др.]; под ред. В.Д. Аракина. – 6-е изд., доп. и испр. [Текст]. – М.: ВЛАДОС, 2012. – 536 с.: ил.*

*2. Каушанская, В. Л. Грамматика английского языка. Пособие для студентов педагогических институтов / В. Л. Каушанская, Р. Л. Ковнер, О. Н. Кожевникова, Е. В. Прокфьева и др. – 5-е изд. испр. и доп. [Текст]. – М.: Айрис-пресс, 2008. – 384 с.: ил.*

*3. Качалова, К. Н. Практическая грамматика английского языка.*

*4. Качалова К. Н., Израилевич Е. Е. Практическая грамматика английского языка с упражнениями и ключами [Текст]. – М.: Юнвес, 2007. – 548 с.*

**МЕТОДИКА**



***Сафаров МУҲАММАД,***
***мудири лабараторияи илмӣ-таҳқиқотии***
***Пажуҳишгоҳи рушди маориф***
***ба номи Абдураҳмони Ҷомии***
***Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

# ТАЪМИНИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ЗЕҲНӢ ВА АҚЛОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 декабри соли 2022 вобаста ба баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум хеле хуб баён намуданд:

***«Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад».***

Ҳавасманд намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва тайёр намудани омӯзгорони баландихтисосу ботаҷриба вобаста ба омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ нақши аввалиндараҷаро мебозад. Омӯзгорони баландихтисосу ботаҷриба завқи хонандагонро бедор намуда, ба таври назариявӣ ва амалӣ исбот мекунанд, ки фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ то чӣ андоза барои ояндаи онҳо ва ҳам барои расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар хеле муҳим мебошанд.

Яке аз илмҳое, ки ба ҳадафи чорум - саноатикунонии кишвар зарур аст, омӯзиши амиқи физика мебошад. Бе илми физика зиндагии ҳаррӯзаи моро тасаввур кардан номумкин аст. Масалан, сохт ва коркарди тайёраҳо, автомобилҳои боркаш ва мусофирбар, қаторахо, неругоҳҳои барқӣ, компютерҳо, телефонҳои мобилӣ, шабакаи интернетӣ ва тамоми истеҳсолоти муосир маҳз ба омӯзиши физика алоқамандии зич доранд. Дар замони муосир барои истеҳсол кардани барқ дар тамоми сохт ва коркарди неругоҳҳои барқӣ қонунҳои электрии физикаро донистан зарур аст. Дар баробари ин, олимон ва мутахассисон амалан дар соҳаҳои тиб, ҳарбӣ, саноату хӯрокворӣ ва ғайраҳо илми физикаро ба таври васеъ истифода мебаранд. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи мазмун ва муҳтавои худ асоси маълумоти илмӣ-техникиро дар бар гирифта, рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ ва дастрасӣ пайдо намудан ба техникаву технологияи муосирро муҳайё месозад.

Дар муассисаҳои таълимӣ шароити хуб ва мусоид муҳайё намудан барои корҳои амалӣ ва мустақилонаи хонандагон дар раванди корҳои озмоишӣ-амалии фанҳои табиӣ-риёзӣ барои ҳар як

омӯзгор вазифаи муҳим ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки дар натиҷаи фаъолияти самараноки таълимӣ ташаккули ҳамаи сифатҳо ва хусусиятҳои шахсият дар раванди омӯзиш ба амал омада, дар дараҷаи муайян ба рушди салоҳиятҳои асосӣ ва қобилияти эҷодии хонандагон алоқаманд мебошад. Барои иҷрои ин масъалаҳо бояд дараҷаи баланди фаъолияти зеҳнӣ ва ақлонӣ таъмин карда шавад. Таъмини рушди фаъолияти зеҳнӣ ва ақлонии хонандагон дар раванди таълими фанни физика имкон медиҳад, ки хонандагон дар раванди корҳои озмоишӣ-амалӣ мустақилона фаъолият карда тавонанд ва дар корҳои лабораторие, ки дар кабинети фаннӣ гузаронида шудаанд, ин вазифа метавонад ба монанди пешниҳоди супоришҳои озмоишӣ-амалӣ ҳаллу фасл гарданд.

Ҳавасмандгардонии хонандагон ба омӯзиши физика ва татбиқи донишҳои умуминазариявӣ ва техникӣ барои ҳалли вазифаҳои эҷодӣ масъулияти ҳар як омӯзгор ба шумор меравад. Ба ҳамагон маълум аст, ки фаъолияти эҷодӣ танҳо дар асоси донишҳо, малакаю маҳоратҳои муайян имконпазир мегардад, вале хонандагон на ҳама вақт донишҳои азхуднамудаи худро дар амал татбиқ карда метавонанд ва дар раванди иҷрои супоришҳои озмоишӣ-амалӣ ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Истифодаи тарзҳои гуногуни методҳои педагогӣ бояд ба муқаррар гардидани робитаҳо дар байни донишҳо ва вазифаҳои дар назди хонандагон гузошташуда мусоидат намояд.

Истифодаи тарзҳои гуногуни методҳои педагогӣ ба ҳавасмандии фаъолияти зеҳнии хонандагон ба ин фан дар иҷрои вазифаҳои хусусияти эҷодидоштаи он мусоидат менамояд. Омӯзиши фаъолияти озмоишӣ ва амалии хонандагон дар дарсҳо нишон дод, ки дараҷаи фаъолияти зеҳнии хонандагон на ҳама вақт якхела мешавад, аз ин рӯ, онҳо вақт ва қувваи ақлонии худро дар сатҳи баробар сафарбар карда наметавонанд ва ин омил ба меъёри характери онҳо вобаста мебошад. Масалан, хонандагони синфи 7-ум, ки дар аввали соли таҳсил нав ба омӯзиши физика шуруъ мекунанд, дар оғози мавзуъҳо таваҷҷуҳ ва фикру андешаҳои худро аз як мавзуъ ба мавзуи дигар ба осонӣ равона карда наметавонанд ва амалҳои иродавии онҳо импулсивӣ буда, шавқу ҳаваси онҳо ҳанӯз пурра мушаххас нашудаанд. Омилҳои мазкур ба фаъолияти зеҳнӣ ва донишомӯзии онҳо таъсири мусбат ва ё манфӣ мерасонанд.

Истифодаи тарзҳои махсуси таълими педагогӣ дар раванди дарс имкон медиҳад, ки хонандагони синфи 7-ум супоришҳои амалӣ ва озмоиширо бо шавқу ҳаваси зиёд иҷро намоянд, дар корҳои амалӣ бодиққаттар бошанд, барои рафъи мушкилоти дар раванди дарс бавуҷудомада ҷидду ҷаҳди бештаре дошта бошанд. Дар натиҷаи азхудкунӣ дониш ва малакаю маҳорати онҳо рушд меёбад. Дар идомаи таълими физика ба хонандагон муяссар мегардад, ки асосҳои назариявии салоҳиятҳои асосӣ ва шавқу ҳаваси маърифатии онҳо ба ин фан афзун гардад.

*Ба самаранокии педагогии таълим дар рушди салоҳиятҳои асосӣ ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон инҳо дохил мешаванд:*

⇨ ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда;

⇨ ҳавасмандгардонии ҳолати эмотсионалӣ-ҳиссиётии хонанда;

⇨ робитаи таъсири тасаввуроти ҳақиқӣ ва тахайюлоти хонанда.

Мушкилоти рушди салоҳиятҳои асосӣ ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон ҳангоми омӯзиши физика, бахусус, мазмун, шакл ва методҳои ташкили фаъолияти таълимӣ, ба рушди салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории онҳо равона мебошад. Ин мавзуъ вазъи проблемаи рушди салоҳиятҳои асосӣ ва шавқу ҳаваси маърифатии хонандагонро дар раванди таълими физика таҳлил менамояд.

*Аз озмоишу таҳлилҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳуриамон бармеояд, ки:*

➢ рушди салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон бештар дар корҳои озмоишӣ-амалӣ татбиқ шуда, дар дарсҳои назариявии физика ба таври зарурӣ мушоҳида намешавад;

➢ масъалаҳои ташкил кардани мазмун ва методикаи гузаронидани корҳои озмоишӣ-амалӣ оид ба рушди салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон дар вақтҳои беруназсинфӣ ба дараҷаи кофӣ коркард нашуда, танҳо як қисмати ками кор ба масъалаи истифодаи унсурҳои эҷодиёти физикӣ ва амалӣ дар раванди таълим бахшида шудааст;

➢ ташкили озмунҳо, викторинаҳо, маҳфилҳо, ки ба рушди салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон алоқаманд мебошад, аксаран бе такя ба маводи аз физика истифода аз манбаъҳои гуногун ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ба хонандагон омӯзонидашаванда амалӣ гардонида мешавад;

➢ бештари мавридҳо вобаста ба рушди салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон, ки дар мактаб гузаронида мешавад, хусусияти дигар дошта, аксаран ба маводи омӯхташаванда алоқаманд нест;

➢ дар баъзе ҳолатҳо дар хонандагон донишҳо, малакаву маҳоратҳои самти техникидошта, дар доираи ниҳоят танг ба вуҷуд меояд;

➢ омодагии илмӣ-техникии хонандагон дар раванди таълими физика дар замони муосир торафт паст шуда истодааст;

➢ сатҳи омодагии илмӣ - методӣ ва иттилоотии ҳайати педагогӣ ба талаботи ҷомеа ва рушди илмӣ-техникии замони муосир мувофиқат намекунад;

➢ ташаккули муносиб ва рушди салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон ҳангоми омӯзиши физика танҳо дар асоси ҳамбастагии кори таълим, корҳои озмоишӣ-амалӣ ва беруназсинфии аз рӯйи методикаи муайян коркардшуда, ки ҳамаи намудҳои фаъолияти хонандагонро дар бар мегирад, имконпазир мебошад.

*Таҳлилу озмоишҳо нишон доданд, ки методика ва ташаккули рушди салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон ба ҳалли самараноки вазифаҳои зерин мусоидат менамояд:*

✓ ба рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ, иртиботӣ ва эҷодии хонандагон;

✓ ба ташаккул ва рушди малакаву маҳорати таҳқиқотӣ ва ихтироъкорӣ;

✓ ба ҳавасмандии фаъолияти мустақилонаи салоҳиятҳои омӯзишӣ-маърифатӣ;

✓ ба рушди қобилияти донишҳои гирифташуда дар иҷрои супоришҳои озмоишӣ-амалӣ, ки ба олами техника ва технологияи муосир алоқаманд мебошад;

✓ муаррифӣ намудани хонандагон бо техника ва технологияи муосир;

✓ муаррифии хонандагон бо самтҳои асосӣ ва муҳимми рушди илмӣ ва техникидошта;

✓ ба рушди ҳавасмандии хонандагон ва фаъолияти зеҳнӣ, эҷодии таҳқиқотӣ ва ихтироъкории онҳо;

✓ ба тарбияи дурусти касбинтихобкунии хонандагон ва ба ихтисосҳои физикию техникӣ алоқаманд равона кардани онҳо.

Рушди ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон ҳангоми омӯзиши физика, ҷиҳати мундариҷавии раванди таълим аҳамияти муҳим ва бузург дорад. Супоришҳои махсуси интихобшуда ва ба нақшагирифташудаи хусусияти физикӣ ва техникидошта, ки бо маводи барномаи таълимӣ алоқаманд мебошад, имкон медиҳанд, ки дониш ва ҷаҳонбинии хонандагон дар асоси асбобу дастгоҳҳо, таҷрибаҳо, конструксияҳо, абзорҳои муосири физикиву техникӣ, ки дар навбати худ ба ҳалли боз ҳам самарабахши вазифаҳои таълими техникӣ ва касбинтихобкунии хонандагон мусоидат мекунад, васеъ гардонида шавад. Методикаи коркардшудаи рушди салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон ҳангоми омӯзиши физика ба ҳисоб меравад, ки шаклҳои асосии фаъолияти таълимиро фаро мегирад.

*Татбиқи ин метод имкон медиҳад, ки дараҷаи умумии таълимии хонандагон ташаккул ёбад:*

➢ ташаккули суръати рушди салоҳиятҳои озмоишӣ-амалӣ, мантиқӣ ва маърифати эҷодӣ, хусусан, тафаккури физикӣ-техникӣ, афзоиши маҳсулнокӣ, навоварӣ, ихтироъкорӣ;

➢ тағйирот дар фаъолияти мушоҳида ва таҷрибагузаронӣ, ҷудо карда тавонистани хусусиятҳои асосӣ ва характери ҳодисаю мушоҳидаҳои гузаронидашуда, рушди сифати коркарди мантиқӣ ва таҳлили мушоҳидаҳо;

➢ рушди дараҷаи салоҳият ва маҳорату малакаҳои озмоишию амалӣ, яъне, дараҷаи фаҳмиш, навоварӣ, мустақилияти хонандагон ҳангоми иҷрои супоришҳои озмоишию амалӣ, ки дорои хусусияти физикӣ ва техникӣ мебошад, баланд мегардад;

➢ шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба физика зиёд гардида, тафаккури физикию техникӣ, афзоиши маҳсулнокӣ, навоварӣ ва ихтироъкорӣ рушд меёбад;

➢ рушди салоҳиятҳои иттилоотӣ ва иртиботии хонандагон доир ба физика ва техникаи муосир бештар ба мушоҳида мерасад.

Таҷриба ва озмоишҳои педагогӣ имкон доданд, ки самтҳои самарабахши ҷустуҷӯи минбаъда, хусусан, коркарди супоришҳои махсуси инфиродӣ ва тафриқашуда дарёфт карда шуда, дар раванди таълими фанни физика бо мақсади рушд додани салоҳиятҳои асосӣ, эҷодиёти физикӣ, тафаккури техникӣ ва ихтироъкории хонандагон дар дараҷаҳои гуногуни омӯзиш истифода шуда, истифодаи унсурҳои навовариву ихтироъкорӣ дар раванди рушди эҷодиёти физикӣ-техникии хонандагон ҳангоми таълими физика муайян карда шаванд. Рушди илми муосири ҷомеа дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, вазифаҳои нав ба нав мегузорад, то ин ки ҳалли онҳо ҷавобгӯи талаботи имрӯза бошанд. Ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, ба тайёр намудани мутахассисони замони муосир равона шуда, тарзи тафаккури навро доро мебошанд. Аз ин рӯ, барои зуд ва беҳтар ҳал кардани масъалаҳои пайдошуда зимни фаъолият ва зиндагии рӯзмарра, ки саъю кушиши зиёд менамоянд, нигаронида шудааст. Баланд бардоштани фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон дар таълими физика вобаста ба талаботи дар боло зикргардида, ба омодакунии омӯзгорони ин фан бевосита алоқаманд мебошанд. Ташкил ва мазмуни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ба меъёрҳои байналмилалӣ ва стандартҳои таълим, ки дар замони муосир ба таври васеъ дар бештари кишварҳои олам мавриди татбиқ қарор гирифтаанд, бояд мувофиқат кунад.

*Омӯзгорон вобаста ба самаранокии кори мустақилонаи хонандагон чунин корҳоро бояд анҷом диҳанд:*

≫ таъмини дастгирии таълимӣ-методӣ ва инфиродии супоришҳо барои кори мустақилонаи хонандагон;

≫ дар нақшаи барномаи таълимӣ-методии омӯзгор зикр кардани корҳои мустақилонаи амалӣ, адабиёти асосӣ ва иловагӣ;

≫ пешниҳод намудани супоришҳои мушаххас барои кори мустақилонаи хонандагон дар оғоз ва анҷоми соли таҳсил;

≫ таҳияи шаклҳои назорати ҷорӣ ва ҷамъбастӣ (дар ҳама чорякҳо ва имтиҳонҳои ҷамъбастӣ);

≫ муайян кардани вақти дарсҳои такрорӣ, амалӣ, саёҳат ва беруназсинфӣ барои хонандагон.

*Масъалаҳои зарурии омӯзгор, ки ба хонанда тавсия медиҳад:*

■ иҷро намудани супоришҳои хонагӣ (ҳалли масъалаҳо, озмоишу мушоҳидаҳо ва амсоли инҳо);

■ риояи вақти иҷрои супоришҳо;

■ омодагӣ дидан ва масъулият ҳис кардан.

Соатҳои боқимондаи корҳои озмоишӣ-амалии хонандагон ҳатман бо супоришҳои омӯзгор, ки аз хонандагон натиҷаи ҳаррӯзаи онро талаб мекунад, тасдиқ карда шавад. Инчунин, омӯзгор корро маъмулан дар чаҳорчӯбаи ҳамон фан анҷом медиҳад. Сатҳ ва мураккабии супоришҳо барои кори озмоишӣ-амалӣ ва мустақилонаи хонандагон дар таълими физика ба синну соли хонанда самти мақсаднокро барои ҳар як синф вобаста ба бахшҳои физика кори озмоишӣ-амалӣ ва мустақилонаи хонандагон муайян мекунад. Ба монанди:

- қонунҳои бақо, энергия, импулс, заряди электрикӣ;

- тасаввуроти молекулавӣ-кинетикӣ ва электронӣ, мафҳумҳои масса, зичӣ, қувва, энергия, қонунҳои Паскал ва Ом;

- ғояҳои нисбияти ҳаракат, чор қонуни Нютон;

- физикаи молекулавӣ, таҳқурсиҳои асосии назарияи молекулавӣ-кинетикии гази идеалӣ, қонуни якуми термодинамика;

- электродинамика, таълимот оид ба майдони электромагнитӣ, назарияи электронӣ, қонунҳои Кулон ва Ампер, ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ;

- оптика, спектр ва линзаҳо, таълимот оид ба мавҷҳои рӯшноӣ, ҷузъиёти назарияи нисбият;

- физикаи квантӣ, хосиятҳои квантии рӯшноӣ, постулатҳои квантии Бор, қонуни ҳамбастагии масса ва энергия.

Дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кори озмоишӣ-амалӣ ва мустақилонаи хонандагон зимни таълими фанни физика дар кабинетҳои фаннӣ ба хотири тақвият намудани салоҳиятҳои асосӣ, дониш ва малакаю маҳоратҳое, ки дар дарсҳои назариявӣ, озмоишӣ-амалӣ, озмунҳо ва викторинаҳо ба даст оварда шудаанд, ба роҳ монда мешавад.

Супоришҳои ҳаррӯза ва мустақилонаи омӯзгор ба хонанда метавонанд ҳам инфиродӣ ва ҳам гурӯҳӣ бошанд, бо дарназардошти он ки шароит ба корҳои назариявӣ ва озмоишӣ-амалӣ дар гурӯҳ асос ёфтааст:

- шароити ба миён омадашудаи мушаххаси таълимӣ, ки посухи хонандагонро ба саволҳо ва ё навиштани назари шахсии онҳо нисбат ба мушкилот талаб мекунанд;

- тарҳи гурӯҳӣ набояд дар синфе, ки шумораи хонандагонаш 25-30 нафар аст, аз 6-8 нафар бештар бошанд, зеро ҳар як гурӯҳ тарҳи худро таҳия мекунад.

Диққати хонандагонро бояд ба ин гуна саволҳо, ба монади: «чӣ гуна омӯзиши самараноки физикаро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру деҳоти Тоҷикистон ҷорӣ намоем?», «Чӣ тавр ҷумҳуриямонро ба яке аз кишварҳои беҳтарини тавлидкунандаи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар Осиёи Миёна табдил диҳем?», «Чӣ гуна автомобилҳои истеҳсол кунем, ки ба атмосфераи мо карбонро камтар хориҷ кунад?», «Вобаста ба таъкидҳои Пешвои миллат чӣ гуна ба ҳадафи чоруми стратегии кишвар ноил гардем?» ва ғайра ҷалб намоем.

Ҳамин тавр, ба ғояи эҷодӣ ҷалб намудани хонандагон ва ё дар назди онҳо бевосита гузоштани масъалаҳою супоришҳои озмоишӣ-амалӣ барои омӯзгорон вазифаи муҳим мебошад. Ҳангоми дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ фаъолият намудани мутахассисони ҷавон ғояи эҷодӣ ва ё вазифаи ба ин вобаста бо талабу тақозои ҳаёти ҷамъиятӣ нисбат ба маҳсули нави меҳнат пешниҳод мегардад. Дар шароити кори таълим ва дарсҳои озмоишӣ-амалии физика хонандагон дар ҳолатҳои алоҳида мустақилона мавҷудияти ин ва ё он вазифа, ки ҳалли онҳо ба рушди қувваи эҷодӣ ва қобилияти зеҳнии онҳо мусоидат менамояд, дарк мекунанд. Дар баробари ин, на ҳамаи хонандагон моҳияти чунин вазифаҳоро дарк карда метавонанд ва иҷрои вазифаҳое, ки дар назди онҳо меистанд, шояд хусусияти ногаҳонӣ дошта бошанд. Пас хонандагонро на танҳо ба фаъолияту имкониятҳое, ки ба зоҳиршавии амалҳои мустақилона мусоидат менамоянд, равона кард, балки онҳоро ба самте роҳнамоӣ кардан даркор аст, ки онҳо ба дарки чунин имкониятҳо сарфаҳм раванд. Шавқу рағбати хонандагонро бо ҳар роҳу воситаҳои муосири таълим ба омӯзиши физика бештар бояд кард, то имконияти супоришҳои ҳаррӯзаи назариявӣ ва амалиро иҷро кунанд.

**АДАБИЁТ*:***


*1. Ваганова. Т.Г. Творческие лабораторные работы по физике Текст. / Т.Г. Ваганова. Е.А. Семенюк // Международная конференция «Физика в системе современного образования». Т.2. – СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена. 2003. - С.28-29.*

*2. Википедия: https://ru.wikipedia.org/wiki.*

*3. Кондратьев. А.С. Современные технологии обучения физике Текст.: учеб. Пособие / А.С. Кондратьев. Н.А. Прияткин. – СПб.: Изд-во СПБУН-та. 2006. – 341 с. Ил.*

*4. Курси физика, қисми 2: А. В. Пёришкин, соли нашр – 1969.*

*5. Методика преподавания физики в 8-10 классах средней школы. Ч. 1 Текст. / В.П. Орехов [и др.] Под ред. В.П. Орехова. А.В. Усовой. -М.: Просвещение. 1980. – 320 с.*

*6. Мураттибон: Маҷидов Ҳ., Умаров У.С., Зубайдов С. «Стандарт ва барномаи фанни физика барои синфи VIII», Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст,*

*7. О.М. Бобиенко. Ключевые компетенции личности как образовательный результат системы профессионального образования: автореф. дис. канд. пед. наук Текст. / О.М. Бобиенко. Казань. 2005. - 23 с 7. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони маҷлиси намояндагон (21.12.2021), шаҳри Душанбе.*

*8. Паёми президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони маҷлиси намояндагон. 21.12.2021 13:10, шаҳри Душанбе.*

*9. Пёришкин, Г. Н. Фалеев ва В. В. Крауклис, соли нашр – 1960.*

*10. Ҳамид Маҷидов, Сайдаҳмад Зубайдов. Физика. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҷсилоти умумӣ. – Душанбе: Алиф. – 2008. – С. 281.*

**ОМӮЗИШ**



***Акобир РИОЕВ,***
*корманди ДҶТИБКСМ*

# ТАЪЛИМИ ПРОБЛЕМАВӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ДАРСҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)



Моҳияти методи таълими проблемавӣ дар он ифода меёбад, ки омӯзгор худ вазифаҳоро тахия менамояд ё аз дигар манбаъ истифода бурда, ба хонандагон онро пешниҳод мекунад. Хонандагон бошанд, роҳи ҳалли ин вазифаҳоро ёфта, ҳалли онро ба омӯзгор пешниҳод менамоянд. Вазифаҳои гуногуни проблемавӣ мавқеи ҷустуҷӯи худро дорад. Дар ҳолатҳои мушкил ба хонандагон кумак намудан зарур аст, лекин дар ин ҳолат хонандагон бояд имкониятҳои тафаккури эҷодиро нигаҳ доранд. Вазифаҳои проблемавӣ бо он фарқ мекунанд, ки омӯзгор махсус вазъиятҳои мухталифро интихоб менамояд, то ин ки хонандагон онҳоро ҳал намуда, кӯшиши бартараф кардани онҳоро пайдо намоянд. Таълими анъанавӣ одатан хонандаро бо системаи донишҳо таъмин намуда, хотираи онҳоро инкишоф медиҳад, лекин барои инкишоф додани тафаккур, малакаҳои фаъолияти худмустақилӣ кам аҳамият медиҳад. Таълими проблемавӣ бошад, ин камбудиҳоро бартараф намуда, фаъолияти зеҳнии хонандагонро фаъол намуда, шавқу ҳаваси даркнамоии онҳоро ташаккул медиҳад.

Вобаста ба хусусияти гузориши проблемаҳо якчанд вазъиятро фарқ кардан мумкин аст. Бештари омӯзгорон дар раванди фаҳмонидани мавзуи нави таълимӣ вазъиятҳои номувофиқ ва ногаҳониро истифода мебаранд, ки он ҳам барои дар дарс ташкил намудани кори эҷодӣ-фикрӣ равона карда мешавад. Дар раванди дарсҳои проблемавӣ вақт барои тайёр намудани вазифаҳои хонагӣ камтар сарф шуда, бештари қисми асосии маводи таълимӣ дар дарс азхуд карда мешаванд. Имрӯзҳо технология (таълими меҳнат) дар байни илмҳои табиатшиносӣ мақоми аввалиндараҷаро соҳиб аст. Саҳми технология (таълими меҳнат) дар инкишофи илм, техника ва ҳаёти рӯзмарраи мардум хеле бузург буда, дар тамоми соҳаҳои техникаи ҳозиразамон, аз қабили электроника, коркарди дасти чӯб, фулузот, коркарди хӯрока, дӯзандагӣ, куроқдӯзӣ, сиказанӣ дар рӯи фулузот истифода мебаранд. Ҷомеае, ки ҳар як аъзои он дар бораи ҳодисаҳои техникӣ маълумоти пурра дошта, онро дарк менамояд ва дар лаҳзаи зарурӣ дониши худро дар амал татбиқ карда метавонад, ҷомеаи пешқадам мебошад.

Омӯзиши проблемавӣ ин усули ташкили фаъолияти хонандагон мебошад, ки ба андӯхтани маълумот ба роҳи ҳалли проблемаҳои амалӣ ва назариявӣ асос ёфтааст.

Омӯзиши проблемавӣ чунин тарзи ташкили дарс мебошад, ки дар он омӯзгор бо ҳамроҳии хонандагон вазъияти проблемавиро ба вуҷуд меоварад. Вазъияти проблемавӣ ин ҳолатест, ки ихтилофи дониши андӯхта, малакаҳо, муносибатҳо ва талаботи мавҷударо тавсиф мекунад (3).

Вазъияти проблемавӣ дар асоси масъалаи проблемавӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Масъалаи проблемавӣ ин масъалаи хислати (характер) эҷодӣ доштан мебошад ва аз хонандагон қобилияти эҷодкориро талаб менамояд.

Хонандагон бошанд, барои ҳалли ин вазъият мустақилона фаъолият намуда, фикру андешаҳои худро баён менамоянд. Дар хотимаи дарс омӯзгор фикру мулоҳизаҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, мавзуи дарсро ба онҳо мефаҳмонад. Дар натиҷа дониш, малака ва маҳоратҳои эҷодии хонандагон баланд гардида, қобилияти зеҳнии онҳо вусъат меёбад.

Ҳамаи амалҳое, ки дар он хонандагон мавқеи асосиро ишғол менамоянд, бояд аз тарафи онҳо мустақилона иҷро карда шаванд. Вазъияти проблемавӣ, асосан, дар қисматҳои омӯзиши мавзуи нав ва мустаҳкамкунии он созмон дода мешавад, вале истифодаи он дар қисматҳои дигари дарс низ боиси рангин гаштани дарс мегардад.

Азбаски доираи омӯзиши технология (таълими меҳнат) хеле васеъ аст, доир ба ҳар як мавзуъ вазъи проблемавии зиёдеро ба вуҷуд овардан мумкин аст ва ин аз маҳорати омӯзгор вобаста мебошад.

Барои инкишоф додани фаъолияти зеҳнӣ масъалаҳои зеҳнӣ аҳамияти калон дорад. Шарти асоси рушди қобилияти фикрии хонандагон дар он аст, ки ӯ масъаларо ҳамчун проблема қабул карда, мустақилона ба ҳал кардани он шуруъ намояд. Бо ин мақсад, аз масъалаҳои бо саволи беасос, бо маълумоти нокифоя, шарташон нопурра, шарти зиёддошта, якчанд ҳал дошта, мазмунашон мухталиф, бе далел ва мантиқӣ истифода бурдан мамкин аст (4).

Барои бартариҳои усули проблемавиро дидан, мо доир ба ҳар як мавзуъ вазъиятҳои проблемавӣ эҷод намуда, дар дарсҳои худ истифода менамоем. Ба сифати мисол, тарзи ба вуҷуд овардани вазъяти проблемавиро аз қисми коркарди чӯб пешниҳод менамоем.

1. Дар мавзуи «Кандакорӣ дар чӯб» баъди баёни мавзуъ омӯзгор ба хонандагон бо саволи «Кадом намуди асбобҳои кандакориро шумо медонед?» муроҷиат менамояд. Мусаллам аст, ки ҷавобҳои хонандагон гуногун мешавад. Як қисми хонандагон барои муайян намудани асбобҳо фикрҳои худро пешниҳод менамоянду қисми дигари хонандагон намудҳои асбобҳоро муайян менамоянд. Табиист, ки хонандагоне ҳам ёфт мешаванд, ки номҳои асбобҳои истифодашавандаро дуруст пешниҳод менамоянд. Омӯзгор фикру андешаҳои хонандагонро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, пешниҳоди ҳамаи хонандагонро қобили қабул медонад, вале қисме аз ҷавобҳои дурустро, ки пурра ва комил ба ҳисоб мераванд, шарҳ медиҳад.

2.Дар мафҳуми этимологии калимаи «Тадқиқот» мазмуни тадқиқ намудани баъзе тартиби иҷрои корҳои амалӣ оварда шудааст. Аз ин сабаб, дар он мафҳуми қобилияти шахс барои муқоиса намудан ва таҳлил намудани далелу вазъиятҳо, ки барои тадқиқгар муҳим мебошанд, фаҳмида мешавад. Мақсади асосии кори тадқиқотӣ дар муқоисанамоии нишондодҳои сарчашмаҳо, таҳлили эҷодии онҳо ва дар асоси онҳо баровардани хулосаҳои нав мебошад.

Дар зери мафҳуми фаъолияти тадқиқотӣ чунин шакли ташкили кор фаҳмида мешавад, ки он бо ҳалли вазифаи тадқиқотӣ аз ҷониби хонанда алоқаманд буда, ҳалли пешакии он дода нашудааст. Дар доираи корҳои тадқиқотӣ таълим ба таҷрибаи бевоситаи хонанда такя намуда, дар раванди иҷрои кор таҷрибаи пешинаи он такмил меёбад. Кори тадқиқотӣ марҳилаи аввали тадқиқоти ҳақиқӣ буда, объекти он раванди таълим мебошад.

Масалан, омӯзгор дарсҳои технология (таълими меҳнат)-ро бо адабиёт ҳамгиро намуда, дар мавзуи «Эҷодиёти мардумӣ» бурдани корҳои тадқиқотиро супориш медиҳад. Дар натиҷаи чунин тадқиқот маълум шуд, ки хонандагон бо анъанаҳои халқӣ шинос шуда, ба омӯзиши ҳунарҳои дастӣ, зардӯзӣ ва чакандӯзӣ шавқу ҳавас пайдо намуданд. Чунин муносибат омӯзиши маданияти миллиро ба роҳ монда, хонандагонро ба корҳои эҷодӣ ҷалб менамоянд. Дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа бештар ба анъанаҳо ва маросимҳои халқӣ диққати махсус дода мешавад.

Дар мавзуи сиказанӣ дар рӯи фулузот омӯзгор ба хонандагон муроҷиат менамояд ва мепурсад, ки онҳо зери ин мафҳум чиро мефаҳманд? Хонандагон дар гурӯҳҳои худ ин масъаларо

муҳокима карда, фикру андешаҳои худро пешниҳод менамоянд. Баъди муҳокимаи фарзияҳои хонандагон ба воситаи шарҳи мавзуи сиказанӣ дар рӯи фулузот ҷавобҳои хонандагон ҷамъбаст карда мешавад.

Ҳамин тавр, доир ба ҳар як мавзуъ вазияти проблемавӣ ба вуҷуд оварда, дарсро пуробуранг ва хеле шавқовар гузаронидан мумкин аст. Истифодаи вазъияти таълимӣ дар хонандагон маҳорати ҳамкорӣ, якҷоя кор кардан ва якдигарро гӯш карда тавонистан, маҳорати ташкил намудани мубоҳиса ва пешниҳоди возеҳи далелҳо, қобилияти баррасии ҳодисаҳо, маҳорати ошкор намудани робитаи сабабу натиҷа ва пешгӯии ҳодиса, қобилияти ошкор кардани шарҳи проблема ва маҳорати хулосабарориро пайдо мекунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ташкил ва гузаронидани дарс бо истифода аз бавуҷудории вазъиятҳои проблемавӣ назар ба усули анъанавии таълим хеле мушкил мебошад. Барои ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ омӯзгор бояд пеш аз дарс омодагӣ бинад ва равиши дарсро қаблан тасаввур карда тавонад. Барои омодагӣ ба дарс вақти зиёд сарф мешавад, зеро фикр ва эҷод кардани вазъияти дарсӣ сода набуда, ин на ба ҳар омӯзгор муяссар мегардад. Омӯзгор ҳангоми эҷоди вазъияти проблемавӣ аз болои худ кор мекунад ва дар дарс ҳамчун омӯзгори босалоҳият рафтор менамояд.

Дарс хуб мегузарад, шавқу завқи хонандагон доир ба технология (таълими меҳнат) зиёд гардида, қобилияти зеҳнии онҳо инкишоф меёбад. Омӯзгор аз раванди дарс ҳаловат мебарад ва обрӯю этибори ӯ дар байни хонандагон боло меравад. Гузашти вақт ҳис карда намешавад. Ҳамин тавр, ин усул назар ба усули анъанавии гузаронидани дарс хеле пешқадам буда, дар он ҳамаи хонандагон фаъолона иштирок менамоянд. Дар дарс озодии худро ҳис карда, доир ба ҳар як мавзуъ фикру андешаҳои худро нотарсида баён менамоянд.

Дар усули омӯзиши проблемавӣ маълумоти навро хонандагон дар раванди ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ мегиранд ва ҳамаи хонандагон дар дарс фаъол мебошанд. Бештари саволу супоришҳо дар шакли озод гузошта мешаванд, ки ба ҳаллу баррасии гуногуни масъалаҳо мусоидат мекунанд ва мутаносибан ба онҳо ҷавобҳои гуногун истифода мешаванд. Дар усули омӯзиши анъанавӣ бошад, мавод дар шакли тайёр аз тарафи омӯзгор дода мешавад, бинобар ин, хонандагон на он қадар фаъол мебошанд. Омӯзгор, пеш аз ҳама, ба барномаи таълимӣ аҳамият медиҳад. Дар ин усули дарс супориш ва саволҳои бастаро истифода мебарад.

Муносибатҳо ба таълим метавонанд тағйир ёбанд, методика ба тарзи дигар ба роҳ монда шавад, аммо дар ҳама давру замон симои асосӣ дар ҷараёни таълим бояд кӯдак монад. Барои ин бояд ба кӯдак барои дарёфтани худ дар ҷаҳони пурҷӯшу хурӯш ёрӣ расонем, мустақилона фикр кардан, фаъолона амал намудан, қарор қабул кардан, ба зудӣ мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбанда, худбовариро таълим диҳем. Агар дар низоми анъанавии таълим китоб ва омӯзгор манбаи асосии дониш ба шумор раванд, фалсафа ва методологияи омӯзиши проблемавӣ нақши омӯзгорро ҳамчун мушовир ва ёвари босалоҳияти ташкилкунандаи фаъолияти ҷустуҷӯии хонандагон муайян мекунад.

Омӯзиши проблемавӣ ба ташаккули қобилияти эҷодӣ ва талабот ба он равона карда шудааст, ки он аз омӯзиши ғайрипроблемавӣ суръатноктар буда, ба рушди тафаккури эҷодии кӯдак мусоидат мекунад.

Самараи ҳамаи функсияҳои таълим ба дуруст ҳал шудани онҳо вобаста аст. Ин паҳлуи нисбатан мураккаби он аст. Омӯзгори ҷавон, махсусан, дар ҳалли чунин масъалаҳое душворӣ мекашад, ки чӣ тавр хонандаро аз надонистан ба донистан бурда расонад, кадом роҳҳоро бояд интихоб кунад, ки ба дастаҷамъона меҳнат кардан одат кунанд.

Методҳои таълим тарзҳои фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда буда, барои ҳалли вазифаҳои омӯзиш равона карда шудаанд. Методҳои таълим функсияи ахборӣ, идоракунандагӣ (омӯзгор мефаҳмонад, нишон медиҳад, маслиҳат медиҳад) ва методҳои таҳсилот (хонандагон гӯш мекунанд, мушоҳида менамоянд, мехонанд)-ро ба ҷо меоранд. Масалан, маводи таълимро

мустаҳкам карда истода, хонанда якчанд машқи пешниҳодкардаи омӯзгорро иҷро мекунад. Дар айни ҳол, омӯзгор фаъолияти хонандаро таҳлил карда, хатоҳои ӯро аниқ месозад, барои мустаҳкам кардани комёбиҳо машқҳои нав пешниҳод карда, натиҷаҳои корро назорат мекунад. Раванди маърифати дар хонандагон ба вуҷудоянда аксар вақт аз назари омӯзгор пинҳон мемонад. Дониш инкишофи тафаккур, тасаввурот ва эҷодиёти хонандаро ба тартиб меоварад.

Методҳо репродуктивӣ (ҳикоякунӣ, машқҳои намунавӣ, аз рӯи нақша гузаронидани корҳои лабораторӣ) ва аз нав бавуҷудоваранда-эҷодӣ мебошанд. Методи аз нав бавуҷудоваранда-эҷодӣ тақозо мекунад, ки донишҳои мавҷуда дар ҳама ҳолат – дар амалия, фаъолияти эҷодӣ (машқҳои ҳархела, корҳои амаливу эҷодӣ) амалан татбиқ карда шаванд.

Ба сабаби гуногунии методҳо интихоби онҳо хеле душвор мебошад. Методҳои таълим ба таври объективона бо мақсад ва вазифаҳои умумӣ вобаста буда, якҷо бо тағйирёбии шароити ҷамъият тағйир меёбанд. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки ҳангоми интихоби методҳои таълим талаботи мазкурро ба роҳбарӣ гирад. Системаи методҳо ва воситаҳое, ки омӯзгор ба онҳо муроҷиат мекунад, дар асоси қонуниятҳои психологии таҳсил муайян карда мешаванд.

Баёни шифоҳии омӯзгор чандин масъалаи дидактикиро ҳал мекунад. Омӯзгор маълумоти заруриро ба хонандагон хабар дода, аввалин ҷараёни донишгирии онҳоро идора мекунад ва дар асоси он неруи маърифатии мактаббачагонро инкишоф медиҳад. Дар ин метод танҳо вазифаи ахбориро дидан мумкин аст.

Ин методу воситаҳои таълим ба хусусиятҳои синусоливу инфиродии хонандагон вобаста мебошад. Дар синфҳои поёнӣ бештар суҳбат, хониши эзоҳӣ истифода шуда, аксаран воситаҳои аёнии табииву суратҳо ба кор бурда мешаванд. Агар дар шакли анъанавии таълим таваҷҷуҳ бештар ба фаъолияти омӯзгор равона гардида бошад, дар консепсияи омӯзиши проблемавӣ он ба ҷониби хонанда гардонида мешавад. Ғояи асосӣ дар он зоҳир мешавад, ки дониш ба хонанда дар шакли тайёр дода нашуда, балки дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ҷараёни илмӣ-тадқиқотиро пайравӣ карда, аз ҷониби онҳо аз бар карда мешавад.

Омӯзиши проблемавӣ усули фаъоли баҳамтаъсири хонанда бо мундариҷаи ба таври проблемвӣ пешниҳодгардидаи таълим аст, ки дар ин ҷараён ӯ бо ихтилофҳои воқеии донишҳои илмӣ ва усулҳои ҳалли онҳо омезиш меёбад, фикр кардан, эҷодкорона азхуд кардани донишро меомӯзад. Ба ин тариқ, масъалаи проблемавиро чун ҳодисаи ҷузъӣ, қисми проблема, ки аз як масъала иборат аст, дида баромадан мумкин аст. Ба бартарияти комили омӯзиши проблемавӣ бар омӯзиши ғайрипроблемавӣ нигоҳ накарда, омӯзиши мавзуъҳои таълимӣ пурра проблемавӣ шуда наметавонад. Маводи бештар оптималӣ барои ба омӯзиши проблемавӣ мутобиқ сохтани мавод оид ба таърихи илм ва техника аст, ки омӯзгор бояд ба инобат гирад.

Мақсади ниҳоии таълим омӯзонидани хонандагон барои дида тавонистан ва ҳал кардани проблема аст. Ин танҳо дар ҷараёни фаъолияти фикрӣ имконпазир аст. Фаъолияти фикрии хонандагон табиатан чунин аст, ки аввал ба ҷараёни фаъолияти маърифатӣ дохил мешаванд.

Омӯзиши проблемавӣ системаи методҳо ва воситаҳои таълимиест, ки асосашро амсиласозии ҷараёни эҷодии воқеӣ аз ҳисоби ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ва идоракунии ҷустуҷӯйи ҳалли проблема ташкил медиҳад. Дар ин маврид азхудкунии донишҳои нав чун кашфи мустақилонаи онҳо аз ҷониби хонандагон бо ёрии омӯзгор сурат мегирад.

Дар омӯзиши проблемавӣ омӯзгор супориши проблемавӣ – таълимро таҳия карда, барои хонандагон вазъияти проблемавиро ба вуҷуд оварда, ҳалли проблемаи бамиёномадаро нишон медиҳад. Барои истифодаи муваффақонаи омӯзиши проблемавӣ бояд шароити муайяни психологӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Вазъияти проблемавии педагогӣ бо ёрии амалҳо, саволҳои омӯзгор, ки навигарӣ, аҳамият, зебоӣ ва дигар сифатҳои объекти даркшавандаро таъкид менамоянд, ба вуҷуд оварда мешавад. Ваъзияти проблемавӣ дар ҳолате пайдо мешавад, ки агар хонанда роҳҳои ҳалли масъалаи пешниҳодшударо надонад, ба саволи проблемавӣ ҷавоб гуфта натавонад ва далели тозаро дар

ҳолатҳои таълимӣ ё ҳаётӣ фаҳмонда натавонад. Инчунин, агар байни натиҷаҳои аз иҷрои супориши бадастомада илман исбот кардани онҳо зиддият вуҷуд дошта бошад.

Дар идора кардани фаъолияти хонандагон имкониятҳои нотиқии омӯзгор бузург аст ва ин диққати хонандагонро ба мавзуъ ҷалб мекунад. Раванди азхудкунии донишҳо барои омӯзгор бо ёрии шаклҳои гуногуни фаъолияти хонандагон равшан мешавад.

Нақли проблемавӣ ду хел мешавад. Дар баъзе мавридҳо омӯзгор вазъияти проблемавиро ба вуҷуд оварда, аз тариқи ҳалли мисол паҳлуҳои гуногуни мавзуъро нишон медиҳад. Маводи мавҷударо таҳлил мекунад, таклифҳои баҳсталаб ба миён мегузорад. Навъи дуюми нақли проблемавӣ аз он иборат аст, ки барои ҳалли масъалаҳои проблемавӣ худи хонандагон ҷалб карда мешаванд. Дар ин сурат ҳам баёни масъалаҳои проблемавӣ гуногун шуда метавонад.

Суҳбат шакли муколамавии фаъолияти омӯзгор бо хонандагонро ифода карда, барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳои дидактикӣ истифода мешавад. Суҳбат ба омӯзгор имкониятҳои нисбатан васеътареро баҳри идора кардани раванди маърифатӣ фароҳам меоварад. Афзалияти асосии он маҳз аз ҳамин иборат аст, ки саволҳо ба омӯзгор имконият медиҳанд, ки фаъолияти фикрии хонандагонро ошкор созад.

Методикаи гузаронидани суҳбат мураккаб аст. Муваффақияти он дар аввал аниқ муайян кардани мавзуъ ва вазифаҳои мушаххаси таълим мебошад. Ҳангоми ба суҳбат тайёр шудан, омӯзгор муайян мекунад, ки кадом донишҳои хонандагонро ӯ истифода мекунад ва дар ҳалли вазифаҳои ба миён гузошта чӣ гуна ёрӣ расонида метавонад.

Ғояҳои асосии усулҳои таълим ва интерактивӣ дар он зоҳир мешавад, ки донишро дар шакли тайёр ба таълимгиранда додан имкон надорад. Ин маънои онро дорад, ки омӯзгори замони муосир бояд ҷараёни таълимро хуб ба роҳ монда тавонад, ки ба хонандагон барои пешрафти дониш ёрӣ расонад. Маҳз барои ҳамин таълим хонандаро бояд ба ҷустуҷӯ, тадқиқ ва ҳалли мушкилиҳои муҳимми муҳити ӯро иҳотакарда ворид созад.

Хулоса, барои ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мо, омӯзгоронро, зарур аст, ки ба таълиму тарбия бештар диққат дода, аз имконоти замони муосир ба таври васеъ истифода намоем.

## АДАБИЁТ:

1. *Атутов П.Р. Технология и современное образование // Педагогика. 1996. – № 2. – С. 11-14.*

2. *Брушлинский А.В. Психология мышления и проблемное обучение. – М.: «Знание», 1983. – 96 с.*

*3.Кудряцев В.Т. Проблемнре обучение: истоки, сущность, перспективы. – М.: «Знание», 1991. – С. 80*

*4.Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе. – Прросвещение, 1977 М., – С. 97-101.*

*5.Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе. Книга для учителей. – «Маҳмутов М.И», 1977. – 240 с.*

*6.Афанасьева И.В. Особенности педагогической технологии управления самостоятельной работой учащихся в техническом лицее: Автореф. дисс. канд. пед. наук. – М., 1999. – 43 с.*

*7.Беспалько В.П. Основы теории педагогических систем. Воронеж: Изд. Воронежского гос. ун-та, 1977. – 304 с.*

*8.Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения. – М., 1995.*

**РИЁЗӢ**



***Рашид РАҲИМОВ,***
***профессори ДДМИТ***

# НОБАРОБАРИИ БЕРНУЛЛӢ ВА ТАТБИҚИ ОН



Вобаста ба муҳтавои дидактика-назарияи педагогика моро зарур аст, ки ба хонандагон ба ғайр аз донишҳои маводи барномаҳои таълимӣ онҳоро бояд ба мустақилият, ҷустуҷӯи илмҳои ҳозиразамон ва берун аз барномаи таълимӣ равона созем. Дониши онҳоро бояд бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ба воситаи методикаи таълим сайқал диҳем. Аз ҷумла, тавассути саволҳои тестии пӯшида, кушода, мувофиқоварӣ, корҳои хаттӣ, корҳои мустақилона, пурсишҳои шифоҳӣ бояд хонандагонро ба санҷишҳо тайёр намоем.

Махсусан корҳои мустақилона хонандагонро ба ҷустуҷӯи донишҳои нав ва иловагӣ водор месозад, вазифадор менамояд, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи адабиёти иловагӣ бошанд, аз интернет ва дигар воситаҳо маълумоти даркориро пайдо намоянд. Дар бисёр маврид барои хонанда худомӯзии мустақилонаи беруназ синфӣ аҳамияти калон дорад.

Солҳои охир олимпиадаҳои мактаббачаҳо ва донишҷӯён дар сатҳи баланди илмӣ- методӣ мегузаранд. Шумораи иштирокдорон зиёд гардида, маводи дар олимпиадаи хонандагон пешниҳодшаванда, сол то сол мураккабтар мегарданд. Аз ин рӯ, мо, омӯзгоронро, зарур аст, ки бо дониши баланди педагогӣ ва психологӣ дар дарсҳои муосир аз методҳои анъанавӣ худдорӣ намоем ва роҳу усулҳои фаъоли таълимро дарёфт намуда, дар фаъолияти корӣ истифода кунем.

Дар зери мафҳуми усулҳои фаъоли таълим фаъолияти омӯзгор ва хонанда фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо хонанда дониш, малакаю маҳорат, ташаккулу тафаккуру ҷаҳонбинии хешро таҳким мебахшад.

Ба ақидаи олимон, дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Чунин таълим ба ташаккули қобилияти эҷодӣ, мустақилият, фаъолии донишҷӯён таъсири нокифоя мерасонад.

Ҷаҳоншавӣ ва ворид гаштан ба низоми ягонаи таҳсилот моро водор месозад, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоем.

Барои ба ин ҳадафҳо ноил гардидан, пеш аз ҳама, омӯзгор бояд аз ҳалли масъалаҳои душвори математикӣ ва методҳои ғайристандартии ҳалли онҳо бохабар бошад. Тибқи талаботи минбаъда 70-90% маводи олимпиада берун аз барномаи таълимӣ мебошад. Маводи пешниҳодшаванда қадаме барои ҳалли ин масъала мебошад.

Мақолаи мазкур асосан барои онҳое навишта шудааст, ки ба мактабҳои олии ихтисоси математика дохил шудан мехоҳанд ва дар олимпиадаҳо ширкат меварзанд.

Мо дар зер татбиқи нобаробарии Бернулиро барои ҳалли баъзе мисолу масъалаҳо дида мебароем:

Мафҳуми классикии нобаробарии Бернуллӣ ба намуди зерин баён карда мешавад:

**Теорема.** Агар $x \geq -1$ ва $0 < \alpha < 1$ бошад, он гоҳ нобаробарии $(1+x)^{\alpha} \leq 1 + \alpha x$ (1) иҷро гашта, дар мавриди $\alpha < 1$ ё ки $\alpha > 1$ будан, нобаробарии $(1+x)^{\alpha} \geq 1 + \alpha x$ (2) ҷой дорад. Аломати баробарӣ дар нобаробарории (1) ва (2) фақат дар мавриди $x = 0$ будан ҷой дорад.

**Исбот.** Барои исбот аз принсипи индуксияи математикӣ истифода мебарем.

Бигузор $\alpha = 1$ бошад, он гоҳ нобаробарии (2) ба айнияти $1 + x = 1 + x$ табдил мeёбад. Фарз мекунем, ки нобаробарии (2) барои адади натуралии $\alpha = \kappa$ дуруст аст, бо ибораи дигар нобаробарии $(1+x)^{\kappa} \geq 1 + \kappa x$ (3) ҷой дорад.

Нишон медиҳем, ки нобаробарии (1) барои адади $\alpha = \kappa + 1$низ ҷой дорад, яъне $(1+x)^{\kappa+1} \geq 1 + (\kappa+1)x$ (4)

Дар ҳақиқат: $(1+x)^{\kappa+1} = (1+x)(1+x)^{\kappa}$.

Аз ин ҷо, мувофиқи фарзи кардаамон аз нобаробарии (3) истифода бурда, ҳосил мекунем:

$$(1+x)^{\kappa+1} \geq (1+x)(1+\kappa x) = 1 + \kappa x + x + \kappa x^2 = 1 + (\kappa+1)x + \kappa x^2$$

Азбаски $\kappa x^2 \geq 0$ аст, бинобар ин, нобаробарии (4) ҷой доштааст, ин далел мувофиқи принсипи индуксияи математикӣ маънои онро дорад, ки нобаробарии Бернуллӣ (2) барои адади ихтиёрии $\alpha$ ҷой доштааст. Айнан ҳамин тавр, нобаробарии (1) исбот карда мешавад.

**<u>Мисоли 1:</u>** Муодилаи $\sqrt[17]{1+\sqrt{1-x^{17}}} + \sqrt[17]{1-\sqrt{1-x^{17}}} = 2$ -ро ҳал намоед.

**<u>Ҳал:</u>** Барои ҳар яке аз ҷамъшавандаҳои тарафи чапи муодила нобаробарии Бернуллиро татбиқ менамоем.

$$\sqrt[17]{1+\sqrt{1-x^{17}}} = \left(1+\sqrt{1-x^{17}}\right)^{\frac{1}{17}} \leq 1 + \frac{1}{17}\sqrt{1-x^{17}}$$

$$\sqrt[17]{1-\sqrt{1-x^{17}}} = \left(1-\sqrt{1-x^{17}}\right)^{\frac{1}{17}} \leq 1 - \frac{1}{17}\sqrt{1-x^{17}}$$

$$\sqrt[17]{1+\sqrt{1-x^{17}}} + \sqrt[17]{1-\sqrt{1-x^{17}}} \leq 1 + \frac{1}{17}\sqrt{1-x^{17}} = 2$$

$2 = \sqrt[17]{1+\sqrt{1-x^{17}}} + \sqrt[17]{1-\sqrt{1-x^{17}}} \leq 2$

Аз ин ҷо: 2=2

Аломати баробарӣ фақат дар мавриди$\sqrt{1-x^{17}} = 0$ гардидан ҷой дорад. Аз ин ҷо $x = 1$-ро ҳосил мекунем. Ҳамин тариқ, $x = 1$ решаи муодила будааст.

**Ҷавоб: $x = 1$**

**<u>Мисоли 2:</u>** Муодилаи $\sqrt[13]{1+\sqrt{1-x^2}} + \sqrt[13]{1-\sqrt{1-x^2}} = 2$-ро ҳал намоед.

**<u>Ҳал:</u>** Барои ҳар кадоме аз ҷамъшавандаҳо нобаробарии Бернуллӣ (1)-ро татбиқ менамоем:

$$\sqrt[13]{1+\sqrt{1-x^2}} + \sqrt[13]{1-\sqrt{1-x^2}} = \left(1+\sqrt{1-x^2}\right)^{\frac{1}{13}} + \left(1-\sqrt{1-x^2}\right)^{\frac{1}{13}} \geq$$

$$\geq 1 + \frac{1}{13}\sqrt{1-x^2} + 1 - \frac{1}{13}\sqrt{1-x^2} = 2$$

$$2 \leq \sqrt[13]{1+\sqrt{1-x^2}} + \sqrt[13]{1-\sqrt{1-x^2}} = 2$$

Аз ин ҷо $2 = 2$

Баробарии додашуда фақат дар мавриди $\sqrt{1-x^2} = 0$ гардидан имконпазир аст. Решаи муодила $x = \pm 1$ будааст.

**Ҷавоб: $x = \pm 1$.**

**<u>Мисоли 3.</u>** Қимати калонтарини функсияи $f(x) = \sqrt{1 - \frac{x}{3}} + +\sqrt[6]{1+x}$-ро ёбед.

**<u>Ҳал:</u>** Нобаробарии Бернуллиро барои ҳарду ҷамъшавандаи функсия татбиқ намуда, ҳосил менамоем. $f(x) = \left(1 - \frac{x}{3}\right)^{\frac{1}{2}} + (1+x)^{\frac{1}{6}} \leq 1 - \frac{x}{6} + 1 + \frac{x}{6} = 2.$

Азбаски дар ҳар як нобаробарии Бернуллӣ аломати баробарӣ дар мавриди $x = 0$ будан ҳосил мегардад, бинобар ин, $f(0) = 2$ қимати калонтарини функсия ба ҳисоб меравад.

**Ҷавоб: 2**

**<u>Мисоли 4.</u>** Муодилаи $(\sin^2 x)^{tg^2 x} - (\cos^2 x)^{ctg^2 x} = \frac{1}{2}$–ро ҳал кунед.

**Ҳал:** Аз айнияти асосии тригонометрия $\sin^2 x + \cos^2 x = 1$ истифода намуда, ҳосил менамоем. $(1-\cos^2 x)^{tg^2 x} - (1-\sin^2 x)^{ctg^2 x} = \frac{1}{2}$

Нобаробарии Бернуллиро барои ҳарду тарафи муодилаи ҳосил гардида татбиқ менамоем.

$$1 - tg^2 x \cdot \cos^2 x - 1 + ctg^2 x \cdot \sin^2 x = \frac{1}{2}$$

$$-\frac{\sin^2 x}{\cos^2 x} \cdot \cos^2 x + \frac{\cos^2 x}{\sin^2 x} \cdot \sin^2 x = \frac{1}{2}$$

$$\cos^2 x - \sin^2 x = \frac{1}{2}$$

$$\cos 2x = \frac{1}{2}$$

Муодилаи одитарини тригонометриро ҳал намуда, ҳосил менамоем.

$$2x = \pm arc\cos\frac{1}{2} + 2\pi n, n \in Z$$

**Ҷавоб:** $\boldsymbol{x = \pm\frac{\pi}{6} + \pi n, n \in Z}$

Акнун татбиқи нобаробарии Бернуллиро барои ёфтани қиматҳои калонтарин ва хурдтарини функсияҳо дида мебароем. Илова бар ин, баъзе нобаробариҳои муҳимро ҳосил менамоем.

Бисёре аз масъалаҳои амалӣ ба ин ё ягон функсияи дигар оварда мешаванд. Масалан, агар $\mathcal{X}, \mathcal{Y}, \mathcal{Z}$- дарозии теғаҳои яшики сарпӯшдошта (паралелопипед) бошад, он гоҳ масоҳати сатҳи пурраи қуттӣ $\mathcal{S} = 2\mathcal{XY} + 2\mathcal{YZ} + 2\mathcal{ZX}$ $\mathcal{X}, \mathcal{Y}, \mathcal{Z}$ ва ҳаҷми он бо формулаи $\mathcal{V} = \mathcal{XYZ}$ ифода карда мешаванд.

Агар материале, ки барои сохтани қуттӣ истифода мешавад, қимат бошад, он гоҳ албатта, барои сохтани ҳаҷми қуттии додашуда кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ҳар чӣ қадар материал (мавод) камтар сарф шавад, бо ибораи дигар, масоҳати сатҳи қуттӣ хурдтарин бошад. Мо мисоли одитарини масъалаи максимум ва минимуми функсияҳои бисёртағйирёбандаро овардем. Ин гуна масъалаҳо зуд-зуд вомехурад, математикҳои шинохта, ҳама вақт барои коркарди ҳалли ин масъалаҳо методҳои махсусро ҷустуҷӯ менамоянд.

Дар ин ҷо такя ба нобаробариҳои исботкардашуда, якчанд масъалаҳоро ҳал менамоем. Пеш аз ҳама, теоремаҳои зеринро, ки барои исботи онҳо нобаробарии Бернуллиро истифода мебаранд, беисбот меоварем.

**Теоремаи 2**. Агар$a > 0, \alpha > 1, x \geq 0$ бошад, он гоҳ функсияи $y = x^\alpha - ax$

Дар нуқтаи $x = (\frac{a}{\alpha})^{\frac{1}{1-\alpha}}$ ба қимати хурдтарини ба $(1-\alpha)\left(\frac{a}{\alpha}\right)^{\frac{\alpha}{\alpha-1}}$ баробар буда, доро мегардад.

**Исбот.** Теорема дар мавриди $\alpha = 2$ будан, бо осонӣ исбот карда мешавад. Дар ҳақиқат. Азбаски $x^2 - ax = \left(x - \frac{a}{2}\right)^2 - \frac{a^4}{4}$ аст, бинобар ин функсия барои қимати нуқтаи $x = \frac{a}{2} > 0$ ба қимати хурдтарин доро мегардад, ки он ба $-\frac{a^2}{4}$ баробар мегардад.

Барои қимати ихтиёрии $\alpha > 1$ теорема бо ёрии формулаи Бернулии дар теоремаи 1 исботшудаи (2) мушаххас карда мешавад. Азбаски $\alpha > 1$ аст, бинобар ин, нобаробарии $(1+z)^\alpha \geq 1 + \alpha z, z > -1$ ҷой дорад, дар айни ҳол барои ин нобаробарӣ, аломати баробарӣ фақат дар мавриди $z = 0$ будан ҷой дорад. $y = 1 + z$-ро ишора намуда нобаробарии $y^\alpha = (1+z)^\alpha \geq 1 + \alpha z = 1 + 2(y-1) \Rightarrow y^2 - 2y \geq 1 - 2, y \geq 0$-ро ҳосил менамоем, дар айни ҳол аломати баробарӣ фақат дар мавриди $y = 1$ будан ҷой дорад. Ҳар ду тарафи баробарӣ охиронро ба $c^\alpha$ зарб зада, ба $(cy)^\alpha - \alpha c^{\alpha-1}(cy) \geq (1-\alpha)c^\alpha, y \geq 0$ доро мегардем.

$x = cy$ва$dc^{\alpha-1} = a, c = \left(\frac{a}{\alpha}\right)^{\frac{1}{\alpha-1}}$-ро фарз намуда, ба нобаробарии $y = x^\alpha - ax \geq (1-\alpha)c^\alpha = (1-\alpha)\left(\frac{a}{\alpha}\right)^{\frac{\alpha}{\alpha-1}}$ доро мешавем, дар айни ҳол аломати баробарӣ фақат барои $x = c = (\frac{a}{\alpha})^{\frac{1}{\alpha-1}}$ ҷой дорад.

Ҳамин тариқ, функсияи$y = x^\alpha - ax, \alpha > 1, a > 0, x \geq 0$ дар нуқтаи $x = (\frac{a}{\alpha})^{\frac{1}{1-\alpha}}$ ба қимати хурдтарини ба $(1-\alpha)\left(\frac{a}{\alpha}\right)^{\frac{\alpha}{\alpha-1}}$ баробар бударо, доро мегаштааст. Теорема исбот гардид.

Дар мавриди хусусӣ функсияи $y = x^2 - ax$ $(\alpha = 2)$ ***(ҳангоми будан)*** дар нуқтаи $x = (\frac{a}{2})^{\frac{1}{2-1}} = \frac{a}{2}$ ба қимати хурдтарини $y\left(\frac{a}{2}\right) = (1-2)\left(\frac{a}{2}\right)^{\frac{2}{2-1}} = -\frac{a^2}{4}$ доро мегардад. Ин натиҷа ба хулосае, ки пештар ба даст оварда будем, мувофиқат менамояд. Функсияи $y = x^3 - 27x$ қимати хурдтарини худро дар нуқтаи $x = \left(\frac{27}{3}\right)^{\frac{1}{3-1}} = 3$ қабул менамояд, ки он $y(3) = (1-3)\left(\frac{27}{3}\right)^{\frac{3}{3-1}} = -2 \cdot 9^{3/2} = -2\sqrt{9^3} = -2 \cdot 3^3 = -2 \cdot 27 = -54$ аст.

**Эзоҳ.** Барои минбаъд, қайд менамоем, ки функсияи $y = ax - x^\alpha = -(x^\alpha - ax)$, ки дар ин ҷо $a > 0, \alpha > 1, x \geq 1$ мебошанд, дар нуқтаи $x = (\frac{a}{\alpha})^{\frac{1}{\alpha-1}}$ ба қимати калонтарин $(\alpha - 1)\left(\frac{a}{\alpha}\right)^{\frac{\alpha}{\alpha-1}}$ доро мегардад.

__Мисоли 5.__ Аз қулачӯб болори мустаҳкамиаш калонтаринро тарошед.

__Ҳал:__ Бигузор $AB = x$-дарозии болор, $BC = y$-баландии он ва $AC = d$- диаметри ғӯлачӯб (расми 1) бошанд.

Мустаҳкамии болор ба ҳосили зарби дарозии болор ва квадрати баландии он мутаносиби роста мебошад.

Мустаҳкамии болорро бо P ишора намуда, ҳосил менамоем:

$$P = kxy^2 - kx(d^2 - x^2) = k(d^2x - x^3)$$

Функсияи $P_1 = d^2x - x^3$ дар мавриди $x = \left(\frac{d^2}{3}\right)^{\frac{1}{\alpha-1}} = \frac{d}{\sqrt{3}}$,

$y^2 == d^2 - x^2 = \frac{2}{3}d^2, y = \frac{d}{\sqrt{3}}\sqrt{2} = \sqrt{2}x$ будан, ба қимати калонтарини худ доро мегардад.




Расми 1.

**Ҷавоб: болор дорои мустаҳкамиаш калонтарин мегардад, агар нисбат ба баландии он ба дарозиаш $\sqrt{2} \approx 1,4 = \frac{7}{5}$ гардад.**

**Мисоли 6.** Андозаҳои аз ҳама муфидтарини зарфи силиндршакли (банкаи консерва) дорои зертаг ва сарпӯш бударо ёбед.

**Ҳал.** Андозаҳои зарф аз ҳама муфидтарин ба ҳисоб меравад, агар дар мавриди маълум будани ҳаҷми зарф, барои сохтани он маҳсулоти камтарин сарф карда шавад, бо ибораи дигар, агар зарф дорои масоҳати сатҳи хурдтарин бошад.

Бигзор $V = \pi r^2 h$- ҳаҷми зарф бошад, ин ҷо $r$- радиус, $h$- баландии силиндр мебошад. Сатҳи пурраи зарф бо формулаи $S = 2\pi r^2 + 2\pi r h$ ифода карда мешавад. Азбаски $h = \frac{V}{\pi r^2}$ аст, бинобар ин, ба формулаи $S = 2\pi r^2 + 2\pi r\frac{V}{\pi r^2} = 2\pi r^2 + \frac{2V}{r}$ доро мегардем.

Фарз менамоем, ки $x = \frac{1}{r}$ аст, он гоҳ $S = 2\pi x^{-2} + 2Vx = 2\pi(x^{-2} - \frac{V}{\pi}x)$-ро ҳосил менамоем.

Функсияи $f(x) = x^{-2} + \frac{V}{\pi}x$, мувофиқи натиҷаи ба даст овардаи мисоли 5 ва эзоҳи дар исботи теорема овардашуда дар нуқтаи $x = (\frac{V}{2\pi})^{\frac{1}{2-1}} = \sqrt[3]{\frac{2\pi}{V}}$ ба қимати хурдтарин доро мегардад. Ба ишораҳои пештар истифода бурдаамон баргашта $\frac{1}{r} = \sqrt[3]{\frac{2\pi}{V}}, r^3 = \frac{V}{2\pi} = \frac{\pi r^2 h}{2\pi}, r = \frac{h}{2}, h = 2r = d$-ро ҳосил менамоем.

**Ҷавоб: Зарф дорои андозаҳои аз ҳама муфид мегардад, агар баландӣ ва диаметри он якхела бошанд.**

## Мисолҳо барои кори мустақилона

1. Қимати калонтарини функсияи $y = \sin x \sin 2x$-ро ёбед.
2. Қимати калонтарини функсияи $y = \cos x \cos 2x$-ро ёбед.
3. Қимати хурдтарини функсияи $x^\alpha + ax$-ро ёбед, дар ин ҷо $\alpha < 0, a > 0, x \geq 0$ мебошад.

## АДАБИЁТ:

1. *Евсюк С.Л. Математика. Тестовые задания с решениями. – Минск: Букмастер, 2013-2018 с.*
2. *П.П. Коровкин. Неравенства. - М: Наука. – 1974.*
3. *Блох А.Ш. Трухан Т.Л. Неравенства, «Народная света». – Минск. – 1972.*

## ТАҚРИЗ



***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***номзади илми филология***

# ТАҲҚИҚИ МАХСУСИЯТҲОИ ПУБЛИТСИСТИКАИ ТОҶИК




Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва расидан ба ваҳдати миллӣ, дар кишвар дигаргуниҳои азиме ба вуқӯъ пайвастанд. Бунёди роҳҳо, НБО-ҳо, нақбҳо, корхонаҳои бузурги саноатӣ, муассисаҳои нави таълимию тандурустӣ ва амсоли инҳо аз ҷумлаи корҳои бузургеанд, ки иртибот бо сиёсати хирадмандонаву ватанпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доранд. Тавре маълум аст, корномаҳои Пешвои миллат дар адабиёти бадеиву публитсистӣ ба таври доманадор инъикос ёфтаанд. Дарвоқеъ, дар бозтоби симои қаҳрамонони арсаи меҳнат, инъикоси дастовардҳои замони истиқлол, таҳкими ваҳдати миллӣ, таҳлилу баррасии мушкилоти ҷомеа, тавсифи раванди бунёдкориҳои азим дар кишвар ва ғайра нақши публитсистика бузургу мондагор аст. Публитсистика ҳамчун соҳаи эҷод вижагиву махсусиятҳои хос дошта, ба мавзуъҳое иртибот мегирад, ки барои ҷомеа муҳим ва арзишманд мебошад ва метавонад ба афкори омма таъсиргузор бошад. Дар замони ҷаҳонишавӣ роҳу воситаҳои гуногуни таъсир расондан ба тафаккури ҷомеа мавҷуд буда, пеш аз ҳама, бозтоби раванди бунёдкориҳои азим ва ба таври шоиста муаррифӣ кардани онҳо аз масоили муҳим маҳсуб меёбанд. Дар баробари инъикоси онҳо дар осори алоҳидаи публитсистӣ, нашрияҳои даврӣ низ дар ин самт ифодакунандаи бевоситаи таърихи созандагиҳои кишвар ба шумор меравад. Ҳамин аст, ки имрӯз осори публитсистӣ дар ташаккули афкори омма нақши бориз дорад ва ҷомеаро ба сӯйи бунёдкориву созандагиҳо ҳидоят месозад. Дар ин замина, ҳамасола асарҳои пажуҳишии зиёде ба табъ мерасанд, ки дар шинохти бештари публитсистикаи муосири тоҷик мусоидат мекунанд.

Доктори илми филология, профессор Мурод Муродӣ дар рушду такомули публитсистикашиносии тоҷик хидмати арзанда анҷом додааст. Мавсуф асарҳои зиёде эҷод кардааст, ки «Публитсистикаи ҳаҷвӣ», «Аз замон то замон», «Публитсистикаи тоҷик» ва ғайра аз ҷумлаи онҳоянд. Ба наздикӣ китоби нави профессор Мурод Муродӣ бо номи «Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик» (Душанбе: Истеъдод, 2022. – 304 с.) аз чоп баромад, ки ба муҳимтарин проблемаҳои назарӣ ва амалии публитсистикаи миллӣ бахшида шудааст. Китоб фарогири бобҳои «Вижагиҳои таҳқиқи публитсистика», «Замони муосир ва публитсистика», «Баъзе вижагиҳои жанрҳои публитсистика» ва «Тақризҳо» мебошад.

Боби якум масоили марбут ба вижагиҳои функсионалӣ, мухсусиятҳои публитсистикаи қабл аз журналистӣ, ҷанбаҳои назарӣ ва амалии шинохти публитсистикаи муосир, публитсистика дар

таҳқиқоти олими барӯманд, шодравон Асадулло Саъдуллоев ва хусусиятҳои мавзуиву проблемавии таҳқиқи маводи ВАО-ро дар бар мегирад. Дар ин боб муҳаққиқ дар шинохти назария ва амалияи публитсистика андешаҳои ҷолиб ва тоза баён кардааст. Дар зимн функсияҳои иттилоотию иртиботӣ, маърифатӣ, иҷтимоиву ислоҳотӣ ва эстетикии публитсистикаро мушаххас карда, нақши онҳоро дар ташаккули афкори омма нишон додааст. Муаллиф рисолати публитсистикаро таҳлилу баҳогузорӣ ва шарҳу тавзеҳ бахшидааст, ки ба таҷассуми ғояҳои олӣ ва инъикоси раванди созандагиҳо дар кишвар дар осори публитсистон алоқаманд мебошад. Пажуҳишгар, аз ҷумла, менигорад: «…ҷомеа дар ҳар давру замон ба эҷоди публитсистӣ ниёз дорад, публитсистика на танҳо афкори иҷтимоиро ба шакл медарорад, балки ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеаро тағйир медиҳад».

Доир ба вижагиҳои публитсистикаи қабл аз журналистӣ андешаҳои муаллиф бо таҳлили ҳамаҷонибаи асарҳои дар ин замина эҷодгардида ва махсусиятҳои он марбут мебошад. Андешаҳои муҳаққиқ дар заминаҳои пажуҳишҳои дар ин самт таълифшуда ҷолиб буда, таҳқиқи ҳаматарафа ва муайяну мушаххас намудани вижагиҳои публитсистикаи қабл аз журналистӣ ба муҳаққиқ имкон додааст, ки дар контексти илмӣ ба таври фарогир ҷанбаҳои мазкурро ба хонанда пешниҳод намояд. Муҳаққиқ дар таҳлили масоили зикршуда ба таври хеле дақиқ публитсистикаи қабл аз журналистиро баҳогузорӣ намуда, омили асосии онро «таъсиррасонӣ бо сухан» арзёбӣ кардааст. Дар идома махсусиятҳои илмию назариявии онро нишон медиҳад.

Нахустин шакли онро дар «фолклор, бахусус, ҳаҷви он» донистааст. Барои тасдиқи гуфтаҳояш рубоии машҳури «Аз Хуталон омадия, Ба рӯ табоҳ омадия, Овор боз омадия, Хашанг низор омадия…»-ро овардааст ва омилу сабаб ва решаҳои таърихии эҷоди ин қитъашеърро таҳлил намудааст. Аз ҷумла, мавсуф зикр менамояд: «Ин порчаи шеърӣ қувваи баланди таъсиррасонӣ дорад. Дар он на танҳо халифаи Хуросон Ҳасан ибни Абдулло масхара мешавад, балки руҳи муборизахоҳонаи мардум талқин мегардад».

Дуюм махсусияти ин давра, осори дорои оҳанги иҷтимоӣ мебошад, ки ин ҷанбаро низ муҳаққиқ бо овардани асарҳои ба ин мавзуъ бахшидашуда вобаста ба марҳалаҳои таърихӣ таҳлилу баҳогузорӣ кардааст. Аз ҷумла, таҳлилу баррасии «Гуфтор дар ҳаҷви Султон Маҳмуд»-и Абулқосими Фирдавсӣ, «Сафарнома» ва «Мунозира бо Худо»-и Носири Хусрав, «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ, «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», «Сад панд» ва «Муш ва гурба»-и Убайди Зоконӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш дар пажуҳиши устод низ хеле ҷолиб рақамзанӣ шудаанд.

Сеюм самт, ба андешаи устод М. Муродӣ, публитсистикаи китобӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷанбаи таъсиргузорӣ дар мадди аввал меистад. Ба гунаи мисол асарҳои Абдураҳмони Мустаҷир «Рӯзномаи Искандаркӯл», Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ «Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик», Мирзо Сироҷи Ҳаким «Туҳафи аҳли Бухоро», Муҳаммад Саидхоҷаи Гулшанӣ «Таърихи ҳумоюн» зикр ва таҳлил гардидаанд.

Хулосаи муҳаққиқ низ ҷолиб аст: «…публитсистикаи қабл аз журналистии тоҷик ба ғайр аз воизӣ, дар се шакл: осори шифоҳии дорои оҳанги ҳаҷвӣ, адабиёти бадеии иҷтимоигароёна ва асарҳои сирф публитсистӣ инкишоф ёфтааст. Дар ташаккули публитсистикаи тоҷик омилҳои гуногун: воқеаҳои таърихӣ, истибдод, зиддиятҳои иҷтимоӣ ва амсоли ин таъсир гузошта бошанд ҳам, таассуроти сафар таъсири бештар доштааст. Маҳз дидани зиндагии нисбатан пешрафтаи кишварҳои дигар боиси ангезаи фикри иҷтимоӣ гардидааст».

Дар рисола масъалаи шинохти назария ва амалияи публитсистика мавқеи асосӣ дорад. Ҳамин аст, ки профессор М. Муродӣ дар таърифу баҳогузорӣ ба публитсистикаи муосир таҳқиқи фарогир ва густурда анҷом додааст. Бояд гуфт, ки масъалаи шинохти публитсистика ва ба ҳайси илми алоҳида омӯхтани он дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби олимони рус мавриди пажуҳиш қарор гирифта, ҳамчун соҳаи алоҳидаи эҷод публитсистикаи тоҷик дар охири асри XX дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ба таври васеъ баррасӣ гардид ва ба сифати шохаи ҷудогонаи илм ба миён гузошта шуд. Дар ин ҷода саҳми олимони номвари тоҷик И. Усмонов, А. Саъдуллоев, П.

Гулмуродзода, А. Азимов, М. Мурод ва дигарон арзишманд мебошад. Муҳаққиқон махсусиятҳои илмию назариявии публитсистикаро дар воқеият, далоилу арқом, бадеияти сухан, тарғиби сиёсат ва ғояҳои пешқадам маънидод карда, таъсир расондан ба афкори оммаро муқаддаму муҳим донистаанд. Муаллиф зимни омӯзишу таҳқиқ асарҳои дар ин замина эҷодгардидаро таҳлилу баррасӣ карда, нақши онҳоро дар рушду инкишофи публитсистикаи тоҷик муҳим арзёбӣ намудааст. Дар баробари ин, осори публитсистиро дар офаридани симои шахсиятҳои таърихиву иҷтимоӣ ва тасвиру бозтоби бунёдкориҳо дар замони истиқлол таҳқиқ ва дар зимн чанде аз асарҳои публитсистиро, ки перомуни корномаи Пешвои миллат таълиф гардидаанд, ёдовар шуда, асарҳоеро, ки ба бунёди сохтмонҳои азим иртибот доранд, аз нигоҳи илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Аз ҷумла, асарҳои публитсистони шинохта Бахтиёри Муртазо «Нақби Истиқлол», Шералӣ Мӯсо «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷасорат», Ҳанифаи Муҳаммадохир «Сангрезаҳои Сангтӯда», Раҷабалӣ Аҳмад «Роҳун – ифтихори миллат», Мираҳмад Амиршоҳӣ «Армоншикании ҳазорсола» ва амсоли инҳоро дар заминаи вижагиҳои қонунмандиҳои илмӣ-назариявӣ таҳқиқ намуда, махсусиятҳои онҳоро дар бозтоби бунёдкориҳои азими кишвар нишон додааст.

Дар боби дуюми китоб масъалаҳои воқеияти замон ва маърифати публитсистика, публитсистика дар маҷаллаи «Садои Шарқ», нақши публитсистика дар ташаккули афкори созанда, бозтоби ваҳдати миллӣ дар публитсистика, ситоиши корнамоӣ, садоқат ба ормону ғояҳои миллӣ, меҳнатпарастӣ, таравнуми меҳнати созандаву одамияти баланд ва дигар масоили умдаи публитсистикаи муосири тоҷик мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар ин боб мақолаҳои муҳаққиқ дар заминаи омӯзиши матолиби публитсистии нашрияҳо ва фаъолияти эҷодии публитсистони шинохта Бахтиёри Муртазо ва Раҷаб Мардон рӯйи сафҳа омадааст.

Дар раванди инъикоси масоили иҷтимоӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (солҳои 2018, 2019), ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (соли 2020), бозтоби ваҳдати миллӣ дар публитсистика, баррасии осори публитсистии Бахтиёри Муртазо ва Раҷаб Мардон ба таври густарда баҳогузорӣ ва аз нигоҳи илмӣ натиҷагирӣ шудаанд. Дар ин гурӯҳи навиштаҳо муҳаққиқ матолиби публитсистонро баррасӣ намуда, дар ин самт дастовардҳои онҳоро дар бозтобу таҷассуми масъалаҳои муҳими иҷтимоии ҷомеа бозгӯӣ кардааст. Ин омил ба ӯ имкон додааст, раванди бозтоби дастовардҳои замони истиқлол, сохтмони роҳҳову нақбҳо, НБО-ҳо ва амсоли инҳоро дар таълифи публитсистон нишон диҳад, ки ин омил, аз як тараф, вазъи публитсистикаи тоҷикро дар баррасии масъалаҳои муҳими ҷомеа муайяну мушаххас намояд, аз тарафи дигар, мушкилоти онро дар замони имрӯза бозтоб мекунад ва вазифаҳои навро барои публитсистон ба миён мегузорад. Аз ҷумла, дар маҷаллаи «Садои Шарқ» рубрикаи «Иҷтимоиёт» мавҷуд аст, ки дар ин саҳифа матолиби публитсистӣ ба нашр мерасанд ва муҳаққиқ зимни таҳлилу таҳқиқ ба чунин хулоса расидааст, ки навиштаҳои ин рубрика «аз рӯй хусусият ва таносуби воқеияту бадеият аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин нигоҳ, маводи рубрикаи мазкурро ба се навъ метавон ҷудо намуд: 1) публитсистикаи ҳуҷҷатӣ; 2) публитсистикаи бадеӣ; 3) публитсистикаи ҳуҷҷативу бадеӣ».

Таҳлилҳои муаллиф дар матлаби «Бозтоби ваҳдати миллӣ дар публитсистика» низ бештар ба як таҳқиқоти фарогири илмӣ шабоҳат дорад. Дар ин мақолаи илмӣ муҳаққиқ асарҳои назмиву насрии публитсистиеро, ки ба мавзуи сулҳу ваҳдати миллӣ бахшида шудаанд, ба таври фишурда таҳлилу баррасӣ кардааст, ки таҳқиқи ҳаматарафаи ин мавзуъ дар шакли рисолаҳои илмӣ бояд дар мадди назари аҳли илм қарор гирад. Муаллиф нигоштааст: «Сулҳ заминагузори ваҳдат ва осоиши кишвар аст, онро бояд маърифат кард, ба қадраш расид ва ба наслҳои имрӯзу оянда ҳамчун олиҳаи зебоиву осудагӣ тарғиб кард. Дар ин кор, пеш аз ҳама, адибону публитсистон ва олимону муҳаққиқон саҳм гузошта метавонанд».

Масъалаҳои таҳлил ва таҳқиқи осори публитсистони шинохта Бахтиёри Муртазо ва Раҷаб Мардон аз ҷумлаи муҳимтарин пажуҳишҳо маҳсуб меёбад. То ин дам перомуни публитсистикаи Б. Муртазо таҳқиқоти илмӣ сурат гирифта бошад ҳам, паҳлуҳои норавшани эҷодиёти публитсист

ҳанӯз ба пажуҳиши густурда ниёз дорад. Таълифоти Р. Мардон ҳанӯз ба таври фарогир аз нигоҳи илмӣ ва талаботи журналистика омӯхта нашудааст. Дар ин ҷода устод М. Муродӣ ба таври иҷмолӣ баъзе асарҳо ва очеркҳои ӯро барои хонанда рақамзанӣ кардааст, ки ба гумони мо, омӯзиши мақолаи мавриди назар ба илми публитсистикашиносӣ ва пажуҳишҳои минбаъда заминаи муҳими илмӣ фароҳам меорад.

Дар боби сеюм масъалаҳои жанрҳои публитсистика дар контексти пажуҳишҳои илмӣ, хусусиятҳои функсионалӣ ва аломатҳои жанрии вокуниш мавриди пажуҳиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Ин боб ду мақоларо фаро гирифтааст, ки нахуст, муҳаққиқ жанрҳои публитсистикаро, ки дар атрофи он баҳсҳои зиёд ба вуҷуд омадааст, таҳлил намудааст. Воқеан, ҳанӯз баҳсҳои зиёд байни муҳаққиқон вуҷуд дорад, ки ба таснифи жанрҳо ва қолабҳои нави жанрӣ рабт мегиранд. Дар мақола нақши олимони шинохтаи рус М. И. Калинин, М. С. Черепахов, Е. М. Журбина, М. Колтсов, Д. К. Бекасов, Е. П. Прохоров, П. Ткачёв, Ю. С. Баранович, А. А. Тертичний, М. Н. Ким, ГВ. Лазутина, Кройчик, В. В. Смирнов, А. И. Акопов, Л. В. Шабаева, Е. Е. Пронина, О. Р. Смартсев ва муҳаққиқони тоҷик А. Нуралиев, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, М. Муродӣ, С. Гулов ва ғайра ёдоварӣ гардидааст. Дар хусуси асарҳои бо забони тоҷикӣ таълифгардидаи олимони тоҷик хулосаҳои муҳаққиқ ҷолиб ва мавриди омӯзиш бояд қарор гирад: «…имрӯз омӯзиши ҷанбаҳои назарӣ ва функсионалии журналистика ва татбиқи онҳо дар фаъолияти амалии рӯзноманигорӣ аз масъалаи муҳим ва мубрам маҳсуб меёбанд. Мубрамияти ин масъала ба ду ҷиҳат: таълимӣ ва илмӣ тавъаманд аст. Аз мундариҷа ва муҳтавои баъзе адабиёти таълимӣ ва ҳамчунин, мушоҳидаҳо аз иштирок ба дарсҳои бархе аз омӯзгорон чунин таассурот ҳосил мешавад, ки раванди таълим аз илми муосир дур шудааст».

Доир ба вокуниш ва хусусиятҳои жанрии он устод М. Муродӣ бар ин назар аст, ки вокуниш «аз рӯйи пайдоиш ва интихоби мавзуъ, сохт ва низоми ташреҳу таҳлил, тарзи баёни фикр, муносибат, мавқеъгирии муаллиф, хислати нақл ва хулоса» ба гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ иртибот мегирад.

Қисмати охири китоб тақризҳои муаллифро дар солҳои гуногун, ки дар нашрияҳои даврӣ ба табъ расидаанд, ба ҳам овардааст. Муаллиф дар баробари дастовардҳои асарҳои интихобшуда, инчунин, баъзе камбудиҳои онҳоро бо назокати хос дар тақризҳои худ баён кардааст. Тақризҳои мазкур, аз як тараф, мазмуну муҳтавои асарҳои мавриди назарро бозгӯйӣ намоянд, аз ҷониби дигар, риоя гардидани махсусиятҳои жанри тақриз ба мушоҳида мерасад.

Китоби «Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик» аз чанд ҷиҳат арзишманд мебошад.

Якум, муҳаққиқ масоили нав ва вижагиҳои публитсистикаи муосирро таҳлилу баррасӣ намудааст. Публитсистону муҳаққиқон бояд дар баррасӣ ва инъикоси масъалаҳои муҳими замон ба он такя намоянд ва имконоти публитсистикаро дар маърифати авзои сиёсии замон ва раванди бунёдкориҳо ба инобат гиранд.

Дуюм, пажуҳиши муҳаққиқ дар заминаи усули илмии омӯзишу муқоиса сурат гирифтааст ва дар иртибот ба масъалаҳои публитсистикаи муосир зина ба зина мавзуъро шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки хонанда, ба ин васила, аз як тараф, маълумоти умумӣ ба даст меорад, аз ҷониби дигар, шинохти публитсистикаро ба ӯ осон менамояд.

Сеюм, муҳаққиқ дар муайян намудани рисолати публитсистика, назария ва амалияи он ба асарҳои зиёди илмӣ муроҷиат карда, андешаҳояшро бо мисолҳои муътамад асоснок кардааст.

Чорум, пажуҳишҳои муаллиф дар баробари тавзеҳу тафсири махсусиятҳои илмии публитсистикаи муосир, инчунин, як силсила мавзуъҳои мушаххасро ҷиҳати таҳқиқи оянда ба вуҷуд овардааст, ки ҳаллу фасли онҳо амрест воқеӣ.

Панҷум, гарчанде ки бобҳои китоб аз ҳам фарқ менамоянд, вале дар маҷмуъ, паҳлуҳои гуногуни назариявию амалии публитсистикаи муосирро аз ҷиҳати илмӣ бозгӯ месозанд.

Дар маҷмуъ, китоби донишманди тоҷик Мурод Муродӣ «Воқеияти замон ва публитсистикаи тоҷик» аз ҷиҳати назариявӣ ва илмию амалӣ арзиши баланд дошта, ба устодону омӯзгорон ва муҳаққиқони соҳаи журналистика хидмати арзанда хоҳад кард.

**ШИНОХТ**

# ТАБИАТ, ИЛМ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ

## ГЕОРГ КАНТОР - ПОЯГУЗОРИ НАЗАРИЯИ МАҶМУЪҲО



Математики машҳури олмонӣ Георг Кантор соли 1845 дар Петербург дар оилаи мансабдори намояндагии дипломатии Олмон таваллуд ёфтааст. Гимназияро дар шаҳри Берлин хатм кард ва минбаъд математикаро дар Сюрих, Геттинген ва Берлин омӯхта, соли 1867 дараҷаи магистрро соҳиб шуд. Пас аз ин ба Галле сафар карда, дар он ҷо дар вазифаи ассистенти донишгоҳ кор кард. Соли 1869 Кантор дараҷаи илмии доктори математикаро соҳиб гардид ва пас аз се сол ӯро ба вазифаи профессори экстраординатор тайин карданд. Соли 1879 дар вазифаи профессори ординарӣ ва ҳамзамон, мудири кафедраи математика дар Донишгоҳи Галле таъин гардида, то соли 1913 дар он ҷо кор кард. Корҳои нахустини Кантор ба қаторҳои Фуре ва назарияи ададҳои ирратсионалӣ бахшида шудаанд. Солҳои 1874 - 1895 Кантор асареро ба нашр расонид, ки дар он асосҳои назарияи маҷмуъҳои сохтаашро дохил карда буд. Ин фасли математика хосиятҳои маҷмуъҳоро новобаста аз хосиятҳои элементҳое, ки ин маҷмуъҳо аз онҳо сохта шудаанд, меомӯзад.

Якчанд соли минбаъдаи ҳаёти худро Кантор ба мукаммал сохтани назарияи маҷмуъҳо сарф кард. Ӯ мавҷудияти маҷмуъҳои ғайриэквивалент (яъне, бо тавоноиашон фарққунанда)-и беохирро исбот кард, мафҳуми аниқи тавоноии маҷмуъро овард ва исбот кард, ки маҷмуи ададҳои ҳақиқӣ назар ба маҷмуи ададҳои ратсионалӣ «сершумортар» мебошад (бо тавоноиаш бартарӣ дорад). Кантор, инчунин, асосҳои назарияи маҷмуъҳои нуқтагиро дода, эквивалент будани маҷмуи нуқтаҳои порчаи хати рост ва маҷмуи нуқтаҳои фазои n ченакаро исбот кард. Шумораи он корҳоеро, ки Кантор доир ба назарияи маҷмуъҳо анҷом додааст, номбар кардан хеле мушкил аст. Мунтахаби осори Кантор бо номи “Назарияи маҷмуъҳо”, ки аз ҷониби Академияи илмҳои Германия чоп шудааст, аз се ҷилди калонҳаҷм иборат аст. Соли 1897 маризӣ бар ӯ ғолиб омад, сиҳатиаш якбора рӯ ба таназзул ниҳод ва бо ҳамин истеъдоди ғайриодии ин олими сатҳи ҷаҳонӣ хотима ёфт. Дар он замон ӯ ҳамагӣ якчанд кори илмиро доир ба асосҳои математика ва мантиқи математикӣ чоп кард. Идеяҳои Кантор дар аввал аз ҷониби олимони замонааш хуш пазируфта нашуданд ва ӯро зери тозиёнаи танқид қарор дода буданд. Танҳо пас аз якчанд даҳсолаи чопи асарҳояш кашфиёти ӯро олимон эътироф карданд ва ин дастовардҳо дар инкишофи минбаъдаи математика таъсири бузург гузоштанд. Дар замони мо назарияи маҷмуъҳои Кантор мағзи асосии илми математикаро ташкил медиҳад ва ин назария дар китобҳои дарсии ҳам мактабҳои миёна ва ҳам мактабҳои олӣ дохил карда шудааст.

# АНРИ ЖЮЛ ПУАНКАРЕ - МУТАФАККИРИ БУЗУРГИ МАТЕМАТИКА ВА МЕХАНИКАИ КАЙҲОНӢ



Анри Жюл Пуанкаре, математик, физик ва астрономи назариявии бузурги Франсия 29-уми апрели соли 1854 дар шаҳри Нанс чашм ба олами ҳастӣ кушод. Соли 1873 ба Мактаби политехникии шаҳри Париж дохил шуда, онро соли 1879 хатм кард ва соҳиби унвони муҳандис, инчунин, дараҷаи илмии доктори фанҳои математикӣ гардид. Солҳои 1879 -1881 дар факултети фанҳои дақиқ дар Донишгоҳи ш.Кан лексия хондааст. Соли 1881 ӯро ба Донишгоҳи Сорбон барои лексия хондан даъват карданд. Соли 1886 ӯро ба сифати профессори Донишгоҳи Сорбон қабул карданд. Пуанкаре аз зумраи математикҳои бузургтарини нимаи дуюми асри X1X-и Франсия мебошад. Лексияҳои ӯ ба ҷабҳаҳои мухталифи илми математика бахшида шуда, ҳар сол дигар мешуданд. Лексияҳо мувофиқи хоҳиши шунавандагон таҳия ва баргузор мегардиданд. Пуанкаре аз физикаи механикӣ ва таҷрибавӣ ё эксперименталӣ, физикаи математикӣ, назарияи эҳтимолиятҳо ва механикаи осмон лексия мехонду дарс медод. Хислати фарқкунандаи корҳои илмии Пуанкаре аз математика дар самти классикии онҳо будааст, вале ӯ тавонистааст роҳҳои инкишофи математикаи муосирро нишон диҳад. Дар корҳои илмии хеш Пуанкаре барои назарияи муодилаҳои дифференсиалии коэффитсиентҳояшон ҳарфӣ низ ҷой ҷудо кардааст. Дар натиҷа барои пайдоиши синфи функсияҳои транстсендентӣ, яъне функсияҳои автоморфӣ замина гузоштааст. Дар ин кор ӯ, аз ҷумла, аз геометрияи Лобачевский истифода бурдааст. Ҳамзамон, Пуанкаре бо топология ва асосҳои математика низ машғул шудааст.

Пуанкаре муаллифи асарҳои пурарзиши “Озодии илм” (соли 1905), “Илм ва гипотеза” (соли 1906) мебошад, ки бо ёрии онҳо тавонист дастовардҳои назариявии илми математикаро баҳри мақсадҳои амалӣ моҳирона истифода намояд.

Дар соҳаи физикаи математикӣ Пуанкаре бо проблемаи мувозинати ҷисми моеъи чархзананда (соли 1885) машғул шуда, таҳқиқ анҷом додааст. Ӯ соли 1889 мукофоти шоҳи швед Оскарро барои ҳалли “Масъалаи се ҷисм” соҳиб гардид. Пуанкаре солҳои 1892-1893 асари сеҷилдаи худро бо номи “ Методҳои нави механикаи осмон” навишта ба охир расонид, ки дар он ақидаи Лапласро доир ба пайдоиши Кайҳон дастгирӣ кардааст. Пуанкаре ҳамчун Лаплас бо назарияи эҳтимолиятҳо низ машғул шудааст. Хидматҳои ин олими бузург натиҷа дода, ӯ соли 1887 ба узвияти Академияи Илмҳои Париж пазируфта шуда, ба ғайр аз ин, ба узвияти 22 академияҳои хориҷӣ қабул гардида, 8 донишгоҳи маъруфи хориҷ аз кишвараш ӯро ҳамчун профессори фахрии хеш интихоб кардааст. Пуанкаре аз рӯи ақидаҳои фалсафиаш тарафдори равияи фалсафии махизм буд ва зери таъсири прагматизм ва неокантианизм қарор дошт. Ӯ мавҷудияти равияи объективии материяро қабул надошт ва дар корҳои илмии худ ақидаҳои агностикиро ситоиш мекард. Пуанкаре чунин ҳисоб мекард, ки арзёбӣ ва қиматӣ на дар дуруст инъикос ёфтани ҳақиқат, балки дар фоида ва ба мақсади мувофиқ истифода бурдани он мебошад.

Пуанкаре 17-уми июли соли 1912 дар шаҳри Париж вафот кардааст.

## КАМИЛ ЖОРДАН - ПЕДАГОГ ВА МАТЕМАТИКИ БАРҶАСТА



Дар курси анализи математикӣ бо мафҳумҳои матритсаи Жордан, хати каҷи Жордан ва ғайра дучор меоянд. Насаби Жорданро дар дигар фаслҳои математика низ дучор омадан мумкин аст. Аз ҷумла, дар назарияи функсияҳо, дар алгебра ва махсусан, дар назарияи гурӯҳҳо бо номи ин олими шинохта мафҳумҳо ва истилоҳоти бунёдӣ боқӣ мондаанд, ки хеле муҳим арзёбӣ карда мешаванд.

Жордан соли 1838 дар шаҳри Крау-Русс, дар қарибии Лиони мамлакати Фаронса таваллуд шудааст. Тамоми умри ӯ бо Мактаби политехникии Париж иртиботманд аст. Ӯ аввал дар ин ҷо таҳсилро ба итмом расонида, сипас, дар давоми 40 сол ба кори омӯзгорӣ машғул буд. Тавлиди идеяи нав, ки он барои инкишофи минбаъдаи математикаи ҷаҳонӣ аҳамияти фавқулодда бузург дошт, далели аз ҷониби нобиғаи нокому ғурамарг Эварист Галуа ошкор гардидани назарияи гурӯҳҳо буд. Жордан идеяи мазкурро тарафдорӣ карда, ҳамроҳ бо Клейн ва Ли ҷонибдорони фаъоли он эътироф гардиданд. Онҳо методҳои бо ин назария алоқамандро ба тартиб оварданд ва мукаммал гардониданд. Жордан соли 1870 маҳз дар ҳамин бора пажуҳиш анҷом додааст, ки дар он методи Галуаро дар бораи назарияи муодилаҳои алгебравӣ тақвият бахшидааст. Асари дуюми сеҷилдаи ӯ доир ба анализи математикӣ “Курси анализ” (солҳои 1883- 1887) аз ҷиҳати мухтасарӣ, дақиқи сухан ва интизоми дохилии баёни мавзуъҳо намунаи ин гуфтаҳост.

Мувофиқи ақидаҳои баъзе олимони математик қимати бузурги идеяҳо, ки дар корҳои Жордан омадаанд, дар мушкилии фаҳмидани онҳо будааст. Аксари корҳои илмиаш дар маҷаллаҳои илмии фаронсавӣ ва итолиёвӣ ба нашр расонида шудаанд. Дар онҳо гурӯҳҳои ҳаракати бисёррӯяҳо, муодилаҳои дифференсиалии хаттӣ, геометрияи бисёрченака, назарияи арифметикии шаклҳои квадратӣ ва назарияи гурӯҳҳо таҳқиқ карда шудаанд. Аз ҷумлаи кашфиёти илмии Жордан хати каҷи ошкоркардаи ӯро қайд кардан бамаврид аст. **Жордан хатти каҷи бефосилаеро ошкор сохтааст, ки он аз ҳамаи нуқтаҳои квадрати додашуда мегузарад**. Аз хислатҳои шахсии ӯ ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки Жордан ба меҳмонӣ рафтанро дӯст намедошт, бинобар ин, меҳмонҳои худро хуш намепазируфт. Мувофиқи ёддошти математики бузурги англис Силвестер, Жорданро дарк бояд кард, зеро ӯ бо мушкилтарин проблемаҳои математикаи замонаш машғул буд ва онҳо аз олим заҳмат ва талоши зиёдро талаб мекарданд. Аксари ҳамасрон Жорданро ҳамчун намояндаи барҷастаи мактаби математикҳои Фаронса мешинохтанд. Аз ин рӯ, ҳоло номи Жордан бо ҳарфҳои заррин дар таърихи математика сабт гардидааст.

Камил Жордан соли 1922 дар шаҳри Милан вафот кардааст.

## АЛЕКСАНДР МИХАИЛОВИЧ ЛЯПУНОВ – ОЛИМИ СЕРТАЛАБУ СУББОТКОР

Осори илми Александр Михаилович Ляпунов ба он давраи инкишофи математика рост омадааст, ки аксари мушкилоти математикӣ ба математикаи «соф» тааллуқ надоштанд ва онҳо аз зарурати ҳал кардани масъалаҳои мушаххаси гуногуни техникӣ ва физикӣ ба миён омада буданд.



Ин вазъият ба осори илмии Ляпунов низ бетаъсир намонд ва дар он нақши худро гузошт. А. М. Ляпунов соли 1857 дар Ярославл таваллуд шудааст. Пас аз вафоти падараш астрономи машҳур Александр соли 1870 ба гимназияи шаҳри Нижегородск дохил шуд ва онро соли 1876 бо медали тилло хатм кард. Ӯ дар ҳамин сол ба факултети табиатшиносии Донишгоҳи Петербург дохил шуд, вале пас аз як моҳ бо ариза ба факултети дигари донишгоҳи мазкур гузаронида шуд. Дар ин ҷо ӯ лексияҳои профессори машҳур Чебишевро гӯш карда, ҳамзамон, кори худро барои иштирок дар озмун ба Жюри пешниҳод кард. Дар натиҷаи ҷамъбасти озмун ӯро бо медали тилло сарфароз гардониданд. Пас аз хатми донишгоҳ Ляпунов соли 1880 соҳиби дараҷаи илмии номзади илм гардид ва дар кафедраи механикаи донишгоҳ ба кор қабул карда шуд. Заҳматҳои илмии Ляпунов бо кафедраи мазкур алоқаманд буда, корҳои илмиаш ба назарияи системаи муодилаҳои одии дифференсиалӣ, масъалаи Дирихле ва назарияи потенсиалҳо дахл доранд. Ба ғайр аз ин, Ляпунов бо назарияи эҳтимолиятҳо низ машғул шуда, теоремаеро исбот кардааст, ки дар ин фасли математика мавқеи устуворро ишғол мекунад ва яке аз натиҷаҳои муҳимми ҳудудии ин фан маҳсуб меёбад.

Дар ташаккули истеъдоди Ляпунов нақши устод ва мурабиаш олими шинохтаи рус Панфутий Чебишев ниҳоят бузург аст. Ӯ соли 1885 таҳти роҳбарии ин олими бузург рисолаи илмӣ дифоъ кард.

Тирамоҳи ҳамон сол Ляпунов дар вазифаи дотсенти кафедраи механикаи амалии Донишгоҳи Харков таъйин гардид. Ляпунов пурмутолиаву серталаб будааст. Гарчанде корҳои илмиаш барои гирифтани дараҷаи илмии воло мувофиқ буданд ӯ аз гирифтани дараҷаи илмӣ даст кашидааст. Унвони илмии доктори фанҳои математикаро ӯ пас аз омода кардани кори илмиаш бо номи “Масъалаи умумии бефосилагии ҳаракат” (соли 1892) дар Академияи илмҳои Россия соҳиб гардид. Дар ин пажуҳиш масъалаҳои зиёдро доир ба проблемаҳои мавҷудаи муодилаҳои дифференсиалӣ ҳал кардааст. Дар давраи инқилоби соли 1917 Ляпунов дар Одесса зиндагӣ мекард. Ляпунов дур аз шуғли дӯстдошта ва марги завҷааш рӯҳафтода гардида, охири соли 1918 ба худкушӣ даст задааст.

Музаффариятҳои Ляпунов дар рушди илми математика бузург буда, бисёре аз макотиби олии Россия ва академияҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Академияи илмҳои Фаронса ба ӯ унвони узви вобастаро сазовор донистанд. Мо дар охир яке аз далелҳои муҳимро аз дастовардҳои илмии ин олими бузург мисол меорем. Ин нобаробарӣ, ки дар таърихи илм бо номи Нобаробарии Ляпунов машҳур аст, нишон медиҳад, ки дар натиҷаи мушоҳидаҳои новобастаи $x_1, x_2, \ldots, x_n$ муноситати зер ҷой дорад:

$$\sqrt[k]{\frac{1}{n}\sum_{i=1}^{n}|x_i|^k} \le \sqrt[k+1]{\frac{1}{n}\sum_{i=1}^{n}|x_i|^{k+1}}.$$

***Таҳияи А.ШАРИФЗОДА,***
***номзади илмҳои физика ва математика***

# МУАММОИ «ҲАНДАСА»




**АЗ БОЛО БА ПОЁН:** Қаҳрамони достони «Ҳасани аробакаш» - и М. Турсунзода. 3. Персонажи ҳикояи «Кампир Изергил» - и Горкий. 4. Пок, тоза. 5. Исми Шоири халқии Тоҷикистон. 8. Номи маъмулии занонаи тоҷикӣ. 9. Истилоҳи илми технология. 10. Нашрия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 11. Қисми паҳлуии лашкар, яке аз ду тарафи лашкар, ки маймана ё майсара мебошад. 12. Хеле таҷрибадор, мумтоз. 16. *** Мухторов, академики АМИТ. 18. Паранда. 20. Шакли ҷамъи вожаи мулк. 21. Изофа, зам кардан.

**АЗ ЧАП БА РОСТ:** Иҷрогари нақши Тӯлод аз филми «Достони Рустам». 6. Парандаи хушранг. 7. Хеле камёфт, исми мардона. 10. Поён, хотима. 11. Қуръон бо забони русӣ. 14. Синоними ҷуфтистеъмоли вожаи «орзу». 15. Шакли ҷамъи калимаи «олим». 17. Аз байн бурдан, соқит кардан. 19. *** и Форёбӣ, донишманди асри миёнаи тоҷик. 22. Як гӯшаи баҳр ва дарё. 23. Бекорагард. 24. Деҳае, ки Садриддин Айнӣ таваллуд шудааст.

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД***